ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# АРЗЁБИИ ДАСТОВАРДҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

## Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанни таърих

МОДУЛИ

4

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

# МОДУЛИ 4

## АРЗЁБИИ ДАСТОВАРДҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

**Модули таълимӣ омӯзгорони фанни таърих**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-3 тасдиқ карда шудааст.

**Мурратиб:** Карам Парпишоев

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| Н.М. Қодиров, | мутахассиси шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; |
| Б. Ҳайдаров, | мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон; |
| Н. Ҳакимов, | дотсенти кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. |

Ин модул ба омӯхтани усулҳои арзёбии раванди таълим дар асоси муосибати босалоҳият бахшида шудааст. Он ба омӯзгорон ёрӣ медиҳад, то тафаккури таҳлилӣ ва интиқодии хонандагонро рушд диҳанд. Мавод шаклҳои гуногуни арзёбиро дар бар мегирад, ки ба муносибати босалоҳият дар таълим мутобиқанд. Онҳо усулҳои худназорат, варақаҳои мушоҳидавӣ, меъёрҳои дидактикӣ ва воситаҳои таҳлили фаъолияти таълимии хонандаро фаро мегиранд. Ин воситаҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки сатҳи ташаккули салоҳиятҳои калидӣ, аз ҷумла тафаккури интиқодӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳо, муошırати муассир ва худтанзимкуниро дар муҳити таълим муайян ва таҳлил намояд. Арзёбӣ на танҳо натиҷаи ниҳоии омӯзишро, балки раванд ва динамикаи инкишофи салоҳиятҳоро низ дар бар мегирад.

**Мундариҷа**


Пешгуфтор ………………………………………………………………………… 4

1 Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ………………………………………… 5

2 Усулҳои арзёбии салоҳиятҳои калидӣ (4К+) дар таълими дарсҳои таърих ………. 38

Адабиёт ва сарчашмаҳо……………………………………………………………… 74

## ПЕШГУФТОР

Дар шароити болоравии талабот ба сифати таҳсилот, муносибати босалоҳият асоси методологии таҳсилот табдил меёбад, ки на танҳо ба азхудкунии донишҳо, балки ба рушди қобилиятҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ низ нигаронида шудааст. Ин муносибат дар асоси меъёр ва принсипҳои байналмилалии таҳсилоти муосир ташкил ёфтааст.

Арзёбӣ дар татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим на танҳо чен кардани дониш аст, балки равандест дуҷониба, ки барои таҳлил, тафаккур ва дастгирӣ ба ҳисоб меравад. Салоҳият дониш, малака ва қобилиятҳои татбиқ намуданро дар бар мегирад, бинобар ин арзёбӣ ҷузъи раванди таълим ва воситаи рушди шахсият мебошад.

Усулҳо, мисли мушоҳида, хударзёбӣ, арзёбии ҳамсолон ва чек - листҳо (варақаи санҷишӣ), на танҳо натиҷа, балки тарзи фикр, талош ва мавқеи фардии хонандаро нишон медиҳанд. Арзёбӣ ба гуфтугӯ байни омӯзгор ва хонанда табдил меёбад, ки ҳар ду дар рушд ва дарки таълим саҳм мегиранд.

Таърих арзёбии ҳассос ва махсусро талаб мекунад. Аз ин рӯ, бояд тафаккури интиқодӣ, фаъолиятҳои шаҳрвандӣ ва дарки арзишҳоро ташаккул диҳад. Масалан, муҳокимаи шуриши Восеъ ё ҷанги шаҳрвандии солҳои 90 - ум на танҳо донишҳоро, балки мавқеи ахлоқӣ, орзӯи оштӣ ва ҳамдардиро арзёбӣ мекунад.

Омӯзиши ин модул кумак мекунад, ки арзёбиро ҳамчун воситаи ҳавасмандӣ ва худшиносӣ истифода бурд. Дар шароити афзоиши талабот ба сифати таҳсилот, арзёбӣ ба ҷузъи муҳими раванди таълим ва рушди шахсият табдил меёбад. Муносибати босалоҳият моро водор месозад, ки салоҳиятҳои 4К+ — тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, коммуникатсия, ҳамкорӣ ва маҳорати омӯхтанро арзёбӣ намоем. Арзёбӣ на танҳо натиҷа, балки раванд ва қобилияти татбиқи донишҳоро дар шароити воқеӣ фаро мегирад.

Тарҳрезии меъёрҳои дидактикӣ барои арзёбии салоҳиятҳо муҳим аст. Онҳо бояд равшан ва ба салоҳиятҳои мақсаднок мутобиқ бошанд. Бозхонд ва ҳавасмандӣ бояд муҳити эътимодро фароҳам оранд, ки дар он арзёбӣ воситаи дастгирӣ бошад, на фишор.

Супоришҳои амалӣ ва маводҳои ташхисӣ ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки арзёбиро дар шароити таълим татбиқ намояд. Омӯзгор нақшаи инфиродии арзёбиро таҳия мекунад, равандҳои равобитро дарк ва воситаҳои мувофиқро барои дарсҳои таърих интихоб мекунад.

Дар натиҷа, арзёбӣ ба воситаи инсонии рушдкунанда ва созанда табдил ёфта — он ба хонандагон дар рушди шахсӣ ва ба омӯзгорон дар роҳнамоӣ ва дастгирӣ мусоидат мекунад.

# МАВЗУИ 1

## Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда

**Чиро донистан муҳим аст?**

Чор принсипи калидии арзёбии ташаккулдиҳанда:

1. **Равонасозӣ ба пешрафти шахсии хонанда** – афзоиши инфиродӣ муҳим аст, на муқоиса бо дигарон.
2. **Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият** – хонандагон медонанд, ки чӣ талаб шуда, кори онҳо чӣ гуна баҳогузорӣ мешавад.
3. **Алоқаи бозгашти созанда** – шарҳҳо дар фаҳмидани чӣ хуб иҷро шудааст ва чӣ бояд такмил ёбад, кумак мекунанд.
4. **Ҷалби хонандагон ба раванди арзёбӣ** – тавассути худбаҳогузорӣ, баҳогузории мутақобила ва муҳокимаи натиҷаҳо.

**Чиро бояд тавонист?**

- Табдил додани мақсадҳои умумии дарс ба супоришҳои таълимии арзёбишаванда.
- Таҳияи меъёрҳои равшан ва объективии муваффақият барои намудҳои гуногуни кор (ҷавоби шифоҳӣ, лоиҳа, кор бо харита).
- Додани робитаи мутақобилаи созанда бо истифодаи усулҳои гуногун.
- Истифодаи воситаҳои хударзёбӣ ва баҳогузории мутақобила: варақаҳои санҷишӣ, харитаҳои пешрафт, варақаҳои хулосабарорӣ.

**Саволҳои асосӣ барои муҳокима**

- Шаклҳои арзёбӣ аз арзёбии анъанавӣ бо чӣ фарқ мекунад?
- Нақши омӯзгор ва хонанда дар раванди арзёбӣ чӣ гуна тағйир меёбад?
- Барои чӣ меъёрҳои шаффофи муваффақият заруранд ва чӣ гуна онҳоро бо хонандагон муҳокима кардан мумкин аст?
- Алоқаи мутақобилаи созанда ба ангеза ва пешрафти хонанда чӣ гуна таъсир мерасонад?
- Чӣ гуна метавон хонандагонро ба раванди арзёбӣ ҷалб кард, то ки ин арзёбӣ барои онҳо муфид гардад?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. **Шарҳ додани** фарқияти арзёбии ташаккулдиҳанда аз арзёбии анъанавӣ.
2. **Шарҳ додани** аҳамияти чаҳор принсипи арзёбии ташаккулдиҳанда ба таълим.
3. **Тартиб додани** мақсади дарс дар шакле, ки барои хонандагон фаҳмо бошад.
4. **Таҳияи** меъёрҳои равшан ва объективӣ ба арзёбии намудҳои гуногуни фаъолият.
5. **Пешниҳоди** робитаи мутақобилаи созандаи хаттӣ ва шифоҳӣ.

# Муқаддима

Арзёбӣ танҳо барои баҳо гузоштан аст. Он метавонад ба ангезаи хонандагон, муносибати онҳо ба таълим ва ҳатто ба чӣ гуна қуввату имкониятҳои худро дидани хонандагон таъсир расонад.

*Чӣ гуна бояд арзёбиро на танҳо ба сабти натиҷа, балки ба воситаи рушди шахсӣ табдил дод?*

Маҳз ба ҳамин савол арзёбии ташаккулдиҳанда ҷавоб медиҳад.

Дар **машғулияти аввал** арзёбии ташаккулдиҳанда аз арзёбии анъанавӣ бо чӣ фарқ карданро метавонед фаҳмед, бо ду принсипи асосии он - равонасозӣ ба пешрафти шахсии хонанда ва меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият шинос мешавед. Ин ақидаҳо нигоҳ ба дарсро тағйир дода, ба ҳар як хонанда имкон медиҳанд, ки роҳи рушди шахсии худро бубинад.

Дар **машғулияти дуюм** таваҷҷуҳ ба роҳҳои ташкили робитаи мутақобилаи созанда ва ҷалби хонандагон ба раванди арзёбӣ ҷиҳати ба иштирокчиёни фаъол ва масъули таълими худ табдил ёфтан, равона мешавад. Усулҳоеро баррасӣ мекунем, ки алоқаи бозгаштро муфид ва иштироки хонандагонро маънидор мегардонанд.

Дар **машғулияти сеюм** машқ аст: Шумо худ таҷрибаи истифодаи воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро гирифта, меъёр, рӯйхатҳои санҷишӣ ва воситаҳои алоқаи бозгашт, ки метавонед онҳоро дар кори худ фавран истифода баред, таҳия мекунед.

Ин мавзуъ дар бораи он аст, ки чӣ гуна арзёбиро ба воситаи фаҳмо ва муфид табдил додан мумкин аст, ки ба хонандагон дар омӯзиши огоҳона кумак кунад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Арзёбии ташаккулдиҳанда** – равандест, ки дар он арзёбӣ барои дастгирии раванди таълим истифода мешавад: дастовард ва душвориҳои хонандагон муайян гардида, алоқаи мутақобила барои беҳтарсозӣ анҷом дода мешавад.

**Арзёбии анъанавӣ** – санҷиши дониш бо мақсади гузоштани баҳо, ки натиҷаро бе таваҷҷуҳ ба рушди минбаъда, сабт мекунад.

**Меъёрҳои муваффақият** – нишондодҳои равшан ва фаҳмо, ки тибқи онҳо иҷрои кор арзёбӣ шуда, ба хонанда кумак мекунанд, ки фаҳмад, чиро аз ӯ интизоранд.

**Алоқаи мутақобилаи созанда** – шарҳҳои омӯзгор ё ҳамсинфон, ки ҷиҳатҳои қавии корро нишон дода, барои беҳтарсозии он тавсияҳои мушаххас медиҳанд.

**Худбаҳодиҳӣ** – равандест, ки дар он хонанда худ сифати корашро арзёбӣ мекунад ва муайян месозад, ки чӣ хуб иҷро шудааст ва чӣ ниёз ба такмил дорад.

**Баҳогузории мутақобила** – равандест, ки дар он хонандагон кори якдигарро тибқи меъёрҳои мувофиқ арзёбӣ ва бо шарҳҳои созанда мубодила мекунанд.

**Миқёсҳои пешрафт** – воситаҳое, ки ба хонанда имкон медиҳанд, ки дастовардҳои худро пайгирӣ карда, динамикаи рушди малакаҳоро бубинанд.

# МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ОМӮЗИШ:**

1. **Шарҳ додани** фарқияти арзёбии ташаккулдиҳанда аз арзёбии анъанавӣ.
2. **Шарҳ додани** аҳамияти чаҳор принсипи арзёбии ташаккулдиҳанда барои раванди таълим.



## АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

1. **Саволҳо барои андеш:**

- Ба ёд оред, ки вақте, шумо хонанда ё донишҷӯ будед, кадом намуди арзёбӣ барои шумо муфидтар буд? Чаро?
- Кай баҳо воқеан кумак мекард, фаҳмед, ки чиро бояд минбаъд иҷро кунед, ва кай танҳо эҳсоси муваффақият ё нокомиро боқӣ мегузошт?
- Арзёбии одилона барои шумо чӣ маъно дорад?

***Шаклифаъолият:***

- Дунафара як саволе интихоб кунед, ки ба назари шумо муҳимтарин ё ҷолибтарин аст.
- Ҷавоби кӯтоҳ омода кунед, ки тайёред онро ба гурӯҳ пешниҳод намоед.

2. **«Воқеа аз ҳаёт»**

Пас аз кори назоратӣ, омӯзгор дафтарҳоро бо баҳоҳо тақсим мекунад ва натиҷаи умумии синфро кӯтоҳ шарҳ медиҳад:

*«Умуман хуб иҷро кардед, аммо бисёриҳо дар иҷрои супориши 3 хато кардаанд. Андеша кунед, ки чӣ гуна онҳоро пешгирӣ кардан мумкин аст».*

Дар гурӯҳҳо муҳокима кунед:

- Ба назари шумо, омӯзгор кадом корро хуб анҷом дод?
- Дар чунин шакли арзёбӣ барои хонандагон чӣ метавонад муфид бошад?
- Шумо худ ҳамчун хонанда ба чунин алоқаи мутақобила чӣ гуна вокуниш нишон медодед?
- Чиро тағйир медодед ё ба омӯзгор чӣ тавсия медодед, то ки арзёбӣ барои хонандагон муфидтар гардад?

3. **Супориш барои гурӯҳҳо: «Арзёбӣ барои рушд»**

| – Арзёбӣ барои рушд чӣ маъно дорад?<br>Се нишонаи чунин муносибатро нависед: | – Чӣ гуна он дар дарс намоён мешавад?<br>Кӯтоҳ тавсиф кунед (2–3 ҷумла): |
|---|---|
| 1.<br>2.<br>3. | |

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 4.1-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 4.1 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 4.1**

### *1. Мушкилоти арзёбии анъанавӣ*

Арзёбии мактабӣ на танҳо баҳо гузоштан, балки воситаи рушди таълим аст. Арзёби нишон медиҳад, ки дар таълим ба чӣ таваҷҷуҳ дорем. Агар дар дарсҳо азбаркунӣ ва такрори далелҳо муҳимтарин бошанд, маҳз ҳамин чиз арзёбӣ мешавад. Агар мо хоҳем, ки хонандагон тафаккур, таҳлил ва ҳамкориро омӯзанд, пас низоми арзёбӣ бояд маҳз ҳамин мақсадҳоро дастгирӣ кунад.

Баҳои анъанавии мактабӣ асосан ду вазифаро иҷро мекард: назорати сатҳи дониш ва гурӯҳбандии хонандагон. Баҳо нишон медод, ки кӣ муваффақ аст, кӣ дар сатҳи миёна қарор дорад ва кӣ ба дастгирии иловагӣ ниёз дорад, новобаста аз он ки низоми панҷхолӣ ё даҳхолӣ истифода мешуд. Хонандагон баҳоро мебинанд, аммо ҷавоби саволҳои асосиро намегиранд:

- Ман дақиқ чӣ корро дуруст анҷом додам?
- Дар куҷо хато кардам?
- Ман бояд минбаъд чӣ кор кунам?

Як мушкилоти муҳими дигар – **нақши ғайрифаъоли хонанда** аст. Дар низоми анъанавӣ ӯ қариб ки дар арзёбӣ иштирок намекунад:

- мақсадҳои таълимро намефаҳмад, онҳоро кам ба хонанда мерасонанд, ва ҳатто камтар бо ӯ муҳокима мекунанд;
- муваффақиятҳои худро таҳлил намекунад, малакаи худбаҳогузориро ташаккул намедиҳад, наметавонад дастовард ва душвориҳои худро бубинад;
- дар баҳогузории мутақобила иштирок намекунад, аз муколама ва алоқаи мутақобила бо ҳамсинфон маҳрум аст;

Дар натиҷа, баҳо қарори берунаи омӯзгор ва тартиби сабт боқӣ мемонад, на воситаи рушди хонанда.

Бо вуҷуди ин, **нақши ченкунии арзёбӣ муҳим боқӣ мемонад.** Арзёбии ниҳоӣ ба саволи «Хонанда чӣ омӯхт?» ҷавоб медиҳад. Имтиҳонҳо, корҳои назоратӣ, санҷишҳо, баҳо дар журнал сатҳи азхудкунии маводро сабт мекунанд ва барои ҷамъбасти натиҷаҳо заруранд.

Аммо, ғайр аз ин, муносибати дигар низ ҳаст – **арзёбии ташаккулдиҳанда**. Арзёбии ташаккулдиҳанда, ки ба раванди таълим ворид шудааст, амали якдафъаина набуда, муколамаи пайваста байни хонанда, омӯзгор, инчунин байни худи хонандагон аст.

Агар баҳои ниҳоӣ ба саволи «Хонанда чӣ омӯхт?» ҷавоб диҳад, пас арзёбии ташаккулдиҳанда ба саволҳои: *Хонанда ҳоло дар куҷост?, Ба куҷо ҳаракат мекунад? ва Чӣ ба ӯ кумак мекунад, ки ба муваффақият расад? ҷавоб медиҳад.*

Ҳамаи ин мушкилот нишон медиҳанд, ки арзёбӣ дар мактаб ниёз ба бознигарӣ дорад. Он бояд на танҳо натиҷаро сабт кунад, балки ба хонанда кумак намояд, ки омӯзад, ва омӯзгор дарсро тавре созад, ки ҳар хонанда пеш равад.

Ин вазифаро арзёбии ташаккулдиҳанда ҳал мекунад — муносибате, ки баҳоро аз «ҳукми ниҳоӣ» ба воситаи рушд табдил медиҳад.

Биёед баррасӣ кунем, ки арзёбии ташаккулдиҳанда аз арзёбии ниҳоии маъмулӣ бо чӣ фарқ мекунад ва бар кадом принсипҳо асос меёбад.

*2. Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда*

Принсипҳо асоси ҳар як муносибат мебошанд. Онҳо набояд зиёд бошанд, маҳз барои ҳамин онҳо принсипанд. Аз ин рӯ, мо танҳо принсипҳои калидиро ҷудо мекунем, ки бидуни онҳо арзёбии ташаккулдиҳанда бесамараст.

Ин принсипҳо чорчӯбро муайян мекунанд: онҳо ба омӯзгор кумак мекунанд, ки фаҳмад, ки чӣ гуна раванди арзёбиро созмон диҳад, то он воқеан таълимро дастгирӣ кунаду, на танҳо гузоштани баҳо бошад.

**1. Равонасозӣ ба рушди хонанда**

Арзёбӣ ба дастовардҳои шахсии хонанда бояд равона шавад, на ба муқоиса бо дигарон. Натиҷаҳо дар динамика баррасӣ шуда, муҳим на танҳо ҳоло чиро донистани хонанда, балки то куҷо пеш рафтанд мебошад.

**2. Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият**

Хонандагон пешакӣ медонанд, ки кадом кор хуб ҳисобида карда мешавад. Меъёрҳо метавонанд якҷоя бо синф таҳия шаванд, то онҳо барои ҳама фаҳмо ва муҳим бошанд.

**3. Алоқаи бозгашти пайваста ва созанда**

Арзёбӣ бо шарҳҳои мушаххас ҳамроҳ мешавад: чӣ хуб иҷро шудааст, чӣ бояд беҳтар шавад ва чӣ гуна ин корро кардан мумкин аст. Ин баҳоро аз «ҳукм» ба воситаи рушд табдил медиҳад.

**4. Ҷалби хонандагон ба раванди арзёбӣ**

Хонандагон ба раванди арзёбӣ ҷалб шуда, корҳои худро таҳлил мекунанд (худбаҳогузорӣ), шарҳҳо дода аз ҳамсинфон мегиранд (баҳогузории мутақобила), дар муҳокимаи мақсадҳо иштирок мекунанд.

*3. Татбиқи принсипҳо дар дарс*

***Принсипи 1. Равонасозӣ ба рушди хонанда***

Дар дарс чӣ муҳимтар аст: донистани он чи кӣ беҳтарин аст, ё фаҳмидани он ки ҳар як хонанда чӣ гуна пеш меравад? Арзёбии ташаккулдиҳанда муносибати дуюмро интихоб мекунад: он ба пешрафти шахсии ҳар як хонанда равона шуда, кумак мекунад, ки кадом корҳоро аллакай тавонистани хонанда муайян карда, ҷиҳатҳои қавии ӯ кадоманд ва дар кадом самтҳо бояд кор кунад. Омӯзгор на танҳо натиҷаро, балки динамикаро низ арзёбӣ мекунад, то куҷо хонанда нисбат ба корҳои қаблӣ пеш рафтааст.

**Муҳим:** дар арзёбии ташаккулдиҳанда пешрафт бештар бо шарҳҳо, шкалаҳо, варақаҳои санҷишӣ ва муҳокимаҳои муштарак сабт мешавад, на бо баҳо. Ҳатто агар баҳо истифода шавад ҳам, муҳим он аст, ки хонанда фаҳмад, ки он ба чӣ асос ёфтааст ва чӣ қадамҳо ба ӯ кумак мекунанд, ки пеш равад.

Барои он ки ин принсип дар дарс кор кунад, воситаҳое лозиманд, ки пешрафтро намоён месозанд ва муколама бо хонандаро ташкил медиҳанд. Воситаҳои асосӣ инҳоянд:

**1. Портфолиои хонанда**

Ин маҷмӯаи корҳои таълимии хонанда дар давоми як муддати муайян мебошад, ки имкони мушоҳидаи рушди шахсӣ ва баррасии дастовардҳои ӯро фароҳам меорад.

Портфолио — ин танҳо маҷмӯи корҳои иҷрошуда нест, балки як низоми мураттаб бо қоидаҳои мушаххас аст: чӣ гуна маводҳоро ворид кардан, чӣ гуна онҳоро сохторбандӣ намудан, кадом рубрикаҳоро истифода бурдан ва чӣ гуна натиҷаҳоро баррасӣ кардан.

Дар сурати ташкили дуруст, портфолио ба воситаи таҳлили муштарак ва банақшагирии марҳилаи минбаъдаи таълим табдил меёбад.

**2. Варақаҳои инфиродии мақсадҳо**

Шакле, ки дар он хонанда мақсадҳои худро оид ба мавзуъ таҳия карда, қадамҳоро барои расидан ба онҳо нақшагирӣ мекунанд.

***Мисол***: «Муқовимат ба муғулҳо. Темурмалик»

**Мехоҳам донам/фаҳмам:**

☐ Темурмалик ки буд ва чӣ нақш дар муқовимат ба муғулҳо бозид.

☐ Сабаб ва оқибатҳои ҳуҷуми муғулҳо ба Осиёи Миёна кадом буданд.

☐ ______________________________ (мақсади шахсӣ).

**Мехоҳам таҳлил/муқоиса кунам:**

☐ Тактика ва усулҳои муқовимати Темурмалик.

☐ Муқовимати Темурмалик чӣ гуна бо дигар намунаҳои қаҳрамонии таърихӣ мувофиқат мекунад.

☐ ______________________________ (мақсади шахсӣ).

**Мехоҳам эҷод/анҷом диҳам:**

☐ Гузориши кӯтоҳ ё суханронии шифоҳӣ дар бораи рӯйдодҳои муқовимат.

☐ Харитаи таърихӣ бо ҷангҳои асосӣ ва ҷойҳои муқовимат.

☐ ______________________________ (мақсади шахсӣ).

**Гузариш ба нақшаи амал**

Вақте ки хонанда медонад, ки ба чӣ ноил шудан мехоҳад, ба ӯ нақшаи амал лозим аст: чӣ бояд кард, кадом маводро истифода бурд ва онро дар доираи чӣ қадар вақт иҷро кардан лозим аст.

***Мақсад:*** *Омода кардани гузориш дар бораи нақши Темурмалик дар муқовимат ба муғулҳо.*

| Амал | Манбаъҳо | Муҳлат | Натиҷаи интизоршаванда |
|---|---|---|---|
| Омӯхтани тарҷумаи ҳоли Темурмалик ва рӯйдодҳои асосии муқовимат | Китоби таърих, интернет, видео | 1 рӯз | Конспекти кӯтоҳ дар бораи шахсият ва рӯйдодҳо |
| Ҷамъоварии маълумот дар бораи сабаб ва оқибатҳои ҳуҷуми муғулҳо | | 2 рӯз | Рӯйхати сабабҳо, хронологияи рӯйдодҳо |
| Таҳлили стратегия ва тактикаи Темурмалик | Манбаъҳои таърихӣ, муҳокима дар гурӯҳ | 1 рӯз | Ҷудо кардани нуқтаҳои калидии тактикӣ |
| Омода кардани нақшаи гузориш ва рӯнамо | Намунаи рӯнамо, қайдҳо | 1 рӯз | Нақшаи гузориш, слайд бо тасвирҳо |

*Варақаҳои инфиродии мақсадҳо ва нақшаҳои амал ба хонанда кумак мекунанд, ки чӣ кор ва барои чӣ карданро фаҳмада, масъулияти таълимро ба уҳда гирад.*

**Тавсияҳои методӣ**

- **Ба хонандагон кумак кунед, ки** мақсадро дар сатҳҳои гуногун таҳия кунанд: аз сода («донистан, фаҳмидан») то таҳлилӣ ва эҷодӣ («муқоиса кардан», «эҷод кардан»).
- **Имкони интихоб карданро фароҳам оред**: хонанда метавонад як ё якчанд мақсадро интихоб кунад. Интихоби формулаи «1+1» ба мақсад мувофиқаст (як мақсад аз пешниҳодшуда + як мақсади шахсӣ).

- **Пешниҳод кунед, ки хонандагон** дар асоси мақсадҳои наздик барои кор ва мубодилаи натиҷаҳо дар гурӯҳҳо мутаҳид шаванд.
- **Пешрафтро мунтазам муҳокима кунед**: кадом кор иҷро шудааст, чӣ таваҷҷуҳ мехоҳад, чӣ гуна нақшаро ислоҳ кардан мумкин аст.

**3. Харитаи пешрафт**

Воситаи одии намоён/визуалӣ, ки ба хонандагон дар пайгирии пешрафти онҳо ва азхудкунии маҷмӯи малакаҳо дар доираи мавзуъ кумак мекунад.

***Мисол:** Харитаи пешрафт оид ба мавзуи **«Муқовимат ба муғулҳо. Темурмалик»***

| Малака / дониш | Наметавонам | Метавонам |
|---|---|---|
| 1. Номбар кардани рӯйдодҳои калидии ҳуҷуми муғулҳо ба Осиёи Миёна | ☐ | ☐ |
| 2. Шарҳ додани аҳамияти муқовимати Темурмалик барои таърихи минтақа | ☐ | ☐ |
| 3. Тавсифи шахсият ва амалҳои Темурмалик | ☐ | ☐ |
| 4. Ёфтан ва дар харита нишон додани шаҳри Хуҷанд ва ҷойҳои ҷанг | ☐ | ☐ |
| 5. Таҳлили сабаб ва оқибатҳои ҳуҷуми муғулҳо | ☐ | ☐ |

Харитаи пешрафт нишон медиҳад, ки чӣ аллакай азхуд шудааст, чӣ бояд кор карда шуда, раванди таълимро намоён созад.

**Шарҳи методӣ**

Хонанда пас аз ҳар супориш ё дарс сатҳи худро қайд мекунад. Омӯзгор на танҳо динамикаи инфиродиро мебинад, балки душвориҳои маъмулро дар гурӯҳ низ муайян мекунад. Ин имкон медиҳад, ки супоришҳо, шарҳҳо ё суръат ислоҳ карда шаванд ва раванди инфиродии рушд алоҳида ташкил шавад: барои баъзеҳо — коркарди малакаҳои асосӣ, барои дигарон — супоришҳои амиқтар.

Бо ин роҳ муҳити таълимӣ мутобиқ ба ниёзҳои хонандагон ташкил мешавад.

4. **Ыадвали пешрафт**

Воситаи худбаҳодиҳӣ, ки ба хонанда кумак мекунад сатҳи дониш ё малакаи худро дар иҷрои мавзуъ арзёбӣ кунад.

***Мавзуъ**: «Муқовимат ба муғулҳо. Темурмалик»*

*То чӣ андоза ман мавзуи «Муқовимат ба муғулҳо. Темурмалик»-ро мефаҳмам ва шарҳ дода метавонам:*

| Сатҳ | Тавсиф |
|---|---|
| **1** | Ман номҳо ва санаҳои асосиро медонам, аммо фаҳмонида наметавонам, ки чаро Темурмалик рамзи муқовимат шудааст. |
| **2** | Ман рӯйдодҳои асосии муқовиматро тавсиф карда метавонам, аммо дар тафсилот ва сабабҳо иштибоҳ мекунам. |
| **3** | Ман сабабҳои ҳуҷуми муғулҳоро мефаҳмам ва дар бораи стратегия ва амалҳои Темурмалик нақл карда метавонам. |
| **4** | Ман аҳаммияти муқовиматро барои таърихи минтақа, таъсир ба мардум ва робита бо замони муосир шарҳ дода метавонам. |

**Сатҳи худро қайд кунед:** ☐ 1 ☐ 2 ☐ 3 ☐ 4

Ҷадвал пас аз омӯзиши маълумоти нав ё иҷрои супориш истифода мешавад, то хонанда тавонад сатҳи фаҳмиши худро зуд муайян кунад.

**Шарҳи методӣ**

Ҷадвал пас аз омӯзиши маълумоти нав ё иҷрои супориш истифода мешавад. Ин усул барои хонанда аст, ки фаҳмад чӣ мушкили дорад, ва барои омӯзгор ҷиҳати гирифтани алоқаи мутақобила ва танзими дарс мебошад.

**Ҷамъбаст**

Принсипи **«Равонасозӣ ба рушди хонанда»** муносибати арзёбиро дар курси таърих тағйир медиҳад: акнун арзёбӣ ба пешрафти шахсии ҳар хонанда хизмат мекунад, на ба муқоиса байни онҳо.

**Дар мисоли мавзуи «Муқовимат ба муғулҳо. Темурмалик»** мо мебинем, ки чӣ гуна воситаҳои гуногун ба ташкили раванди самараноки таълим кумак мекунанд:

- **Варақаи инфиродии мақсадҳо ва нақшаи амал** ба ҳар хонанда кумак мекунад, ки мақсадҳои шахсии худро муайян карда ва қадамҳои омӯзишро ба нақша гирад — чӣ мехоҳад донад ва чӣ мехоҳад омӯзад.
- **Харитаи пешрафт** нишон медиҳад, ки кадом малака ва донишҳои таърихӣ аллакай азхуд шудаанд (масалан, фаҳмиши рӯйдодҳо, таҳлили сабабҳо ва оқибатҳо).
- **Ҷадвали пешрафт** имкон медиҳад, ки сатҳи дониши малакаҳои таърихӣ зуд муайян карда шавад — аз донистани санаҳо ва далелҳо то таҳлили амиқ ва дарки маъно.
- **Портфолио** натиҷаҳои хонандагонро ба тартиб меандозад: навиштаҳо, лоиҳаҳо, эссе, рӯнамоҳо ва рушд ва дастовардҳоро дар мавзуъ намоён месозад.

Ҳамаи ин воситаҳо якҷоя як **давраи ягонаи** рушдро ташкил медиҳанд: гузоштани мақсадҳои шахсӣ → пайгирии динамикаи азхудкунӣ → таҳлили муваффақият ва душвориҳо → ислоҳ ва нақшаи омӯзиши минбаъда

**Воситаҳо барои татбиқи принсипи «Равонасозӣ ба рушди хонанда»**

| Номи восита | Тавсифи кӯтоҳ | Барои чӣ истифода мешавад |
|---|---|---|
| **1. Портфолио** | Маҷмӯи корҳои таърихии хонанда (эссе, гузоришҳо, харитаҳо, лоиҳаҳо) барои як давра, ки бо қоидаҳои мувофиқ тартиб дода шудааст | Рушди шахсиро дар азхудкунии мавзуи таърихӣ намоён мекунад, асос барои муҳокима ва нақшаи омӯзиши минбаъда |
| **2. Варақаи инфиродии мақсадҳо ва нақшаи амал** | Шакл барои гузоштани мақсадҳои шахсии таълимӣ ва нақшаи омӯзиши рӯйдодҳо ва мафҳумҳои таърихӣ | Ба хонанда кумак мекунад, ки омӯзиши таърихро огоҳона созмон диҳад, ва ба омӯзгор кумак мекунад то манфиатҳои шахсӣ ва сатҳи омодагии хонандаро ба назар гирад |
| **3. Харитаи пешрафт** | Ҷадвал ё тарҳи бо сатҳҳои азхудкунии малака ва донишҳои калидии таърихӣ дар мавзуъ | Динамикаи азхудкуниро пайгирӣ мекунад, душвориҳоро муайян мекунад, ва ба танзими таълим кумак мерасонад |
| **4. Ҷадвали пешрафт** | Ҷадвали кӯтоҳ (масалан, 1–4) барои худбаҳодиҳии сатҳи дониши малакаҳои таърихӣ (таҳлил, шарҳ, фактология) | Сатҳи малакаҳоро зуд нишон медиҳад, ба хонанда кумак мекунад, ки фикр кунад ва ба омӯзгор кумак мекунад, ки фавран вокуниш нишон дода, дастгирӣ кунад |

**Муҳим:** Ҳамаи воситаҳоро якбора татбиқ кардан шарт нест. Дар ҳар мавзуъ 2–3 унсури калидӣ мавҷуданд, кӯшиш кунед, ки барои онҳо **харитаи сода ва ҷадвали пешрафт** таҳия кунед. Ин дарсро вазнин намекунад, вале таъсири назаррас медиҳад: хонандагон имкони мушоҳидаи рушди шахсии худро пайдо мекунанд, омӯзгор маълумоти зарурироро барои танзими тағйирпазирии раванди таълим ба даст меорад.

**Хулоса**

Арзёбии ташаккулдиҳанда **на танҳо ҷамъоварии маълумот, балки вокуниш ба он аст.** Омӯзгор супоришҳо ва суръати корро танзим мекунад, то хонандагони дучори душворӣ дастгирӣ шаванд ва фазои супоришҳои мураккабтарро барои онҳое, ки омодаи рушди минбаъдаанд, фароҳам месозад.

***Принсипи 2. Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият***

Вақте хонанда мефаҳмад, ки кадом кор хуб ҳисобида мешавад ва бо кадом нишонаҳо арзёбӣ мегардад, ӯ метавонад ба натиҷа равона шавад. Меъёрҳои шаффоф таъсири «гумон кардани интизориҳои омӯзгор»-ро бартараф мекунанд: хонанда пешакӣ медонад, ки чӣ муваффақият ҳисобида мешавад ва омӯзгор чиро асос барои алоқаи созанда мегирад.

**1. Муҳокимаи мақсад ва меъёрҳои муваффақият**

Кор бо мақсади дарс ва меъёрҳои муваффақият, унсури муҳимтарини арзёбии ташаккулдиҳанда аст: ба шарофати он, таълим пешгӯишаванда мешавад у интизориҳо шаффоф.

**Мақсади таълимӣ** – ин тавсифи натиҷаи дилхоҳ аст: хонанда пас аз анҷоми дарс ё фасл чиро бояд донад ва тавонад.

**Мисол.** *Мавзуъ: «Шӯриши Муқаннаъ»*

- **Аз ин бояд худдорӣ кард:** «Шинос шудан бо шӯриши Муқаннаъ».
- **Беҳтар:** «Хонанда метавонад сабаб ва ҷараёни шӯриши Муқаннаъро тавсиф карда, аҳамияти онро барои таърихи Осиёи Миёна шарҳ диҳад».

**Супоришҳои таълимӣ (натиҷаҳои интизоршаванда)** мақсадро муайян намуда, маҳз чӣ кор карда тавонистани хонандаро дар натиҷаи иҷрои қисматҳои алоҳидаи дарс тавсиф мекунанд.

| Мақсади дарс | Вазифаҳои дарс (натиҷаҳои интизоршаванда) |
|---|---|
| Хонанда метавонад сабабҳо ва ҷараёни шӯриши Муқаннаъро тавсиф карда, аҳамияти онро барои таърихи минтақа шарҳ диҳад | *То охири дарс хонанда метавонад:*<br>1. мафҳуми «шӯриши Муқаннаъ»-ро муайян кунад;<br>2. дар харита минтақаи шӯришро нишон диҳад;<br>3. сабабҳои асосии шӯришро номбар кунад;<br>4. нақши Муқаннаъро дар ташкили шӯриш тавсиф кунад;<br>5. дар бораи марҳила ва натиҷаҳои калидии шӯриш нақл кунад;<br>6. аҳамияти шӯришро барои таърихи минбаъдаи Осиёи Миёна шарҳ диҳад. |

Натиҷаҳои интизоршаванда барои хонандагон ҳамчун роҳнамоҳои фаҳмо хизмат мекунанд ва дар асл нақши меъёрҳои муваффақиятро иҷро мекунанд: аз рӯйи онҳо метавон фаҳмид, ки оё мақсади дарс ба даст омадааст ё не.

**Тавсияҳои методӣ**

- **Мақсад ва меъёрҳоро дар тахта нависед ва бо синф муҳокима кунед.** Ҳамин тавр, хонандагон мефаҳманд, ки аз онҳо чӣ интизор аст.

- **Дар ҷараёни дарс ба мақсадҳо баргардед:** якҷоя қайд кунед, ки чӣ аллакай ба даст омадааст ва чӣ ниёз ба такмил дорад.
- **Дар охири дарс хударзёбиро аз рӯйи меъёрҳо пешниҳод кунед:** ин ба хонандагон кумак мекунад, ки пешрафти худро дида, қадамҳои минбаъдаро муайян кунанд.

**2. Варақаи санҷишии муваффақият**

Рӯйхати талаботи мушаххас ба кор, хонанда варақаи санҷиширо барои худбаҳодиҳӣ истифода мебарад, омӯзгор барои алоқаи зуд.

**Мавзуъ: «Шӯриши Муқаннаъ»**

**Супориш:** Омода кардани тавсифи кӯтоҳи сабабҳо ва ҷараёни шӯриши Муқаннаъ.

| Меъёр | Бале | Не |
|---|---|---|
| 1. Мафҳуми «шӯриши Муқаннаъ»-ро муайян кард | ☐ | ☐ |
| 2. Сабабҳои асосии шӯришро номбар кард (динӣ, иҷтимоӣ ва ғ.) | ☐ | ☐ |
| 3. Нақши Муқаннаъро ҳамчун роҳбари шӯриш шарҳ дод | ☐ | ☐ |
| 4. Намунаҳои рӯйдод ва марҳилаҳои асосии шӯришро овард | ☐ | ☐ |
| 5. Оқибатҳои шӯришро барои минтақа ва таърихи он тавсиф кард | ☐ | ☐ |

**Шарҳи методӣ**

Варақаи санҷишӣ ба хонанда кумак мекунад, ки дар иҷрои супориш **худро гум накарда,** фаҳмад, ки чиро бояд анҷом диҳад ва корро марҳила ба марҳила санҷад. Барои омӯзгор воситаи алоқаи саривақтӣ аст. Ғайр аз ин, шаффофияти талабот **саволҳоро дар бораи адолати арзёбӣ кам мекунад:** хонанда мефаҳмад, ки чӣ санҷида мешавад.

**3. Рубрика (шкалаи арзёбӣ)**

Ин восита сатҳҳои иҷрои корро аз ибтидо то сатҳи баланд — нишон медиҳад, ки ба хонанда имкон медиҳад фарқи байни ҷавоби сода ва ҷавоби пурраю босифатро дарк намояд ва ба омӯзгор шароити пешниҳоди алоқаи объективӣ ва фаҳмо фароҳам месозад.

**Мавзуъ: «Шӯриши Муқаннаъ»**

**Супориш:** Тавсифи шифоҳӣ ё хаттӣ дар бораи сабабҳо ва рафти Шӯриши Муқаннаъ омода намуда, аҳамияти таърихии онро баён намоед.

| Сатҳ | Тавсифи иҷрои кор |
|---|---|
| **1 (ибтидоӣ)** | Фақат баъзе фактҳоро дар бораи шӯриш ном мебарад, вале сабаб ва оқибатҳоро шарҳ намедиҳад |
| **2 (асосӣ)** | Сабабҳои асосӣ ва рӯйдодҳои калидии шӯришро дуруст ном мебарад, ҷараёни онро кӯтоҳ тавсиф мекунад |
| **3 (пешрафта)** | Сабаб ва ҷараёни шӯришро пурра тавсиф мекунад, нақши Муқаннаъ ва иштирокчиёнро шарҳ медиҳад |
| **4 (баланд)** | Сабабҳо, ҷараён ва оқибатҳои шӯришро муфассал таҳлил мекунад, аҳамияти онро барои таърихи Осиёи Миёна шарҳ медиҳад |

**Шарҳи методӣ**

Рубрика арзёбиро **фаҳмо ва одилона** нишон медиҳад: хонанда пешакӣ медонад, ки барои ҳар як сатҳ чӣ талаб карда мешавад ва метавонад кори худро арзёбӣ кунад. Ба омӯзгор рубрика имкон медиҳад, ки алоқаи дақиқ диҳад: *на танҳо «хуб/бад», балки чӣ дар кадом сатҳ иҷро шудааст ва чӣ бояд такмил ёбад.*

**Мо се воситаи калидиро баррасӣ кардем:** муҳокимаи мақсадҳои дарс, варақаи санҷишӣ ва рубрикаи арзёбӣ. Ҳамаи инро мо дар мисоли як мавзуъ нишон додем, то омӯзгор бубинад, ки ин унсурҳо чӣ гуна якҷоя кор мекунанд: мақсадҳо ва меъёрҳо барои хонандагон фаҳмо ва шаффоф мешаванд ва раванди таълим пешгӯишаванда.

Муҳим аст, ки фарқияти байни варақаи санҷишӣ ва рубрика фаҳмида шавад:

- **Варақаи санҷишӣ** нишон медиҳад, ки оё талаботи асосии супориш иҷро шудаанд ё не **(бале/не)** ва барои худбаҳодиҳии зуд ва алоқаи фаврӣ истифода мешавад. Он барои хонанда ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад, то ҳамаи қисмҳои супоришро пайдарпай иҷро кунад.
- **Рубрика сатҳҳои сифати корро** аз минималӣ то пешрафта нишон медиҳад.

Варақаи санҷишӣ кумак мекунад, ки фаҳмем оё **ҳама чиз иҷро шудааст,** рубрика то чӣ андоза сифатнок иҷро шудани онро нишон медиҳад.

**Чӣ гуна ин воситаҳоро ба дарс ворид кардан мумкин аст?**

Варақаи санҷишӣ ва рубрика вақте самараноканд, ки онҳо қисми раванди таълим мешаванд: кор бо онҳо аз аввали дарс оғоз меёбад, дар ҷараёни иҷрои супоришҳо ба онҳо бармегарданд ва дар охир барои худбаҳодиҳӣ ва муҳокимаи натиҷаҳо истифода мешаванд

**Муҳим аст дар хотир дошт:** варақаҳои санҷишӣ ва рубрикаҳо воситаҳои тағйирпазир ва бисёрмақсаданд. Онҳоро метавон барои вазифаҳои гуногун таҳия кард: барои омода намудан ба ҷавоби шифоҳӣ, санҷиши супориши хонагӣ, кор бо харита ва иҷрои лоиҳаи хурд. Онҳо метавонанд хеле **сода бошанд** (бо чанд нуқтаи калидӣ) ё **мураккабтар** (бо сатҳҳои гуногун ва тавсифҳои муфассал).

***Мисол:*** *Рубрика (миқёси арзёбӣ) – барои лоиҳаи хурд*

***Мавзуъ:*** *«Темуриҳо дар замони ҳукмронии Шоҳрух».*

| Меъёр | Сатҳи ибтидоӣ (1–3 хол) | Сатҳи миёна (4–6 хол) | Сатҳи пешрафта (7–8 хол) | Сатҳи баланд (9–10 хол) |
|---|---|---|---|---|
| **Кор бо манбаъҳо** | Танҳо китоб истифода шудааст | Китоб + 1–2 манбаи иловагӣ (мақола ё энсиклопедияҳо) | Манбаъҳои гуногун истифода шудаанд (харитаҳо, солномаҳо, тасвирҳо) | Иқтибосҳо аз манбаъҳои аслӣ, миниатюраҳо, натиҷаҳои археологӣ, асарҳои илмӣ |
| **Таҳлил ва далеловарӣ** | Фактҳо бе шарҳ ва таҳлил | Кӯшиши шарҳи аҳамияти рӯйдодҳо ҳаст | Муқоисаи ҷанбаҳои гуногуни ҳукмронӣ, далелҳо бо мисолҳо тасдиқ шудаанд | Таҳлили амиқи сиёсат, пуштибонии илмӣ ва дипломатия, хулосаҳои шахсӣ |
| **Сохтор ва мантиқ** | Маълумот бесохтор аст | Лоиҳа ба қисмҳо ҷудо шудааст (муқаддима, асос, хулоса) | Сохтори мантиқии равшан бо зерсарлавҳаҳо | Сохтори мураккаб: қисмҳои мавзуӣ, истинодҳои мутақобил, гузаришҳои мантиқӣ |
| **Муаррифии натиҷаи кор** | Танҳо матн, бе ороиш | Тасвирҳо ё харитаи давра мавҷуданд | Нақшаҳо, насабномаҳо, нақшаи шаҳрҳо, тасвирҳои меъморӣ илова шудаанд | Инфографика, харитаи роҳҳои тиҷоратӣ, хронология, унсурҳои мултимедиявӣ |

Рубрикаи арзёбӣ ба хонандагон кумак мекунад фаҳманд, ки кори сода аз кори босифат бо чӣ фарқ мекунад, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки арзёбии худро объективона шарҳ диҳад. Масалан:

- **Сатҳи асосӣ: 1–3 хол.** Кор қисман иҷро шудааст: танҳо баъзе унсурҳои супориш инъикос ёфтаанд, дар мазмун ва тартиб камбудиҳои ҷиддӣ дида мешаванд.
- **Сатҳи миёна: 4–6 хол.** Кор ба талаботи асосӣ ҷавобгӯ аст: мавзуъ сатҳӣ кушода шудааст, мисолҳо ва шарҳҳо оварда шудаанд, вале таҳлили амиқ вуҷуд надорад.
- **Сатҳи пешрафта: 7–8 хол.** Кор босифат аст: ҷавоб муфассал, бо мантиқ ва мисолҳои хуб дида мешавад, ки мавод хуб омӯхта шудааст.
- **Сатҳи баланд: 9–10 хол.** Кор дар сатҳи баланд иҷро шудааст: мавзуъ пурра кушода шудааст, таҳлили амиқ, далеловарӣ, сохтори равшан ва тартиби босифат мавҷуд аст.

**4. Намунаҳо (эталонҳо)-и кор**

Омӯзгор ба хонандагон намунаи корҳои иҷрошудаи сатҳҳои гуногунро нишон медиҳад ва муҳокима мекунад.

***Мисол.*** *Супориш: тартиб додани кластер дар мавзуи: «Ҳаёти илмӣ ва адабии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX».*

2–3 кори сатҳҳои гуногунро нишон диҳед. Якҷоя бо синф муҳокима кунед: «Онҳо бо ҳам чӣ фарқ доранд? Чӣ чиз як корро аз дигаре беҳтар мекунад?»

Нишонаҳои калидиро сабт кунед – ҳамин тавр хонандагон нишондодҳои сифатро бо чашми худ мебинанд. Ғайр аз ин, ин лаҳзаи муносибест, ки якҷоя меъёрҳои сифатро муҳокима кунед.

**Шарҳи методӣ**

Омӯзгорони ботаҷриба медонанд, ки маҷмӯи корҳои хонандагон захираи арзишманди таълим аст. Намунаҳо талаботро фаҳмо ва мушаххас мегардонанд. Ин муносибат ба хонандагон имкон медиҳад, ки меъёрҳоро на ҳамчун қоидаҳои расмӣ, балки ҳамчун нишондодҳои **сифати шахсӣ** қабул кунанд.

**5. Тартиб додани меъёрҳо якҷоя бо хонандагон**

Омӯзгор ва хонандагон якҷоя нишондиҳандаҳо/меъёрҳои кори хубро таҳия мекунанд.

***Мисол.*** Дар гурӯҳҳо дар бораи таъсири Истиқлолияти Тоҷикистон ба ҳаёти мардум дар солҳои 1990–2000-ум гузориши шифоҳӣ омода намоед.

**Чӣ гуна муҳокимаи меъёрҳоро гузаронем?**

1. **Чорчӯбаро муайян кунед.** Аз аввал нишондодҳои заруриро пешниҳод кунед: «Дар гузориш бояд далелҳо, харита ва мисолҳо бошанд». Ин ба хонандагон кумак мекунад, ки самти фаъолиятро фаҳмида, меъёрҳои муҳимро дарк кунанд.
2. **Пешниҳодҳоро ҷамъ кунед.** Ба гурӯҳҳо пешниҳод кунед, ки рӯйхатро пур кунанд:
   «Чӣ чиз гузоришро беҳтар мекунад?»
   Ин қадам хонандагонро бештар ҷалб карда, ба онҳо кумак мекунад, ки меъёрҳоро амиқтар дарк кунанд.
3. **Рӯйхатро мутавозин созед.** Рӯйхати ниҳоиро тартиб диҳед. Агар меъёрҳо кам бошанд саволҳои роҳнамоикунанда диҳед; Агар хеле зиёд бошанд гурӯҳбандӣ карда, 3–4 меъёри калидиро интихоб кунед, то осон дар хотир нигоҳ дошта шаванд.

Тартиб додани меъёрҳо бояд кӯтоҳ ва равшан бошад: муҳокимаи кӯтоҳ → рӯйхати меъёрҳо → нишондод барои иҷрои супориш

**Рӯйхати намунавии меъёрҳо**

1. Номбар кардани ҳадди ақал се тағйироти муҳим дар ҳаёти мардум (масалан: таъсиси пули миллӣ, озодшавии бозор, муҳоҷират).
2. Истифодаи далелҳои таърихӣ ва санаҳои мушаххас (масалан: соли 1994 — ҷорӣ шудани асъори сомонӣ).
3. Овардани ҳадди ақал як иқтибос ё шоҳидии шифоҳӣ (масалан: суханони шахсе, ки он давраро ёд мекунад).
4. Тавсифи ду мушкили иҷтимоӣ ё иқтисодӣ, ки дар давраи гузариш ба миён омаданд (масалан: бекорӣ, камбизоатӣ, коҳиши дастрасӣ ба таҳсил)

**Шарҳи методӣ**

Тартиб додани меъёрҳо якҷоя интизориҳоро шаффоф ва диққатро зиёд мекунад: хонандагон мефаҳманд, ки кор бо кадом нишондиҳандаҳо арзёбӣ мешавад ва масъулияти шахсиро барои натиҷа эҳсос мекунанд. Муносибатҳо метавонанд гуногун бошанд:

- **Нишондодҳои чорчӯбӣ** – омӯзгор унсурҳои калидиро пешниҳод мекунад (минтақаҳо, харита, мисолҳо…), хонандагон онҳоро мушаххас мекунанд
- **Ҷумлаҳои нотамом** – омӯзгор меъёрҳоро бо ҷойҳои холӣ менависад, хонандагон онҳоро пур мекунанд (масалан: Номбар кардани намудҳои асосии…);
- **Рӯйхати омехта** – қисми меъёрҳоро омӯзгор пешниҳод мекунад, қисми дигарро хонандагон таҳия мекунанд;
- **Муҳокимаи рӯйхати тайёр** – хонандагон меъёрҳои пешниҳодшударо муҳокима мекунанд, равшан месозанд ва иловаҳо пешниҳод мекунанд.

**Муҳим**: муҳокима бояд суръатнок ва равшан гузарад. Ин ба хонандагон кумак мекунад, ки тамаркуз кунанд, нишондодҳоро дарк карда, ангеза гиранд: онҳо супоришро, на танҳо талаби омӯзгор, балки ҳамчун зарурати шахсӣ қабул мекунанд.

Барои нишон додани имкониятҳои ҳар як восита ва мавқеи онҳо дар кори омӯзгор, ҷадвали ҷамъбастӣ оварда мешавад:

**Воситаҳо барои татбиқи принсипи «Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият»**

| Номи асбоб | Тавсифи кӯтоҳ | Мақсади истифода |
|---|---|---|
| **1. Музокира оид ба мақсадҳо ва меъёрҳо** | Музокираи муштарак оид ба мақсади дарс ва натиҷаҳои интизоршаванда | Раванди таълимро пешгӯишаванда месозад, ба хонандагон самтҳои равшан медиҳад |
| **2. Варақаи санҷиши муваффақият** | Рӯйхати талаботи калидӣ барои иҷрои вазифа (ҳа/не) | Ба хонандагон кумак мекунад, ки пуррагии корро санҷанд, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки зуд фикру мулоҳизаҳоро пешниҳод кард |
| **3. Рубрика (шкалаи баҳодиҳӣ)** | Ҷадвал бо сатҳҳои иҷрои кор аз ибтидоӣ то баланд | Сатҳҳои сифатро нишон медиҳад, баҳодиҳиро шаффоф месозад |
| **4. Намунаҳои (эталонҳои) корҳо** | Мисолҳои супоришҳои иҷрошудаи сатҳҳои гуногун | Самтҳои сифатро нишон медиҳанд, дар муҳокимаи нишонаҳои «кори хуб» кумак мекунанд |
| **5. Якҷоя тартиб додани меъёрҳо** | Омӯзгор ва хонандагон якҷоя нишондиҳандаҳои кори босифатро тартиб медиҳанд | Дарккунии талаботро баланд мебардорад, хонандагонро ҷалб намуда, ангеза мебахшад |

**Муҳим.** Аз чизҳои хурд оғоз кунед: як ё ду воситаро интихоб кунед, ки барои шумо осонтар аст. Масалан, бо хонандагон мақсадҳои дарсро муҳокима кунед ва барои супориши калидӣ варақаи санҷишии одӣ тартиб диҳед. Вақте ки ин муносибат маъмул мешавад, рубрикаро илова кунед ё намунаҳои корро муҳокима намоед. Оҳиста-оҳиста усулҳоро санҷед ва комбинатсияҳои мувофиқро барои худ пайдо кунед.

Воситаҳо махсусан самаранок анд, агар якҷоя истифода шаванд. Масалан:

- **Мақсадҳо ва меъёрҳо + варақаи санҷишӣ:**
  Мақсадҳо натиҷаҳои интизоршавандаро тавсиф мекунанд, варақаи санҷиш ҳамчун роҳнамо хизмат карда, ба хонанда кумак мекунад, ки қадам ба қадам ба мақсадҳо наздик шавад.
- **Мақсадҳо ва меъёрҳо + рубрика:**
  Мақсадҳо самти умумиро муайян мекунанд, рубрика сатҳҳои сифатро нишон дода, кумак мекунад, ки хонанда фаҳмад чӣ гуна кори худро беҳтар кунад.
- **Тартиб додани меъёрҳо + варақаи санҷиш:**
  Меъёрҳои якҷоя тартибдодашуда нишонаҳои кори хубро муайян мекунанд, варақаи санҷиш ҳамчун асбоби худбаҳодиҳӣ истифода мешавад.
- **Рубрика + намунаҳо:**
  Рубрика фарқияти байни сатҳҳоро тавсиф мекунад, намунаҳо ин сатҳҳоро намоён ва фаҳмо месозанд.

**Хулоса**

Якҷоя ин усулҳо имкон медиҳанд, ки принсипи «Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият» дар амал татбиқ шавад ва баҳодиҳӣ аз як «тахмини интизориҳои омӯзгор» ба раванди фаҳмо ва шаффоф табдил ёбад.

Хонандагон нишондодҳои равшани сифатро мебинанд, мефаҳманд, ки чӣ гуна ба муваффақият расидан мумкин аст ва супоришро ҳамчун чолиши шахсӣ қабул мекунанд. Барои омӯзгор ин на танҳо воситаи гузоштани баҳо, балки асбоби идоракунии раванди таълим мешавад: танзими супоришҳо, суръати кор ва сатҳи дастгирӣ вобаста ба ниёз ва имкониятҳои синф.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Арзёбии анъанавӣ** аксар вақт ба сабти натиҷа маҳдуд шуда, ба хонанда нишон намедиҳад, ки барои ноил гардидан ба пешрафт, маҳз чӣ ва чӣ гуна бояд беҳтар карда шавад.
2. **Арзёбии ташаккулдиҳанда** арзёбиро ба воситаи дастгирӣ табдил дода, кумак мекунад, ки хонанда пешрафти шахсӣ, ҷиҳатҳои қавӣ ва самтҳои рушди худро дарк кунад.
3. **Принсипи 1. Таъкид ба шахси хонанда ва рушди ӯ.** Арзёбӣ дигар бо дигарон муқоиса намекунад, пешрафти инфиродиро сабт карда, масири шахсии таълимиро дастгирӣ мекунад.
4. **Принсипи 2. Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият.** Хонандагон мақсадҳо ва нишондодҳоро мефаҳманд, ки ба онҳо кумак мекунад, амалҳои худро тарҳрезӣ карда, онҳоро бо талаботи супориш мутобиқ созанд.
5. **Меъёрҳои шаффоф** арзёбиро шаффоф, объективӣ ва одилона мегардонанд: ҳар хонанда мефаҳмад, ки аз ӯ чӣ талаб мешавад ва мебинад, ки кори ӯ дар асоси кадом нишондиҳандаҳо баҳогузорӣ мешавад.
6. **Омӯзгор дар арзёбии ташаккулдиҳанда** – роҳнамо аст: ӯ ба хонанда кумак мекунад, ки натиҷаҳоро дарк кунад ва роҳи беҳтарсозии корро тарҳрезӣ намояд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Шумо дар бораи арзёбии анъанавӣ ва ташаккулдиҳанда **чӣ чизи нав омӯхтед?**
2. Агар лозим мешуд, ки **ба як ҳамкор мазмуни** ин машғулиятро шарҳ диҳед, кадом **ду-се ғояи калидиро** дар аввал ном мебурдед? Чаро маҳз онҳо?
3. Дар ин мавзуъ кадом ҷиҳат барои шумо **нофаҳмо монд ё боиси норозигӣ** мешавад?
4. **Кадом принсипи** арзёбии ташаккулдиҳанда ба назари шумо **осонтарин барои татбиқ дар амалияи** шахсии шумост? Чаро?
5. **Кадом се усулро** мехоҳед дар кори худ пеш аз ҳама озмоиш кунед?
6. **Кадом монеа ё душвориҳоро** барои татбиқи ин муносибатҳо дар кори худ мебинед?
7. Чӣ метавонад ба шумо **кумак кунад,** ки душвориҳои эҳтимолиро **паси сар кунед?**

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодиҳии 4.1

*Интихоби як ҷавоби дуруст*

1. **Кадом вазифаи асосиро арзёбии ташаккулдиҳанда иҷро мекунад?**
   A) Миқдори донишҳои азхудкардаи хонандаро то охири мавзуъ муайян мекунад.
   B) Натиҷаҳои ҳамаи хонандагонро бо ҳам муқоиса мекунад.
   C) Ба хонанда кумак мекунад, ки пешрафти шахсӣ ва қадамҳои минбаъдаро дарк кунад.
   D) Танҳо барои гузоштани баҳои ниҳоӣ истифода мешавад.

2. **Мазмуни принсипи «Таъкид ба хонанда ва рушди ӯ» дар чист?**
   A) Муқоисаи кори хонанда бо натиҷаҳои беҳтарин хонандагони синф.
   B) Назорати пешрафти инфиродии хонанда.
   C) Танҳо сабти натиҷаи ниҳоии мавзуъ.
   D) Кам кардани шумораи корҳои санҷишӣ.

3. **Истифодаи меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият чӣ медиҳад?**
   A) Фаҳмиши талабот ба натиҷа аз ҷониби хонандагон.
   B) Содатар кардани раванди омодагӣ ба дарс.
   C) Кам кардани шумораи ҷавобҳои шифоҳӣ ва хаттӣ.
   D) Имкони омӯзгор барои зуд гузоштани баҳо.

4. **Чаро меъёрҳои шаффоф баҳодиҳиро одилона мегардонанд?**
   A) Зеро омӯзгор метавонад хонандагонро бо салоҳдиди худ баҳогузорӣ кунад.
   B) Зеро ҳар хонанда пешакӣ талабот ва асоси баҳогузориро медонад.
   C) Зеро онҳо имкон медиҳанд, ки баҳои баландтар гузошта шавад.
   D) Зеро онҳо шумораи шарҳҳо ба корро кам мекунанд.

5. **Арзёбии ташаккулдиҳанда аз баҳодиҳии анъанавӣ бо чӣ фарқ мекунад?**
   A) Танҳо дар охири мавзуъ барои гузоштани баҳо гузаронида мешавад.
   B) Танҳо бо хонандагони қавӣ истифода мешавад.
   C) Тамоман ҷойгузини ҳамаи корҳои назоратӣ мешавад.
   D) Ба рушди хонанда ва дастгирии ӯ равона шудааст.

6. **Нақши омӯзгор дар арзёбии ташаккулдиҳанда чист?**
   A) Назоратчии асосӣ будан, ки натиҷаҳоро сабт мекунад.
   B) Роҳнамо будан, ки ба хонанда дар дарки натиҷаҳо кумак мекунад.
   C) Кам кардани шумораи супоришҳо барои хонандагон.
   D) Танҳо дастгирии онҳое, ки бе хато корро иҷро мекунанд.

7. **Чӣ гуна хонанда кори худро дар шароити истифодаи меъёрҳои шаффоф дарк мекунад?**
   A) Хонанда интизориҳоро хубтар мефаҳмад ва кори худро бо мақсадҳо муқоиса мекунад.
   B) Хонанда дигар ба хатоҳо ва душвориҳо аҳамият намедиҳад.
   C) Хонанда танҳо ба гирифтани баҳои баланд тамаркуз мекунад.
   D) Хонанда масъулиятро қисман ба омӯзгор мегузорад.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ОМӮЗИШ:**

1. **Фаҳмидани** фарқияти арзёбии ташаккулдиҳанда аз арзёбии анъанавӣ.
2. **Фаҳмидани** аҳамияти чаҳор принсипи арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълим

**1. Саволҳо барои андеша:**

- Ба ёд оред, ки кай аз омӯзгор фикру мулоҳизаҳо дар бораи кори худ гирифта будед: чӣ чиз онро барои шумо муфид мегардонд?
- Шумо ба андешаи иштироки хонанда дар баҳодиҳии кори худ (худбаҳодиҳӣ, баҳодиҳии мутақобила) чӣ гуна муносибат доред? Кадом афзалият ва камбудиҳоро мебинед?



**АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ**
**Чиро аллакай медонед ва дарк мекунед?**

***Шакли фаъолият:***

- *Дар ҷуфтҳо **як саволро** интихоб кунед, ки ба назари шумо муҳимтарин ё ҷолибтарин аст.*
- *Муҳокима кунед, мисолҳо ва андешаҳо-ро мубодила намоед ва як ҷавоби кӯтоҳ омода карда, ба гурӯҳ пешниҳод кунед.*

**2. Вазъияти ҳаётӣ (қисса)**

Дар дарси таърих, пас аз он ки чанд хонанда ба саволҳо дар бораи сабабҳо ва ҷараёни шӯриши Муқаннаъ ҷавоб доданд, омӯзгор ҷамъбаст мекунад:

«Баъзе аз шумо воқеаҳоеро хуб шарҳ додед, аммо дар маҷмӯъ бисёриҳо сабабҳои шӯриш ва оқибатҳои онро омехта мекунанд. Ин фаҳмиши амиқи шумо аз мавзуъро душвор месозад. Дар дарси оянда кӯшиш кунед, ки бо далелҳо ва мафҳумҳо бодиққаттар кор кунед.»

**Муҳокима дар гурӯҳҳо:**

- Ба назари шумо, омӯзгор кадом корро хуб анҷом дод?
- Чунин шакли фикру мулоҳиза чи гуна метавонад барои хонандагон муфид бошанд?
- Агар шумо хонанда мебудед, ба чунин фикру мулоҳиза чӣ гуна вокуниш нишон медодед?
- Чиро иваз мекардед ё ба омӯзгор чӣ тавсия медодед, то фикру мулоҳиза муфидтар бошад?

**3. Супориш барои гурӯҳҳо: «Ҷалби хонандагон ба раванди арзёбӣ»**

| – Шумо идеяи «хонанда дар баҳодиҳии кори худ иштирок мекунад»-ро чӣ гуна мефаҳмед?<br>Ду-се нишонаи чунин муносибатро нависед: | Ин дар дарс чӣ гуна метавонад амалӣ шавад?<br>Кӯтоҳ тавсиф кунед (2–3 ҷумла): |
|---|---|
| 1.<br>2.<br>3. | |

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 4.2-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 4.2 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 4.2**

### *3. Татбиқи принсипҳо дар дарс*

***Принсипи 3. Фикру мулоҳизаи созанда***

Арзиши асосии арзёбии ташаккулдиҳанда на дар баҳо, балки дар фикру мулоҳиза аст, ки ба хонанда кумак мекунад, натиҷаро беҳтар кунад, на танҳо хатоҳоро сабт намояд. Фикру мулоҳизаи созанда ин муҳокимаи дастгирикунанда аст, ки ба хонанда барои фаҳмидан кумак мекунад: чӣ аллакай хуб иҷро шудааст, чӣ ниёз ба такмил дорад ва чӣ гуна корро беҳтар кардан мумкин аст.

Бисёр воситаҳое, ки қаблан баррасӣ шуданд (варақаи санҷишҳо, рубрикаҳо, намунаҳои кор ва ғ.), аллакай асоси фикру мулоҳизаи сифатнокро дар бар мегиранд. Онҳо нишондодҳои мушаххас медиҳанд, ки омӯзгор ва хонанда метавонанд дар муҳокимаи натиҷа ба онҳо такя кунанд. Аммо принсипҳои созандагӣ маҳз ҳамин нишондодҳоро ба муҳокима ва дастгирӣ табдил медиҳанд.

Фикру мулоҳизаи созанда бояд:

- **Саривақтӣ бошад** – фавран пас аз иҷрои кор дода шавад, то мавод дар хотир бошад.
- **Мушаххас бошад** – шарҳҳои равшан, мисолҳо ва истинод ба меъёрҳо дошта бошад: чӣ хуб аст ва чӣ бояд такмил ёбад.
- **Имкониятпазир бошад** – қадамҳое пешниҳод кунад, ки хонанда воқеан метавонад иҷро кунад.
- **Мусбат бошад** – аз ҷиҳатҳои қавии кор оғоз шавад, то эътимод ва боварии хонандаро дастгирӣ кунад.

Бо ин роҳ, фикру мулоҳиза баҳодиҳиро ба воситаи рушд табдил медиҳад: он шарҳҳоро фаҳмо ва муфид месозад ва худи равандро — ангезабахш мегардонад.

**Воситаҳо барои татбиқи принсип:**

**1. «Чӣ хуб аст – Чӣ бояд такмил ёбад – Чӣ гуна такмил додан мумкин аст»**

Ин як навъ «формула» аст, нақшаи сохтани шарҳи омӯзгор: аввал ҷиҳатҳои мусбат қайд мешаванд, сипас самти такмил ва маслиҳати мушаххас. Оғоз аз чизи мусбӣ ба хонанда эътимод мебахшад ва ӯро омода ба қабули тавсияҳо месозад. Бо ин формула метавон ҷавобҳои шифоҳӣ, корҳои хаттӣ, супоришҳои хонагӣ ва мини-лоиҳаҳоро шарҳ дод.

**2. «Ду ҷиҳати мусбат ва як маслиҳат»**

Шакли кӯтоҳи фикру мулоҳиза: аввал ду ҷиҳати мусбат қайд мешаванд, сипас як маслиҳати мушаххас ва имконпазир барои беҳтарсозӣ, мутобиқ ба шарҳҳои зуд барои ҷавобҳои шифоҳӣ, супоришҳои иҷрошуда ё мини-лоиҳаҳо.

**3. Ёддоштҳо дар ҳошия**

Шарҳҳои кӯтоҳ ва мушаххас дар дафтар, харитаи корӣ ё лоиҳа. кумак мекунанд, ки хонанда зуд эҳсос кунад, ки чӣ ниёз ба ислоҳ дорад, ва ҳамчун ишораҳои фаврӣ бе сарбории зиёд ба хонанда хизмат мекунанд.

**4. Таҳлили зуд (1–2 дақиқа)**

Муҳокимаҳои кӯтоҳи мини-ди алог бо хонанда: «Чӣ ба ту муяссар шуд? Куҷо душворӣ доштӣ? Қадами навбатӣ чист?», кумак мекунад, ки корро зуд муҳокима намуда, амалҳоро бе он ки вақти зиёд барои таҳлили муфассал сарф шавад,ислоҳ кард.

**5. Шарҳҳои рақамӣ (фикру мулоҳизаи онлайн)**

Видео ё паёмҳои аудиои кӯтоҳ (1–2 дақиқа) тавассути мессенҷерҳо ё платформаҳои таълимӣ вақтро сарфа мекунанд, фикру мулоҳизаро «фаъол» ва эҳсосӣ дастгирӣ месозанд, инчунин имкон медиҳанд, ки ба саволҳои хонандагон зуд ҷавоб дода шавад.

Усулҳои гуногуни фикру мулоҳиза кумак мекунанд, ки шарҳҳо фаҳмо, саривақтӣ ва муфид бошанд. Дар ҷадвали зер воситаҳое ҷамъ оварда шудаанд, ки вобаста ба мақсад ва шакли кор метавон аз шарҳҳои кӯтоҳи шифоҳӣ то тавсияҳои муфассал истифода бурд

**Воситаҳо барои татбиқи принсипи «Фикру мулоҳизаи созанда»**

| Номи восита | Тавсифи кӯтоҳ | Мақсади истифода |
|---|---|---|
| 1. **«Чӣ хуб аст – Чӣ бояд такмил ёбад – Чӣ гуна такмил додан мумкин аст»** | Тарҳи сохташудаи шарҳ: ҷудо кардани ҷиҳатҳои мусбат, самтҳои рушд ва маслиҳатҳои мушаххас | Кумак мекунад, ки хонанда фаҳмад, ки оид ба мавзуи таърихӣ чӣ медонад ва ба кадом самт кор кардан лозим аст |
| 2. **«Ду мусбӣ ва як маслиҳат»** | Шакли кӯтоҳи шарҳ: ду ҷиҳати мусбат ва як маслиҳат | Шарҳи зуд барои ҷавобҳои шифоҳӣ ё супоришҳои хаттӣ |
| 3. **Ёддоштҳо дар канори саҳифа** | Шарҳҳои мушаххас дар дафтар, лоиҳаҳои таърихӣ, таҳлили манбаъҳо | Ба хатогӣ ё камбудиҳо ишора мекунанд, бе он ки хонанда аз ҳад зиёд сарборӣ орад |
| 4. **Таҳлили зуд (1–2 дақиқа)** | Муҳокимаҳои кӯтоҳ бо хонанда барои баррасии натиҷа ва нақшаи минбаъда | Кумак мекунад, ки саволҳои мураккаби таърихӣ таҳлил шаванд ва фаҳмиш такмил ёбад |
| 5. **Шарҳҳои рақамӣ** | Видео ё аудиошарҳҳо тавассути мессенҷерҳо ва платформаҳои таълимӣ | Фикру мулоҳизаи зинда барои супоришҳои хонагӣ ва лоиҳаҳои таърихӣ, сарфаи вақт |

**Хулоса**

Фикру мулоҳизаи созанда раванди таълимро шаффоф ва дастгиркунанда месозад. Хонанда на танҳо хатогиҳои худро мебинад, балки муваффақиятҳояшро низ шинохта мекунад, ки чӣ гуна натиҷаро беҳтар кунад ва шарҳро ҳамчун кумак, на ҷазо, қабул мекунад. Барои омӯзгор ин як воситаи ислоҳи тағйирпазир аст: метавон барои дастгирии ҳар як хонанда супоришҳо, суръат ва шакли корро зуд тағйир дод.

***Принсипи 4. Ҷалби хонандагон ба раванди арзёбӣ***

Қобилияти арзёбии дониш ва малакаҳо аз ҷониби хонанда худ ба худ ташаккул намеёбад. Чӣ гуна метавон шиновариро омӯхт, бе он ки ба об дарой, ё футбол бозӣ кард, бе он ки ба майдон барой? Ҳамин тавр, то хонанда омӯхтани таҳлили кори худ, баҳодиҳии дастовардҳо ва дидани нуқтаҳои рушд ӯ бояд ин амалҳоро дар дарс мунтазам тамрин кунад.

Бисёр воситаҳое, ки қаблан баррасӣ шуданд: варақаҳои санҷишӣ, рубрикаҳо, намунаҳои кор, муҳокимаи мақсадҳо аллакай асоси худбаҳодиҳиро фароҳам меоранд.

Дар ин ҷо бошад, таваҷҷуҳ ба рушди ин малака ҳамчун унсури мустақил равона мешавад. Ҷалби хонандагон ба баҳодиҳӣ аз чанд ҷиҳат муфид аст:

- Хонанда меомӯзад, ки ҷиҳатҳои қавии худ ва самтҳои ниёзманд ба такмилро муайян кунад.
- Худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳии мутақобила масъулиятро барои натиҷа ва фаҳмиши роҳҳои беҳтарсозии он ташаккул медиҳанд.
- Табодули шарҳҳо малакаи пешниҳод ва қабул кардани фикру мулоҳизаи созандаро инкишоф дода, ҳамкориро тақвият мебахшад.

Бе иштироки фаъолонаи хонанда, арзёбии ташаккулдиҳанда ба сабти одии натиҷа табдил ёфта, дигар воситаи пешрафт намешавад.

**1. Рузномаи дубахша**

Восита барои сабти тағйирот дар фаҳмиши мавзуъ: дар аввали дарс хонандагон тасаввуроти худро дар бораи мафҳумҳо ё падидаҳо менависанд, дар охир, пас аз кор бо маводи нав онҳоро дақиқ ё пурра мекунанд.

***Намуна***

| Пештар фикр мекардам | Ҳоло фаҳмидам |
|---|---|
| 1. …<br>2. … | 1. …<br>2. …<br>3. … |

Вариантҳо:

- *Калимаҳои калидӣ пеш аз дарс — Калимаҳои калидӣ пас аз дарс*
- *Шубҳа доштам — Фаҳмидам*
- *Чӣ гуна буд (хатогиҳои ман) — Чӣ гуна бояд бошад (ислоҳҳои ман)*

**Шарҳи методӣ**

Рузномаи дубахша ба хонандагон кумак мекунад, ки марзҳои донишҳои худро дарк кунанд, динамикаи фаҳмишро бубинанд ва саволҳои навро шакл диҳанд. Дар аввали дарс дар сутуни чап на танҳо мафҳумҳо, балки ҷавобҳои аввалия ба саволҳои мушкил ё ҳалҳои пешакии супоришҳоро сабт кард. Муқоисаи сабтҳои аввал ва ниҳоӣ ба рушди худбаҳодиҳӣ, таҳлили таҷрибаи гирифташуда ва муайян кардани дараҷаи фаҳмиши мавзуъ мусоидат мекунад. Ин шаклро метавон барои инъикоси инфиродӣ, муҳокима дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳо истифода бурд.

**2. Корти рефлексивӣ**

Воситаи рефлексиви зуд: дар охири дарс хонандагон ба чанд савол ҷавоб медиҳанд ё ибораҳои пешниҳодшударо пурра мекунанд. Кортҳо метавонанд сода бошанд бо 1–2 савол, ё васеътар бо 3 ва бештар аз он. Инъикос метавонад шифоҳӣ бошад, аммо шакли хаттӣ афзалтар аст: ин ба хонанда кумак мекунад, ки ҷавобҳои худро амиқтар андеша карда, пайдарпай нависад.

**Намунаи 1. Анҷоми ибораҳои пешниҳодшуда**

- Имрӯз ман фаҳмидам…
- Мушкилтарин чиз барои ман буд…
- Мехостам муҳокима кунам / фаҳмам…

**Намунаи 2. Корти сода бо 1–2 савол**

| Чӣ маро имрӯз ба ҳайрат овард? | Чӣ гуна метавонам ин донишро дар зиндагӣ истифода барам? |
|---|---|
| | |

**Намунаи 3. Корти стандартӣ бо 3 савол**

| Чи чизи навро фаҳмидам? | Чӣ омӯхтам? | Чӣ норӯшан монд? |
|---|---|---|
| | | |

**Намунаҳои ибораҳо:**

- Чӣ муяссар шуд? Чӣ мушкил буд? Чиро мехоҳам беҳтар кунам?
- Андешаи асосии дарс. Саволи ҷолибтарини дарс. Мавқеи ман нисбат ба дарс.
- Дар кадом лаҳза ба душворӣ дучор шудам? Оё тавонистам онро паси сар кунам? Дар чунин ҳолат ба ҳамсинфам чӣ маслиҳат медодам?

**Намунаи 4. Харитаи баромад** (саволҳо бо мантиқ таҳлили дарс тартиб ёфтаанд)
**Саволҳо ва қолаб барои пур кардан:**

1. Имрӯз чӣ чизи нав фаҳмидам (1–2 факт)?
2. Чӣ барои ман фаҳмотарин ва ҷолибтарин буд?
3. Чӣ мушкилӣ ба вуҷуд овард?
4. Оё тавонистам онро паси сар кунам? Агар ҳа, чӣ гуна?
5. Кадом андешаи дарсро муҳимтарин мешуморам?
6. Чиро мехоҳам дар дарси оянда муҳокима ё дақиқ кунам?
7. Чӣ гуна метавонам донишҳои имрӯзаи дарсро дар амал татбиқ кунам?

| Савол | Ҷавоб |
|---|---|
| 1. Дониши нав | |
| 2. Фаҳмо ва ҷолиб | |
| 3. Мушкилӣ | |
| 4. Чӣ гуна паси сар шуд | |
| 5. Андешаи асосӣ | |
| 6. Муҳокима/дақиқсозӣ | |
| 7. Татбиқ | |

**Шарҳи методӣ**

Корти инъикоскунанда ба хонандагон кумак мекунад, ки дастовард, мушкилӣ ва ниёзҳои худро дарк кунанд, омӯзгор динамикаи фаҳмишро бубинад ва қадамҳои минбаъдаро тарҳрезӣ кунад. Ин усул малакаи худбаҳодиҳӣ ва таҳлили таҷрибаи шахсиро инкишоф медиҳад.

**Вариантҳои истифодашаванда:**

1. Ҷамъоварӣ ва таҳлил аз ҷониби омӯзгор. Кортҳо ҷамъоварӣ мешаванд ва барои тарҳрезии дарсҳои минбаъда истифода мегарданд. Дар дарси навбатӣ омӯзгор шарҳи кӯтоҳи ҷавобҳои асосиро пешниҳод мекунад.
2. *Хулосабарории хонандагон.* 3–4 хонанда кортҳоро ҷамъоварӣ ва таҳлил мекунанд, гуфтори 3–5 дақиқагӣ бо шарҳи ҷавобҳо барои дарси навбатӣ омода месозанд.

**3. Худбаҳодиҳӣ оид ба мавзуъ**

Восита барои ташхиси худ. Хонанда сатҳи дониши худро оид ба унсурҳои калидии мавзуъ баҳо медиҳад, нишон медиҳад, ки чиро **медонад**, ва чӣ ниёз **ба такрор** дорад. Худбаҳодиҳӣ метавонад дар оғоз (барои ташхиси донишҳои ибтидоӣ), дар миёна (барои пайгирии пешрафт) ва дар охири мавзуъ (барои хулосабарорӣ ва нақшаи такрор) гузаронида шавад.

**Намуна: худбаҳодиҳӣ оид ба мавзуи «Сиёсати молиявии Русия дар Осиёи Марказӣ пас аз забткорӣ»**

| Мазмуни калидӣ | Медонам | Метавонам ба дигарон фаҳмонам | Бояд такрор кунам |
|---|---|---|---|
| Мақсадҳои сиёсати молиявии Империяи Русия дар минтақа | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ворид кардани андозбандӣ ва хусусиятҳои он | ☐ | ☐ | ☐ |
| Тағйирот дар муомилоти пулӣ ва ҷорӣ кардани рубл | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ҷамъоварии андоз ва таъсири он ба аҳолии маҳаллӣ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Нақши бонкҳои русӣ ва сармояи тиҷоратӣ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Манфиатҳои иқтисодии империя: ашёи хом, бозорҳо, инфрасохтор | ☐ | ☐ | ☐ |
| Пайванди сиёсати молиявӣ бо идоракунии мустамликавӣ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Намунаҳои муқовимати аҳолӣ ба низоми андозбандӣ | ☐ | ☐ | ☐ |

**Шарҳи методӣ**

Худбаҳодиҳӣ ба хонандагон кумак мекунад, ки фаҳманд чиро медонанд ва чӣ бояд такрор шавад.

Барои омӯзгор ин як воситаи зуд барои ташхис аст, ки:

- **дар оғози мавзуъ** сатҳи донишҳои ибтидоиро нишон дода, ба тарҳрезии пешниҳоди мавод кумак мекунад;
- **дар миёнаи мавзуъ** имкон медиҳад, ки пешрафт пайгирӣ шавад ва раванди таълим саривақт ислоҳ гардад;
- **дар охири мавзуъ** тасвири умумии фаҳмиши мавзуъро медиҳад ва ба ташкили такрор ё омодагӣ ба санҷишҳо мусоидат мекунад.

**Вариантҳои истифодашаванда:**

1. **Робитаи мутақобила.** Кори дунафара: хонандагон ба якдигар он нуқтаҳоеро, ки дар сутуни «Метавонам ба дигарон фаҳмонам» қайд шудааст, мефаҳмонанд.
2. **Кор дар гурӯҳ**. Тақсим ба гурӯҳҳо барои коркарди муштарак дар асоси мавзуъҳое, ки мушкилӣ доранд.
3. **Ташхиси шахсӣ.** Фардӣ пур кардан: пеш аз санҷиш ё дарси ҷамъбастӣ.

**4. Варақаҳои санҷишӣ ва ҷадвалҳои худбаҳодиҳӣ**

Восита барои ташхиси шахсӣ: хонанда нишон медиҳад, ки чиро иҷро карда тавонист, ё фаҳмиши худро дар ҷадвл арзёбӣ мекунад. Варақаҳои санҷишӣ ва ҷадвалҳо метавонанд гуногун бошанд, барои кор бо харитаҳо, таҳлили омор, иҷрои супоришҳои амалӣ ё лоиҳаҳои хурд.

**Варақаи санҷишӣ барои баҳс дар мавзуи:** *«Анҷоми низои Фузайл Махсум дар Тоҷикистон».*

Нишон деҳ, ки дар баҳс чӣ муяссар шуд (ҳа / не / қисман):

- Ман нуқтаи назари худро бо овардани далелҳои таърихӣ дар бораи Фузайл Махсум ва рӯйдодҳои солҳои 1930 асоснок кардам.
- Ман фикри дигар иштирокчиёнро гӯш кардам ва сухани онҳоро набуридам.
- Ман саволҳои дақиқдиҳанда дар бораи сабабҳо ва оқибатҳои низоъ додам.
- Ман андешаҳои худро бо такя ба рӯйдодҳо ва мафҳумҳои мушаххас равшан баён кардам.
- Агар далелҳои дигарон қавитар буданд, ман мавқеи худро бозбинӣ кардам.
- Ман фаҳмондам, ки чӣ гуна низои Фузайл Махсум бо равандҳои васеътар дар таърихи Тоҷикистон ва ИҶШС алоқаманд аст.

**Шарҳи методӣ**

Варақаҳои санҷишӣ ва ҷадвалҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки дарк кунанд ба чӣ муваффақ шудаанд ва чӣ бояд такмил ёбад. Онҳоро метавон дар корҳои фардӣ, дунафара ё гурӯҳҳо истифода бурд. Ин шаклҳоро аз таҳлили харита ва омор то омодасозии гузоришҳо ва лоиҳаҳои хурд барои намудҳои гуногуни фаъолият мутобиқ сохтан осон аст.

**5. Арзёбӣ аз рӯйи меъёрҳо (худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳии мутақобила)**

Хонандагон корҳо (худ ё ҳамсинфонашон) – ро аз рӯйи меъёрҳои пешакӣ мувофиқшуда арзёбӣ мекунанд. Ин метавонад варақаи санҷишӣ, рубрика ё мақсадҳои дарсӣ бо нуқтаҳои мушаххас барои санҷиш бошад.

**Намуна:**

- Бо на камтар аз 3 сабаб зикр кард
- Онҳоро дар харита нишон дод
- Андешаҳои худро бо далелҳо асоснок кард

**Шарҳи методӣ**

Кор бо меъёрҳо ба хонандагон кумак мекунад, ки фаъолиятҳои худро бо мақсадҳои супориш муқоиса кунанд, бинанд чӣ иҷро шудааст ва чӣ бояд такмил ёбад. Арзёбии мутақобила хонандагонро одат мекунонад, ки шарҳҳои мазмуннок дода, корро аз диди «мутахассис» таҳлил кунанд. Ин усулро метавон барои лоиҳаҳо, супоришҳои таърихӣ, таҳлили маълумот ва дигар намудҳои фаъолият истифода бурд.

**6. Пурсиши ташаккулдиҳанда**

Шакли санҷиши фаҳмиш, ки бевосита пас аз шарҳи маводди нав ё иҷрои супориш гузаронида мешавад. Омӯзгор саволҳои калидӣ медиҳад, хонандагон дунафара ё дар гурӯҳҳои хурд ҷавобҳоро баррасӣ карда, саволҳо тартиб медиҳанд ва пурсиши мутақобила мегузаронанд.

**Намуна**

Саволҳо барои муҳокима:

- **Чӣ** гуна __________ ба __________ монанд аст ё фарқ мекунад?
- Хусусиятҳои __________ кадомҳоянд?
- Мисолеро дар мавзуи __________ оваред.
- Барои баҳогузории __________ кадом меъёрҳоро истифода мебурдед?
- Чӣ гуна метавон __________- ро тасдиқ ё рад кард?

Омӯзгор рӯйхати 4–6 саволро медиҳад. Вазифаи хонандагон — интихоби 3 савол, тартиб додани саволҳои иловагӣ (дунафара, се каса, гурӯҳӣ) ва гузаронидани пурсиши мутақобила.

**Шарҳи методӣ**

Пурсиши ташаккулдиҳанда на танҳо фаҳмишро месанҷад, балки малакаи тартиб додани савол ва далеловариро инкишоф медиҳад. Кори дунафара ва гурӯҳӣ равандро ҷолибтар карда, тарси хатогиро кам мекунад. Ин усул махсусан барои мустаҳкам кардани мавод пас аз омӯзиш самаранок аст.

**7. Усулҳои бозхӯрди кӯтоҳ**

Ин маҷмӯи воситаҳои сода аст, ки дар он хонандагон ба якдигар кӯтоҳ шарҳ медиҳанд: ҷиҳатҳои мусбатро қайд мекунанд, барои беҳбудӣ маслиҳат медиҳанд, ё саволи дақиқдиҳанда мепурсанд.

| Номи усул | Моҳият | Фоида барои хонанда (дар омӯзиши фанни таърих) |
|---|---|---|
| **«Мусбат ва маслиҳат»** | Як ҷиҳати қавии ҷавоб/эссеи таърихӣ ва як маслиҳат барои беҳтарсозӣ | Кумак мекунад, ки хонанда арзиши андешаи таърихиро дарк карда, нуқтаҳои такмилро пайдо кунад |
| **«Ду ситора ва як орзӯ»** | Ду шарҳи мусбат ва як тавсия оид ба мазмун ё далеловарӣ | Омӯзиш медиҳад, ки сохтори ҷавоби таърихиро таҳлил кунад: далелҳо, мантиқ, истилоҳот |
| **«Чӣ хуб аст – Чӣ бояд такмил ёбад»** | Сабти кӯтоҳи ҷиҳатҳои мусбат ва самтҳои такмил (дар мавзуъ, лоиҳа ё манбаъ) | Тафаккури интиқодӣ ва малакаи сохторбандии андешаҳоро дар супоришҳои таърихӣ инкишоф медиҳад. |
| **«Савол ба муаллиф»** | Як саволи мазмуннок ба кори ҳамсинф (масалан: «Чаро маҳз ҳамин тавр?») | Малакаҳои далеловарии таърихӣ, гӯшкунии фаъол ва тартиб додани саволҳои дақиқро такмил медиҳад |

**Шарҳи методӣ**

Ин усулҳо фарҳанги бозхӯрди созандаро ташаккул дода, ба хонандагон кумак мекунанд, ки ҷиҳатҳои мусбат ва нуқтаҳои рушдро дар кори худ ва дигарон дида, малакаи баён кардани андешаҳоро ба таври кӯтоҳ ва мазмуннок рушд диҳад.

Онҳоро метавон дар навъҳои гуногуни фаъолият истифода бурд, ҷавобҳои шифоҳӣ, корҳои хаттӣ, лоиҳаҳо, супоришҳои эҷодиро дар ҳар марҳила аз нақшаи аввал то натиҷаи ниҳоӣ.

**Ҷадвали ҷамъбастии воситаҳои худбаҳодиҳӣ ва бозхӯрди мутақобила**

| Номи восита | Тавсифи кӯтоҳ | Мақсад |
|---|---|---|
| **1. Рӯзномаи дубахша** | Сутуни «Пеш аз дарс» (дониши ибтидоӣ/ҷавобҳо) ва «Пас аз дарс» (дониши нав, хулосаҳо) | Барои дарк кардани ҳудуди дониш ва тағйироти он; дар оғоз ва анҷоми дарс/мавзуъ |
| **2. Корти баромади** | Ҷавобҳои кӯтоҳ ба саволҳо дар охири дарс («Чӣ муяссар шуд? Чӣ душвор буд?») | Барои таҳлили таҷрибаи дарс, мушкилот ва тартиб додани саволҳои нав; дар анҷоми дарс |
| **3. Худбаҳодиҳӣ вобаста ба мавзуъ** | Нишондиҳии «Медонам», «Метавонам ба дигарон фаҳмонам», «Бояд такрор кунам» | Барои баҳодиҳии пешрафт, ислоҳи таълим ва тарҳрезии такрор; дар оғоз, миёна ва анҷоми мавзуъ |
| **4. Варақаҳои санҷишии худбаҳодиҳӣ** | Арзёбии амалҳо ё натиҷаи кор аз рӯйи рӯйхати нуқтаҳо | Барои назорати шахсии иҷрои супориш, дар ҷараён ва пас аз кор |

| | | |
|---|---|---|
| **5. Арзёбӣ аз рӯйи меъёрҳо** | Худбаҳодиҳӣ ё баҳодиҳии мутақобила аз рӯйи меъёрҳои пешакӣ мувофиқшуда | Барои таҳлили натиҷа ва беҳтарсозии кор, дар ҷараён ва пас аз иҷро |
| **6. Пурсиши ташаккулдиҳанда** | Саволҳои калидӣ пас аз омӯзиши мавод, муҳокима ва пурсиши мутақобила дар гурӯҳҳо | Барои санҷидани фаҳмиш ва ҷалби хонандагон, бевосита пас аз шарҳи мавод ё супориш |
| **7. Усулҳои бознигарӣ кӯтоҳ** | Шарҳҳои кӯтоҳ ба кор (масалан, «Плюс ва маслиҳат», «Ду ситора ва як орзу») | Барои бозхӯрди зуд ва ислоҳи кор, дар ҳар марҳилаи фаъолият |

**Хулоса**

Ҳамаи ин воситаҳо баҳогузориро аз як расмиёти расмӣ ба раванди фаъол табдил медиҳанд, ки дар он хонанда нақши фаъол мебозад: дониши худро сабт мекунад, онро бо мақсадҳо муқоиса мекунад, маслиҳат мегирад ва бозхӯрди мутақобила медиҳад. Ин муносибат баҳогузориро маънодор мекунад, малакаи худтаҳлил ва ҳамкориро инкишоф медиҳад ва ба омӯзгор маълумоти саривақтӣ барои дастгирии инфиродии ҳар хонанда фароҳам меорад.

### Усулҳои иловагии арзёбии ташаккулдиҳанда

**1. Гирифтани бозхӯрди дарсӣ**

- Светафор – корти рангӣ (сабз – фаҳмидам, зард – савол дорам, сурх – нафаҳмидам.
- Хулосаи якҷумлагӣ – ҳар хонанда як фикри асосии дарсро ба таври кӯтоҳ баён мекунад.
- Аннотатсияи дунафара – ду нафар хонандагон аннататсияи кӯтоҳи мавзуъро нависонда, якдигарро пурра мекунанд.
- Эссеи якдақиқаӣ – ҷавоби хаттӣ ба саволи калидӣ дар муддати 1– 2 дақиқа.
- Дуруст/Нодуруст – омӯзгор изҳоротҳоро мехонад, хонандагон зуд ҷавоб медиҳанд.

***2. Баҳогузорӣ ва такмили корҳо***

- Галереяи корҳо – корҳо дар синф гузошта мешаванд, хонандагон аз рӯи меъёрҳо шарҳҳои кӯтоҳ медиҳанд.
- Мусоҳибаи дунафара – хонандагон навбат ба навбат савол медиҳанд, фаҳмишро месанҷанд.
- Як савол – як ҷавоб – ҳар кас як саволи асосӣ менависад ва ба саволи дигарон ҷавоб медиҳад.

**3. Инъикоси эҳсосӣ ва фазои дарс**

- Ҳолати руҳӣ дар охири дарс – хонандагон смайлик мегузоранд ё ҳолати худро кӯтоҳ тавсиф мекунанд.
- Се мусбат ва як манфӣ – се ҷиҳати мусбат ва як ҷиҳати такмилёбандаи дарсро менависанд.
- Абри эҳсосот – коллаж ё кластер бо калимаҳои калидии эҳсосӣ дар бораи дарс.

**Ҷамъбаст**

Арзёбии ташаккулдиҳанда нақши баҳогузориро тағйир медиҳад: он дигар танҳо нишондоди ниҳоӣ нест, балки воситаи рушд мегардад. Дар асоси ин муносибат чор принсипи калидӣ қарор доранд:

1. **Равонасозӣ ба рушди шахсии хонанда** – диққат аз муқоиса бо дигарон ба пешрафти инфиродӣ мегузарад.
2. **Меъёрҳои равшан ва фаҳмо барои муваффақият** – равандро шаффоф, объективона ва одилона месозанд.
3. **Бозхӯрди созанда** – омӯзгор на танҳо шарҳ медиҳад, балки роҳҳои беҳбудиро нишон медиҳад.
4. **Ҷалби хонандагон ба раванди баҳогузорӣ** – тавассути худбаҳодиҳӣ, бозхӯрди мутақобила ва муҳокимаи натиҷаҳо.

Ин принсипҳо таълимро маънодор ва ангезанда гардонида, баҳогузориро ба воситаи дастгирӣ ва рушд табдил медиҳанд.

**Ҷадвали муқоисавӣ: Баҳогузории анъанавӣ ва арзёбии ташаккулдиҳанда (дар таълими фанни таърих)**

| Меъёр | Баҳогузории анъанавӣ (таърих) | Арзёбии ташаккулдиҳанда (таърих) |
|---|---|---|
| **Мақсад** | Санҷидани дониши хонанда аз рӯйи далелҳо, санаҳо, истилоҳот ва додани баҳо | Кумак ба хонанда барои дарки амиқи равандҳои таърихӣ, робитаҳои сабаб ва рушди тафаккур |
| **Таваҷҷуҳ** | Муқоисаи дониш бо «ҷавоби дуруст» ё бо ҳамсинфон | Муқоисаи дониш бо ҳолати қаблӣ: чӣ гуна фаҳмиш, далеловарӣ ва кор бо манбаъҳо тағйир ёфтааст |
| **Фаъолияти хонанда** | Пассивӣ: ҷавоб медиҳад — баҳо мегирад | Фаъол: дар худбаҳодиҳӣ иштирок мекунад, нуқтаҳои назарро муҳокима мекунад |
| **Меъёрҳо** | Аксаран пинҳон: «дуруст/нодуруст» | Пешакӣ эълон мешаванд: «далелҳои таърихӣ истифода шудаанд», «мавқеъ асоснок аст», «хулоса тартиб дода шудааст» |
| **Шакли бозхӯрди омӯзгор** | Баҳо: 3, 4, 5 — бе шарҳ ё бо шарҳи кӯтоҳ | Шарҳҳо: «ту сабабҳоро хуб нишон додӣ, вале оқибатҳоро нагуфтӣ», «манбаъ аз далелҳо илова кун» |
| **Замони гузариш** | Дар охири мавзуъ: санҷиш ё тест | Дар ҳамаи марҳилаҳо, ҳангоми шарҳи мавод, муҳокима, кор бо лоиҳа ё манбаъ |
| **Нақши омӯзгор** | Назоратгар: хатоҳоро санҷида, сабт мекунад | Роҳнамо: маслиҳат медиҳад, ки чӣ гуна таҳлили таърихӣ беҳтар шавад, савол тартиб дода шавад, манбаъ истифода шавад |
| **Нақши хонанда** | Гирифтандаи баҳо: интизори «ҷавоби дуруст» | Таҳқиқотгар ва иштирокчӣ: шарҳ медиҳад, далел меорад, худ ва дигаронро баҳогузорӣ мекунад |
| **Натиҷа барои хонанда** | Медонад, ки чанд хол ё кадом баҳоро гирифтааст | Мефаҳмад, ки кадом ҷузъҳои тафаккури таърихӣ рушд ёфтаанд, кадомашон бояд такмил ёбанд ва чӣ гуна |

**Хулоса**

Ҳар як равиш таҳдидҳои худро дорад. Дар баҳогузории анъанавӣ, тамаркуз ба баҳо бе шарҳи мазмун метавонад ангезаро коҳиш диҳад ва хонандаро дар бораи пешрафти воқеии худ ноогоҳ гузорад. Арзёбии ташаккулдиҳанда, агар меъёрҳо норавшан бошанд, вақт кофӣ набошад, ё бозхӯрди омӯзгор сатҳӣ бошад, метавонад ба як расмиёти беарзиш табдил ёбад. Барои пешгирии ин хатарҳо, муҳим аст, ки арзёбии ташаккулдиҳандаро ба таври системавӣ татбиқ намоем, бо таваҷҷуҳ ба равшании мақсадҳо, сифати бозхӯрди омӯзгор ва фаъолияти хонандагон дар раванди арзёбӣ назар андозем.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Арзёбии ташаккулдиҳанда** дар асоси муколама сохта мешавад: муҳим на танҳо натиҷаро сабт кардан, балки ба хонанда кумак расондан аст, ки фаҳмад чӣ ва чӣ гуна метавонад беҳтар шавад.
2. **Принсипи 3. Робитаи мутақобилаи созанда.** Шарҳҳои омӯзгор ва ҳамсинфон бояд мушаххас, саривақтӣ ва ба беҳтарсозии кор равонашуда бошанд.
3. **Робитаи мутақобилаи хуб** на танҳо хатоҳоро нишон медиҳад, балки роҳҳои ислоҳи онҳоро пешниҳод намуда, ба хонанда кумак мекунад, ки нақшаи рушди шахсӣ бинад ва ангезаро нигоҳ дорад.
4. **Принсипи 4. Ҷалби хонандагон ба раванди баҳогузорӣ**. Хонанда нақши фаъол дорад: корҳои худро баҳогузорӣ ва дар муҳокимаи натиҷаҳо иштирок мекунад.
5. **Худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳии мутақобила.** Малакаи таҳлил ва муоширати созандаро инкишоф медиҳанд ва масъулият барои натиҷаро ташаккул медиҳанд.
6. **Истифодаи меъёрҳо дар худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳии мутақобила** ба хонандагон кумак мекунад, ки корҳои худ ва ҳамсинфонро ба таври объективӣ таҳлил кунанд, ҷиҳатҳои қавӣ ва нуктаҳои рушдро бинанд, ки ин равандро шаффоф ва ангезанда мегардонад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Шумо дар бораи нақши **робитаи мутақобилаи созанда** ва **ҷалби хонандагон** ба раванди баҳогузорӣ чӣ маълумоти нав гирифтед?
2. Кадом ҷанбаҳои мавзуъ барои шумо **нофаҳмо** монданд **ё бо онҳо розӣ нестед?**
3. **Кадом усули робитаи мутақобила** барои шумо муфидтар намуд ва чаро?
4. **Кадом се усули худбаҳодиҳиро** мехоҳед дар наздиктарин вақт озмоиш кунед? Сабаби интихоби онҳо чист?
5. Шумо дар вогузории қисме аз масъулияти баҳогузорӣ ба худи хонандагон чӣ **афзалият ва хатарҳоро мебинед?**
6. **Кадом монеа ё душвориҳо метавонанд ҳангоми татбиқи усулҳои худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳии мутақобила дар синфҳои шумо пайдо шаванд?**
7. **Кадом монеаҳо** метавонанд ҳангоми и**стифодаи усулҳои худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳии мутақобила** дар синфи шумо ба миён оянд?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодиҳии 4.2

☞ Як ҷавоби дурустро интихоб намоед

**1. Мақсади асосии бозхӯрди созанда дар чист?**
- A. Нишон додани ҳамаи хатогиҳо, то хонанда онҳоро мустақилона ислоҳ кунад.
- B. Кумак ба хонанда, ки фаҳмад чӣ хуб иҷро шудааст ва чӣ бояд такмил ёбад.
- C. Баланд бардоштани ангезаи хонандагон тавассути таъриф ва дастгирӣ.
- D. Осон кардани раванди баҳогузорӣ барои омӯзгор.

**2. Мазмуни бозхӯрди созанда бояд чӣ гуна бошад?**
- A. Кӯтоҳ, умумӣ ва ангезабахш.
- B. Кӯтоҳ, мусбат ва бо нишон додани муҳлат.
- C. Мушаххас, равшан ва дастурдиҳанда.
- D. Мушаххас, саривақтӣ ва қобили иҷро.

**3. Иштироки хонанда дар раванди баҳогузорӣ чӣ медиҳад?**
- A. Имкони таъсир ба баҳои ниҳоӣ.
- B. Кам шудани шарҳҳои омӯзгор.
- C. Дарки дастовардҳои шахсӣ ва самтҳои рушд.
- D. Кам шудани шумораи супоришҳои баҳогузорӣ.

**4. Нақши худбаҳодиҳӣ дар таълим чист?**
- A. Ба хонанда имкон медиҳад, ки аз танқиди омӯзгор канорагирӣ кунад.
- B. Ба хонанда кумак мекунад, ки натиҷаҳои худро таҳлил кунад.
- C. Раванди санҷиши корҳоро барои омӯзгор осон мекунад.
- D. Ҳамаи шаклҳои санҷишро иваз мекунад.

**5. Баҳодиҳии мутақобила миёни хонандагон чӣ малакаҳоро инкишоф медиҳад?**
- A. Малакаи ҳамкорӣ ва рақобат байни хонандагон.
- B. Малакаи баҳс ва қобилияти ислоҳи хатогиҳо.
- C. Малакаи таҳлил ва додани шарҳи созанда.
- D. Қобилияти ислоҳи хатогиҳо ва гирифтани баҳои баландтар.

**6. Чаро ҷалби хонандагон ба раванди баҳогузорӣ ангезаро баланд мекунад?**
- A. Зеро хонандагон эҳсос мекунанд, ки фикри онҳо ба назар гирифта мешавад.
- B. Зеро онҳобештар баҳои мусбат мегиранд.
- C. Зеро омӯзгор аз санҷиши корҳо даст мекашад.
- D. Зеро шумораи супоришҳо кам мешавад.

**7. Чӣ равандро дар худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳии мутақобила шаффоф мекунад?**
- A. Рад кардани баҳоҳо ба нафъи шарҳҳои шифоҳии муфассал.
- B. Кам кардани шарҳҳо барои пешгирии сарбории хонандагон.
- C. Истифодаи меъёрҳои мувофиқшуда ва фаҳмои омӯзгор ва хонанда.
- D. Гузаронидани санҷишҳо дар охири мавзуъ барои нишон додани натиҷаи умумии таълим.

## МАШҒУЛИЯТИ 3

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**
**3. Тартиб додани** мақсадҳои дарс ба шакле, ки барои хонандагон фаҳмо бошад
**4. Таҳияи** меъёрҳои равшан ва объективӣ барои баҳогузории намудҳои гуногуни фаъолият.
**5. Додани** бозхӯрди шифоҳӣ ва хаттии созанда

### ДАРСИ АМАЛӢ: АЗ МАҚСАД ТО РОБИТАИ МУТАҚОБИЛА

**Кори амалӣ 1.** Табдили мақсади умумӣ ба мақсадҳои хонанда ва вазифаҳои таълимӣ

**Мақсад:** омӯхтани фарқ байни мақсади умумии дарс ва мақсадҳои хонанда, таҳияи супоришҳои таълимӣ, ки натиҷаи интизоршавандаро тавсиф мекунанд**.**

**Супориш барои гурӯҳҳо:**
Шумо ду варианти кор доред:
**Варианти 1.** Истифодаи мақсади умумии пешниҳодшуда дар мавзуи **«Муқовимат ба муғулҳо. Темурмалик»** ва табдили он:

1. Таҳияи мақсади умумӣ ба **мақсадҳои хонанда**: Кадом дониш ва малакаҳоро хонанда пас аз дарс бояд дошта бошад.
2. Мушаххассозии ҳар як мақсад тавассути **супоришҳои таълимӣ**: Кадом амалҳоро бояд хонанда анҷом диҳад (масалан: «муқоиса кунад…», «таҳлил кунад…», «аз харита ёбад…»).

**Варианти 2.** Интихоби мавзуи дигар ва **ташкили мақсад ва вазифаҳо** ба таври мустақил.

***Мавзуъ:*** *«Муқовимат ба муғулҳо. Темурмалик»*

| **Мақсади умумӣ** | **Мақсади хонанда** | **Вазифаҳои дарсӣ (натиҷаҳои интизоршаванда)** |
|---|---|---|
| Шинос кардани хонандагон бо таърихи муқовимат ба ҳуҷуми муғулҳо дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза ва нақши Темурмалик | | *Дар охири дарс хонанда метавонад:*<br>1.<br>2.<br>3.<br>4. |

**Варақаи санҷишӣ барои арзёбии супориши иҷрошуда**

| **Меъёрҳо** | **Бале** | **Не** |
|---|---|---|
| 1. Ҳадди ақал **ду** мақсади хонанда тартиб дода шудааст | ☐ | ☐ |
| 2. Ба ҳар як мақсад **вазифаҳои таълимӣ/натиҷаҳои интизоршаванда** тартиб дода шудаанд | ☐ | ☐ |
| 3. Вазифаҳо/натиҷаҳо **амалҳо ё малакаҳои мушаххаси хонандаро** тавсиф мекунанд | ☐ | ☐ |
| 4. Ҳар як натиҷа **қобили санҷиш аст** (аз рӯйи ҷавоб ё амал) | ☐ | ☐ |
| 5. Дар натиҷаҳо **пешрафт мушоҳида мешавад** (аз дониш то таҳлил ва татбиқ) | ☐ | ☐ |

## Кори амалии 2. Таҳияи меъёрҳои арзёбӣ

**Мақсад:** Омӯхтани **таҳияи меъёрҳои шаффоф, фаҳмо ва объективӣ** барои баҳогузории корҳои хонандагон.

**Кори дунафара:**
Мавзуъ ва намуди фаъолиятро, ки шумо дар дарсҳо истифода мебаред, интихоб кунед ва **на камтар аз 3–4 меъёрҳои баҳогузорӣ** тартиб диҳед, ки бо **забони фаҳмои хонандагон** навишта шудаанд.

**Намунаҳои фаъолият:**
- Ҷавоби шифоҳӣ
- Кор бо харита
- Навиштани реферат
- Тартиб додани кластер ё тарҳ
- Иҷрои мини-лоиҳа
- Гузориш, рӯнамо

**Мавзуъ:**

| Намуди фаъолият | Меъёрҳои баҳогузорӣ |
|---|---|
| | 1.<br>2.<br>3.<br>4. |

**Варақаи санҷишӣ барои баҳогузории иҷрои супориш**

| Меъёрҳо | Бале | Не |
|---|---|---|
| 1. На камтар аз се меъёр барои арзёбӣ тартиб дода шудааст | ☐ | ☐ |
| 2. Ҳар як меъёр бо забони фаҳмои хонандагон навишта шудааст | ☐ | ☐ |
| 3. Меъёрҳо унсурҳои мушаххас ва муҳимро тавсиф мекунанд | ☐ | ☐ |
| 4. Аз рӯйи ҳар як меъёр мумкин аст объективона муайян кард, ки иҷро шудааст ё не | ☐ | ☐ |
| 5. Меъёрҳо ба намуди интихобшудаи фаъолият мувофиқанд (лоиҳа, харита, кластер…) | ☐ | ☐ |
| 6. Меъёрҳо барои бозхӯрди педагогӣ истифода мешаванд (аз рӯйи онҳо маслиҳат додан осон аст) | ☐ | ☐ |

## Кори амалии 3. Таҳияи ҷадвали пешрафт

**Мақсад:** омӯхтани таҳияи шкалаҳои пешрафт барои хонандагон**,** ки ба онҳо кумак мекунанд рушди худро дар малакаҳои мушаххас бубинанд**.**

**Кори дунафара:**
**Як мавзуъ** ва **намуди фаъолиятро** аз фанни худ интихоб карда, **ҷадвали пешрафтро** барои як малакаи калидӣ таҳия намоед.

**Ҷадвал бояд:**
- **сатҳҳои гуногуни азхудкунии малакаро** тавсиф кунад (масалан: аз «оғозшавӣ» то «пешрафта»);
- бо **забони ба хонандагон фаҳмо** муносибат намудан (бидуни истилоҳоти мураккаб);
- **амал ё натиҷаҳои мушаххасеро** инъикос кунад, ки хонанда метавонад нишон диҳад.

***Саволҳои назоратӣ барои баҳогузории иҷрои машқ***

1. Оё **3–4 сатҳи пешрафт** тартиб дода шудааст?
2. Оё **сатҳҳо бо забони фаҳмо барои хонандагон** тавсиф шудаанд?
3. Оё **ҳар як сатҳ амал ё малакаҳои мушаххасро** инъикос мекунад?
4. Оё **динамикаи рушд аз осон ба мураккаб** намоён аст?

## Кори амалии 4. Таҳияи «Варақаи санҷиши муваффақият»

**Мақсад:** Омӯхтани роҳҳои тартиб додани варақаи санҷиши муваффақият, ки ба хонандагон кумак мекунад иҷрои унсурҳои калидии супоришро мустақилона пайгирӣ кунанд.

**Супориш барои кор дар гурӯҳҳои сенафарӣ:**

Як мавзуъ ва намуди фаъолиятро интихоб кунед (масалан: таҳлили харита, омодасозии гузориш, корҳои амалӣ) ва варақаи санҷиши муваффақият тартиб диҳед.

- 4–7 нуқта, ки тавсиф мекунанд: **чиро бояд хонанда иҷро кунад**, то кор муваффақ ҳисоб шавад.
- Истифодаи **забони сода ва фаҳмо**.
- Истифодаи **варақаи санҷишӣ барои омӯзгор**.

**Варақаи санҷишӣ барои омӯзгор**

| Меъёрҳо | Бале | Не |
|---|---|---|
| 1. **Намуди фаъолият муайян шудааст:** супориши таърихӣ равшан интихоб шудааст (масалан, лоиҳа, гузориш, суханронӣ) | ☐ | ☐ |
| 2. **Шумораи нуқтаҳо:** дар варақаи санҷишӣ на камтар аз 4 нуқтаи мушаххас мавҷуд аст | ☐ | ☐ |
| 3. **Забони фаҳмо:** сода ва барои хонандагон фаҳмоянд, бе истилоҳоти мураккаб | ☐ | ☐ |
| 4. Ҳар як нуқта **амал ё натиҷаи мушаххасро** тавсиф мекунад (масалан: «Се далели таърихӣ овард», «Маҳалли муқовиматро дар харита нишон дод») | ☐ | ☐ |
| 5. **Тартиби мантиқӣ:** нуқтаҳо марҳилаҳои корро инъикос мекунанд ва мувофиқи пайдарпайии иҷрои супориш навишта шудаанд | ☐ | ☐ |
| 6. **Қобили санҷиш:** ҳар як нуқтаро объективона метавон санҷид — иҷро шудааст ё не | ☐ | ☐ |
| 7. **Муфид барои хонанда:** варақаи санҷишӣ кумак мекунад, ки фаҳмад чӣ хуб иҷро шудааст ва чӣ бояд такмил ёбад | ☐ | ☐ |

## Дарси амалии 5. Додани робитаи мутақобилаи созанда

**Мақсад:** омӯхтани пешниҳоди бозхӯрд ба ҳамкорон то ки ба онҳо кумак кунад, ки ҷиҳатҳои қавии кори худро дида, фаҳманд, ки чӣ гуна метавон онро беҳтар кард**.**

**Супориш барои кор дар ҷуфтҳо:**

Бо ҳамкорон натиҷаҳои кории машқҳои қаблиро (мақсадҳои дарс, меъёрҳои арзёбӣ, ҷадвали пешрафт, варақаҳои санҷишӣ) мубодила кунед.

**Бозхӯрди хаттиро** бо риояи принсипҳои зерин тартиб диҳед:

1. *Чӣ чиз хуб иҷро шудааст?* (нуқтаҳои қавии мушаххасро нишон диҳед)
2. *Чӣ бояд такмил ёбад?* (ҷанбаҳое, ки метавон беҳтар кард)
3. *Чӣ гуна беҳтар кардан мумкин аст?* (маслиҳатҳои мушаххас)

**Коре, ки баҳогузорӣ мешавад:** ___________________________

| Ҷиҳатҳои қавии кор | Чӣ бояд такмил ёбад | Маслиҳатҳо барои беҳбудӣ |
|---|---|---|
| | | |

**Кори амалии 6. «Озодии интихоб»**

**Мақсад:** Омӯхтани истифодаи усулҳои гуногуни бозхӯрди омӯзгорӣ ва интихоби самараноктарин усулҳо барои таҷрибаи шахсӣ.

**Супориш барои кор дар ҷуфтҳо:**

1. Ду кореро интихоб кунед, ки ҳамкорон дар машқҳои қаблӣ таҳия кардаанд (мақсадҳои дарс, меъёрҳои арзёбӣ, ҷадвли пешрафт, варақаҳои санҷишӣ).
2. Аз **чор усули бозхӯрди омӯзгорӣ** ду усули гуногунро интихоб кунед.
3. Барои ҳар як кор бо истифодаи усули интихобшуда **бозхӯрди хаттӣ** нависед.
4. Барои худбаҳодиҳӣ **варақаи санҷиширо истифода баред**.

**Усулҳои бозхӯрди омӯзгорӣ:**

1. **«Мусбӣ ва маслиҳат»**
   – *Мусбӣ*: як ҷиҳати қавии кор
   – *Маслиҳат*: як пешниҳоди мушаххас барои беҳбудӣ
2. **«Ду ситора ва як орзӯ»**
   – *Ситораҳо*: ду ҷиҳати муваффақ
   – *Орзӯ*: як пешниҳод барои такмил
3. **«Чӣ хуб аст – чӣ бояд такмил ёбад»**
   – *Чӣ хуб аст*: ҷузъҳои муваффақ
   – *Чӣ бояд такмил ёбад*: ҷанбаҳои мушаххаси ислоҳшаванда
4. **«Савол ба муаллиф»**
   – Як савол, ки ба муаллиф кумак мекунад фикр кунад ё корро такмил диҳад

**Варақаи санҷишӣ: Бозхӯрди босифат чӣ гуна аст?**

| Меъёрҳо | Бале | Не |
|---|---|---|
| **1. Мушаххас:** ман аз фаъолияят мисолҳо овардам, на фразаҳои умумӣ | ☐ | ☐ |
| **2. Мутаносиб:** ҷиҳатҳои қавӣ ва самтҳои такмилро нишон додам | ☐ | ☐ |
| **3. Бо маслиҳат:** барои беҳбудӣ маслиҳатҳои фаҳмо додам | ☐ | ☐ |
| **4. Мусбат:** бозхӯрди ман ангезабахш аст, на беарзишкунанда | ☐ | ☐ |
| **5. Фаҳмо:** бо забони сода навиштаам, бе истилоҳоти зиёдатӣ | ☐ | ☐ |

## Кори амалии 7. Худбаҳодиҳии малакаҳои ман дар самти арзёбии ташаккулдиҳанда

**Мақсад:** Арзёбии **дониш ва малакаҳои шахсӣ** дар татбиқи баҳогузории ташаккулдиҳанда ва муайян кардани **самтҳои рушд**.

**Дастур:**
Ба ҳар як малака баҳои худро гузоред:
**1 – Истифода накардаам**
**2 – Кӯшиш мекунам**
**3 – Муваффақ мешавам**
**4 – Маҳорат дорам**

| Малака | 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|---|
| 1. Тартиб додани мақсадҳои дарс, ки натиҷаҳои интизоршавандаро барои хонандагон инъикос мекунанд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Таҳияи меъёрҳои равшан ва фаҳмо барои баҳогузории намудҳои гуногуни кор | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Истифодаи варақаҳои санҷишӣ ва ҷадвалҳои пешрафт барои худбаҳодиҳии хонандагон | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Истифодаи усулҳои гуногуни бозхӯрди созанда (хаттӣ ва шифоҳӣ) | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Ташкили баҳодиҳии мутақобила, ки хонандагон ба якдигар шарҳи муфид медиҳанд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Ҷалби хонандагон ба муҳокимаи меъёрҳо ва натиҷаҳои баҳогузорӣ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| 7. Тарҳрезии дарсҳо бо назардошти он ки баҳогузорӣ рушди шахсии ҳар хонандаро дастгирӣ кунад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

**Чиро мехоҳам такмил диҳам:**
*(Ҷой барои навиштани фикрҳо ва самтҳои рушди шахсӣ)*

.........................................................................................................................................

.........................................................................................................................................

.........................................................................................................................................

.........................................................................................................................................

.........................................................................................................................................

.........................................................................................................................................

.........................................................................................................................................

.........................................................................................................................................

.........................................................................................................................................

## МАВЗУИ 2

# Усулҳои арзёбии салоҳиятҳои калидӣ (4К+) дар таълими дарсҳои таърих

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Маҳоратҳои калидии 4К+ дар рафти иҷрои супоришҳо зоҳир мешаванд, на танҳо дар корҳои ниҳоӣ.
- Асбобҳои гуногуни арзёбии ташаккулдиҳанда ба мақсадҳои гуногун хизмат карда, мувофиқи супориши мушаххас интихоб карда мешаванд.
- Меъёрҳои равшан ва фаҳмои муваффақият арзёбиро шаффоф мегардонанд ва ба кам кардани субъективият кумак мекунанд.
- Арзёбии ташаккулдиҳанда танҳо дар ҳолате самаранок аст, ки фикру мулоҳиза мушаххас, саривақтӣ ва ба беҳтаршавӣ равона шуда бошад.

**Чиро тавонистан зарур аст?**

- Муайян кунем, ки кадом маҳоратҳо дар супориши мушаххас зоҳир мешаванд.
- Усулҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро мувофиқи марҳилаҳои гуногуни дарс интихоб ва мутобиқ созем.
- Меъёрҳои муваффақиятро бо забони сода ва фаҳмои хонандагон баён кунем.
- Фикру мулоҳизаро ба тавре истифода барем, ки, на «арзёбӣ аз рӯйи далел», балки ангеза бахшанд.
- Хударзёбӣ ва арзёбии ҳамдигарро тавре ташкил кунем, ки мазмуннок бошад, на расмӣ.

**Саволҳои калидӣ барои баррасӣ**

- Чӣ тавр метавонем хонандаро омӯзонем, ки хонандагон меъёрҳои муваффақиятро фаҳмида, истифода баранд?
- Кадом асбобҳо имкон медиҳанд, ки пешрафт дида шавад, на танҳо натиҷаи охир?
- Чӣ тавр арзёбии ташаккулдиҳандаро мувофиқи мақсади дарс интихоб кунем?
- Кадом шароит лозим аст, то арзёбии ташаккулдиҳанда қисми доимии дарс гардад, на амали яквақта?

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Чӣ гуна салоҳиятҳои 4К+ ҳангоми иҷрои супоришҳои таълимӣ зоҳир шуданро **фаҳмед.**
2. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда барои рушди салоҳиятҳои 4К+ мувофиқро **муайян кунед.**
3. **Тақвият** додани зуҳуроти 4К+ дар ҳолатҳои таълимӣ
4. **Таҳия ва мутобиқ** кардани воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба вазъиятҳои таълимӣ.

## Муқаддима

Чӣ гуна фаҳмидан мумкин аст, ки хонанда воқеан пеш меравад, на танҳо супоришро «барои нишон додан» иҷро мекунад?

Арзёбии салоҳиятҳои калидӣ ин на танҳо баҳои ниҳоӣ, балки мушоҳидаи доимӣ, таҳлил ва дастгирӣ мебошад.

Арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгор ва хонандагон кумак мекунад, ки пешрафти воқеиро мушоҳида кунанд, фикру мулоҳизаҳо гирифта, амалҳои худро фавран ислоҳ кунанд, дарсро ба раванди муштараки рушд табдил диҳанд. Ҳамзамон имкон медиҳад, ки на танҳо натиҷа, балки роҳи расидан ба он низ ба таври возеҳ сабт карда шавад ва ҷузъиёти муҳими ба сифати таълим таъсир расонанда, пай бурда шавад.

**Дар машғулияти якум** шумо мефаҳмед, ки чӣ гуна дар супоришҳои шинос имкониятҳо барои таҳлил, ҷустуҷӯйи ҳалли ғайристандартӣ ва далеловарӣ «пинҳон» шудаанд. Мо баррасӣ мекунем, ки кадом асбобҳои арзёбии ташаккулдиҳанда имкон медиҳанд, ки тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорӣ дар раванди кор (на танҳо дар охири дарс) зоҳиршуда, рушд ёбанд.

**Дар машғулияти дуюм** мо ба он диққат медиҳем, ки арзёбии ташаккулдиҳанда чӣ гуна ба рушди маҳоратҳои ҳамкорӣ, муколама ва малакаи омӯзиш мусоидат мекунад. Бо истифода аз супоришҳо шумо мебинед, ки чӣ гуна саҳми ҳар як хонандаро дар кори гурӯҳӣ сабт кардан мумкин аст, фикру мулоҳизаро созанда гардондан ва раванди банақшагирӣ ва хударзёбиро барои кӯдакон фаҳмо ва дастрас намудан мумкин аст.

**Дар корҳои амалӣ** шумо худро дар нақши тарроҳ месанҷед: супоришҳои таълимиро такмил медиҳед, то салоҳиятҳои калидӣ дар онҳо равшантар зоҳир шаванд; усулҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои марҳилаҳои гуногуни дарс интихоб мекунед; меъёрҳои муваффақият, варақаҳои санҷишӣ ва корти хулосавиро таҳия мекунед, ки онҳоро дар дарсҳои худ истифода бурдан мумкин аст.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Арзёбии ташаккулдиҳанда** – раванди гирифтан ва истифода бурдани фикру мулоҳиза дар ҷараёни таълим барои беҳтар фаҳмидани мавод ва ислоҳи амалҳои хонанда ва омӯзгор.

**Фикру мулоҳиза** – маълумот дар бораи сифати иҷрои супориш, ки ба хонанда кумак мекунад фаҳмад, ки чӣ аллакай хуб аст ва чӣ гуна беҳтар кардан мумкин аст.

**Арзёбии ҳамдигар** – равандест, ки дар он хонандагон корҳои якдигарро мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда арзёбӣ карда, шарҳҳои созанда пешниҳод менамоянд.

**Худбаҳодиҳӣ** – арзёбии кори худ аз ҷониби хонанда мувофиқи меъёрҳои муайяншуда, муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва самтҳои ниёзманд ба беҳбудӣ.

**Меъёрҳои муваффақият** – нишондиҳандаҳои равшан ва фаҳмо, ки мувофиқи онҳо иҷрои супориш ё расидан ба мақсад арзёбӣ шуда, ҳамчун самтнамо барои хонандагон хизмат мекунанд.

**Варақаи санҷишӣ** – асбобе дар шакли рӯйхати қадамҳо ё нишондиҳандаҳо, ки ба пайгирии иҷрои супориш ва риояи меъёрҳо кумак мекунад.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ОМӮЗИШ:**

1. **Фаҳмидани** вазъияти таълимӣ чист ва барои чӣ он дар дарси таърих зарур аст.
2. **Тавсиф кардани** сохтори вазъияти таълимии сода ва бисёрзина.



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

Ин супориш санҷиши донишҳои шумо нест. Мақсади он эҷоди нуқтаи ибтидоӣ барои кори минбаъда мебошад.

- Аввал ба изҳоротҳо ба таври **инфиродӣ** ҷавоб диҳед, «Дуруст» ё «Нодуруст»-ро интихоб кунед.
- Баъдан ҷавобҳои худро дар гурӯҳ муҳокима намоед, ба мувофиқат ва фарқиятҳои андешаҳо диққат диҳед.

| Изҳорот | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| 1. Арзёбии ташаккулдиҳанда вақти зиёдро мегирад | | |
| 2. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамон баҳо гузоштан аст | | |
| 3. Меъёрҳои равшан ба хонандагон кумак мекунанд, ки бошуурона кор кунанд | | |
| 4. Арзёбии ташаккулдиҳандаро одатан дар охири дарс истифода мебаранд | | |
| 5. Арзёбии ташаккулдиҳанда танҳо дар синфҳои болоӣ хуб кор мекунад | | |
| 6. Хонанда метавонад дар таҳияи меъёрҳои муваффақият иштирок кунад | | |
| 7. Овезаҳо ва ёддошти методӣ сарфи беҳудаи вақтанд, онҳо ба натиҷа таъсир намерасонанд | | |
| 8. Варақаҳои санҷишӣ ба хонанда кумак мекунанд, ки кори худро беҳтар назорат кунад | | |
| 9. Арзёбии ташаккулдиҳанда танҳо барои фанҳои гуманитарӣ мувофиқ аст | | |
| 10. Фикру мулоҳиза самаранок аст, агар дар охири омӯзиши мавзуъ дода шавад | | |
| 11. Арзёбии ташаккулдиҳандаро ҳатто бе баҳо низ истифода бурдан мумкин аст | | |
| 12. Як усули арзёбии ташаккулдиҳандаро метавон барои фанҳои гуногун мутобиқ кард | | |
| 13. Арзёбии ташаккулдиҳанда — ин вақте аст, ки омӯзгор пурра вазифаи арзёбиро ба хонандагон месупорад | | |
| 14. Арзёбии ташаккулдиҳанда ба кам кардани баҳсҳо ва норозигӣ аз баҳо кумак мекунад | | |

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 4.3-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 4.3 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 4.3**

### *1. АРЗЁБИИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДӢ: АЗ ВАЗЪИЯТИ ТАЪЛИМӢ ТО МЕЪЁРҲОИ НАМОЁН (ДАР ДАРСИ ТАЪРИХ)*

Арзёбӣ ин ҳамеша идомаи диди омӯзгор аст: ба чӣ диққат медиҳад, чӣ чизро муҳим мешуморад, кадом корро мехоҳад дастгирӣ кунад. Агар, масалан, хонанда бояд як масъалаи таърихиро ҳал кунад, равшан аст, ки натиҷаро чӣ гуна арзёбӣ кардан мумкин аст. Аммо агар вазифа ташаббус нишон додан, дар гурӯҳ мувофиқа кардан ё пешниҳоди роҳи ғайриоддӣ бошад чӣ бояд кард? Мо наметавонем тафаккури интиқодиро бо хати ченак чен кунем, мисли он ки наметавонем сатҳи ҳамкориро бо меъёри даҳбаллӣ ҳисоб кунем. Маҳз дар ҳамин ҷо душворӣ пайдо мешавад: арзёбӣ муҳим аст, аммо чӣ гуна — на ҳамеша равшан аст.

Саволи табиӣ ба миён меояд: *инро дар дарс аз куҷо метавон дид?*

Ҷавобро мо қисман аллакай ёфтем — ҳангоми баррасии вазъиятҳои таълимӣ. Маҳз дар он ҷо, дар супоришҳои мушаххас ва ҳамкориҳо, маҳоратҳои калидӣ ҳамчун «иловаҳои» алоҳида не, балки ҳамчун қисми раванди воқеии таълим зоҳир мешаванд.

**Салоҳиятҳои калидӣ чӣ гуна дар вазъияти таълимӣ зоҳир мешаванд?**

Вазъияти таълимӣ ин на танҳо як супориш дар дарс аст, балки лаҳзаест, ки хонанда бо чизи нав рӯ ба рӯ мешавад: масъалаи ғайриодӣ, зарурати муҳокимаи як ақида, гирифтани нақш дар гурӯҳ. Маҳз дар ҳамин лаҳзаҳо дида мешавад, ки ӯ чӣ гуна фикру муошират намуда, роҳи ҳалли масъаларо меҷӯяд.

Ҳамин тавр, салоҳиятҳои калидӣ дар худи мантиқи вазъияти таълимӣ зоҳир мешаванд:

- **Супоришҳои проблемавӣ ва саволҳои кушода** тафаккури интиқодӣ ва эҷодкориро фаъол мекунанд;
- **Кори дукуса ва гурӯҳӣ** ҳамкорӣ ва муоширатро фаъол мекунад;
- **Инъикос** пас аз иҷрои кор имконият медиҳад, ки маҳоратҳои омӯзишӣ зоҳир шаванд.

Ин маънои онро дорад, ки ҳар як унсури вазъият аз тарзи баён кардани супориш то усули муҳокима на танҳо ба фан, балки ба рушди салоҳятҳои 4К+ хизмат мекунад. Вазъияти таълимӣ дар ин маъно муҳити махсус **тарҳрезишуда** аст, ки дар он маҳоратҳо ба амал табдил меёбанд.

**Чаро муҳим аст, ки инро тавонем мушоҳида кунем?**

Ҳатто агар чунин вазъият эҷод шуда бошад ҳам ин кофӣ нест. Муҳим аст, ки омӯзгор тавонад бубинад, ки хонандагон дар он чӣ гуна амал мекунанд. Баъзан хонанда як қадами муҳим мегузорад: як идеяи нав пешниҳод мекунад, фикри ҳамсинфашро дақиқ мекунад, роҳи ғайристандартиро меёбад. Аммо агар ин сабт ва баён нашуда бошад, он дар фаъолиятҳои ҳаррӯзаи дарс гум мешавад.

Вазифаи мо ҳамчун омӯзгорон – *пай бурдан ва номгузорӣ кардани ин зоҳиршавиҳо мебошад:*

- «Ту ду муносибатро муқоиса кардӣ – ин тафаккури интиқодӣ аст.»
- «Ту роҳи дигарро пешниҳод кардӣ – ин эҷодкорӣ аст.»

Ҳамин тавр, мо ба хонанда мефаҳмонем: амалҳои ӯ арзиш доранд, маҳз ҳамин тавр муҳити таълимӣ ба рушди шахсият мусоидат мекунад.

**Нишондиҳанда ва меъёрҳо барои чӣ лозиманд?**

То ки муҳит воқеан ба рушд мусоидат кунад, ба ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим нишондиҳандаҳои фаҳмо лозиманд. Дар ин ҷо унсурҳои одӣ ва намоёни муҳит ба кумак меоянд, ки салоҳиятҳоро мушаххас мекунанд. Яке аз чунин унсурҳо ёддошт ва овезаҳо мебошанд.

**Таърихшиноси пурқуввати таҳқиқотгар**

- Ба нуқтаҳои назари гуногун таваҷҷуҳ мекунад, чӣ гуна шунидан ва баҳс карданро медонад.
- Версияҳои рӯйдодҳоро муқоиса мекунад, далел меҷӯяд.
- Аз хато кардан намеҳаросад — мефаҳмад, ки хатоҳо ба омӯзиш кумак мекунанд.
- Устувор аст: шарҳ меҷӯяд, ҳатто агар ин душвор бошад.
- Барои хулосаҳо масъулиятро ба зимма мегирад.

**Мақсад**: фаҳмидани амиқи рӯйдод ва пешниҳоди шарҳи асоснок.



**Таърихшиноси суст- иҷрокунанда**

- Фикр мекунад, ки танҳо як ақида дуруст аст.
- Аввалин ҷавоби ба дастомадаро қабул карда, бозмемонад.
- Аз саволҳои душвор канорагирӣ мекунад, мекӯшад корро зуд анҷом диҳад.
- Баҳс ва қабул кардани танқидро дӯст намедорад.
- Намехоҳад нуқтаҳои назари дигарро шунавад.

**Мақсад**: танҳо зудтар анҷом додани супориш.



Овезаи «Таърихшиноси пурқувват ва суст» дар як вақт дар чанд сатҳ кор мекунад:

- Хусусиятҳои абстрактиро («эҷодкор бош», «дар гурӯҳ кор кун») ба **амалҳои фаҳмопазир** табдил медиҳад, ки ҳам омӯзгор мебинад ва ҳам хонанда.
- Қисме аз муҳит мешавад, ки **деворҳо низ таълим медиҳанд**: хотиррасон мекунад, ки таърихшиноси пурқувват будан — маънои ҷустуҷӯи роҳҳо, баҳс кардан ва наҳаросидан аз хатоҳоро дорад.
- Ба гуфтугӯ дар бораи баҳодиҳӣ унсури ҳазл ва сабукӣ **бе фишор ва расмия**т мусоидат мекунад.

**Чунин асбоби айнӣ чӣ медиҳад?** Он салоҳиятҳоро аз мафҳумҳои абстрактӣ ба нишондиҳандаҳои зинда табдил медиҳад, ки ҳар рӯз метавон аз онҳо истифода бурд.

**Хулоса**

Арзёбии салоҳиятҳои 4К+ аз он оғоз меёбад, ки салоҳиятҳо дар вазъияти таълимӣ ва муҳити таълимӣ ҷой ва шакл мегиранд. Унсурҳои сода, ба мисли овезаи намоён, ақидаҳои мураккабро ба нишондиҳандаҳои фаҳмо табдил медиҳанд. Онҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки қадамҳои худро дарк кунанд ва ба омӯзгорон кумак мекунад рушдро мушоҳида ва дастгирӣ намоянд.

Маҳз чунин қадамҳои хурд, вале боандеша муҳитро рушддиҳанда ва баҳодиҳиро пурмазмун мегардонанд.

## 2. АРЗЁБИИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДӢ: ШАКЛ ВА ВОСИТАҲО

Маҳорати «омӯхтани омӯзиш» дар вазъияти воқеӣ чӣ маъно дорад? «Муоширaт» дар ҷавоби шифоҳӣ чӣ гуна ба назар мерасад? «Эҷодкорӣ» дар супориши лоиҳавӣ аз куҷо оғоз шуда, дар куҷо ба поён мерасад? Бе посух ба ин саволҳо, ҳатто асбобҳои пешрафтаи технологӣ маънои худро гум мекунанд.

Шаклҳо, варақаҳои санҷишӣ, харитаҳои мушоҳида, рубрикаҳо инҳо танҳо «коғазҳо барои нишон додан» нестанд. Онҳо кумак мекунанд, ки салоҳиятҳо намоён ва баррасишаванда гарданд:

- Барои **омӯзгор** — он чизеро сабт кунад, ки одатан аз назар пинҳон мемонад;
- **Барои хонанда** — фаҳмад, ки кадом қадамҳо ӯро ба рушд мебаранд.

Ин асбобҳо **муколамаи зиндаи педагогиро иваз намекунанд**, балки бо он якҷоя кор мекунанд ва сифатҳои мураккаб, мисли тафаккури интиқодӣ ё эҷодкориро ба амалҳои мушаххас табдил медиҳанд — амалҳое, ки метавон дид, баррасӣ ва арзёбӣ намуд.

### *2.1. Тафаккури интиқодӣ: чӣ гуна ошкору арзёбӣ ва рушд додан*

Дидани тазодҳо ва номувофиқатӣ дар шарҳҳои маъмул, додани саволҳои ғайриодӣ ба худ ва дигарон, наистодан дар сатҳи «ёдгирифта», дақиқ кардану санҷидан — маҳз ин аст моҳияти тафаккури интиқодӣ.

Барои он ки ин салоҳиятҳо воқеан рушд ёбанд, муҳим аст, ки онҳо намоён гарданд:

- Барои омӯзгор — тавассути мушоҳида;
- Барои хонанда — тавассути хударзёбӣ ва муҳокима.

**1. Шакл барои мушоҳида**

**Мақсад:** пай бурдан, ки хонанда чӣ гуна унсурҳои тафаккури интиқодиро дар дарс зоҳир мекунад — савол медиҳад, дақиқ мекунад, зиддият меҷӯяд, хулоса мебарорад.

| Зоҳиршавии салоҳият | Ҳа/Не | Мисол |
|---|---|---|
| **1. Савол медиҳад:** нокифоягии фаҳмишро дақиқ мекунад, маълумотро зери шубҳа мегузорад | | |
| **2. Муқоиса мекунад:** фарқиятҳо ё монандиҳоро байни манбаъҳо, харитаҳо, андешаҳо мебинад | | |
| **3. Зиддият мебинад:** ба номувофиқатӣ дар иттилоот ишора мекунад | | |
| **4. Далел меорад:** нуқтаи назарашро бо далел ё мисолҳо асоснок мекунад | | |
| **5. Хулоса мебарорад:** андешаи шахсиашро баён мекунад ва мефаҳмонад, ки он бар чӣ асос ёфтааст | | |

**Таҳлили методӣ: чӣ гуна бо шакли мушоҳида кор кардан лозим аст**

Ба ин ҷадвал назар кунед: он ҳамчун занҷираи тафаккури интиқодӣ аз додани саволҳо то муқоиса сохта шудааст, ёфтани зиддиятҳо, далеловарӣ ва дар ниҳоят баён кардани хулосаҳо.

Муҳим аст, ки фаҳмем: ҳар як ҳалқаи ин занҷир метавонад худ як объекти алоҳидаи мушоҳида бошад. Масалан:

- **Барои саволҳо** – метавон харитаи алоҳида таҳия кард: хонанда кадом навъи саволҳоро медиҳад (дақиқкунанда, санҷишӣ, таҳқиқотӣ).

- **Барои далеловарӣ** – шакли алоҳида: хонанда ба чӣ такя мекунад (далелҳо, мисолҳо, таҷрибаи шахсӣ).
- **Барои хулосаҳо** – мушоҳида на танҳо ҳузури хулоса, балки амиқӣ, мустақилият ва робитаи он бо маводро дар бар мегирад.

Ҳоло мо ин корро махсусан намекунем то маводди таълимиро бо асбобҳои зиёдатӣ пурбор накунем. Аммо муҳим аст, ки фаҳмем: ҳар як унсури занҷираро метавон ба шакли мушоҳида ё рубрикаи алоҳида табдил дод.

*Истифодаи рубрикаҳо – ин асбобҳои сатҳи дигар мебошанд.* Онҳо барои мушоҳидаи одӣ нестанд, балки барои дидан ва арзёбии сатҳҳои зоҳиршавии салоҳият аз сатҳи минималӣ то сатҳи пешрафта мебошад. Мо дар бораи ин баъдтар муфассал суҳбат хоҳем кард.

Шаклҳои мушоҳида на танҳо барои омӯзгор муҳим аст. Маҳз аз ҳамин сабаб, қадами навбатӣ – **варақаи санҷиши оинавӣ барои хонандагон** мебошад, ки бо ҳамин мантиқ сохта мешавад. Ба хонандагон кумак мекунад, ки раванди тафаккури худро дида тавонанд ва асосе мешавад барои хударзёбӣ, арзёбии мутақобила ва муҳокима дар синф.

**2. Варақаи санҷишӣ барои хударзёбӣ: «Оё ман имрӯз ба таври интиқодӣ фикр кардам?»**

*Он чӣ ки дар рафти дарс иҷро намудед бо аломат ишора кунед. Агар хоҳед, як мисол илова кунед.*

| Ман интиқодӣ фикр кардам, вақте ки... | Ҳа | Мехоҳам кӯшиш кунам | Мисол |
|---|---|---|---|
| 1. **Савол додам:** аз омӯзгор ё ҳамсинфонам пурсидам — Чаро? Аз куҷо? Чӣ гуна санҷем? | | | |
| 2. **Маълумотро муқоиса кардам:** дидам, ки харитаҳо, матнҳо ё андешаҳо чӣ монандӣ ё фарқият доранд | | | |
| 3. **Номувофиқатиро ёфтам:** пай бурдам, ки маълумот аз манбаъҳои гуногун мувофиқ нест | | | |
| 4. **Ҷавобамро шарҳ додам:** мисолҳо, далелҳо ё асосҳо овардам | | | |
| 5. **Хулоса кардам:** андешаи шахсиамро баён кардам ва фаҳмондам, ки чаро чунин фикр дорам | | | |

**Чӣ гуна истифода бурдан мумкин аст:**

- пас аз дарс пур кун: чӣ корро анҷом додӣ ва чиро мехоҳӣ дар оянда санҷӣ;
- дунафара муҳокима кун: ҷавобҳоро муқоиса ва мисолҳоятонро мубодила намоед;
- нуқтаи назари худро илова кун: чӣ чиз ба ту дар интиқодӣ фикр кардани кумак мекунад?

**Шарҳи методӣ барои омӯзгор**

- **Дунафара муҳокима кардани варақаи санҷишӣ** ба хонандагон кумак мекунад, ки амалҳои худро дарк кунанд ва омӯзанд, ки чӣ гуна ба якдигар фикри бозгашт диҳанд.
- Ифодаи андешаи шахсӣ дар дарсҳо ба хонандагон кумак мекунад, ки тарзи фикр ва фаҳмиши худро амиқтар дарк кунанд. Дар натиҷа, наврасон тадриҷан мефаҳманд, ки «интиқодӣ фикр кардан» барои онҳо чӣ маъно дорад ва онро баён карда метавонанд.
- **Муҳим:** варақаи санҷиширо набояд барои арзёбии қатъӣ истифода кард, балки ҳамчун **асбоби гуфтугӯ ва таҳлили муштарак**.

Ба ҳар ҳол, варақаи санҷиширо метавон на танҳо барои хударзёбӣ, балки **барои мавзуи мушаххаси дарс** низ тартиб дод. Ин гуна асбоб ба хонандагон барои пайдарпайии амалҳоро нигоҳ доштани ва ба омӯзгор дар мушоҳида кардани он ки хонандагон чӣ гуна маводро таҳлил мекунанд ёрӣ мерасонад.

**3. Варақаҳои санҷишӣ барои вазифаҳои мушаххас** (таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ)
**Мавзуъ:** «Фарҳанги халқи тоҷик дар асрҳои 11–14» – синфи 7.
**Мақсад:** Омӯзиши тартиби таҳлили ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва омода намудани хулосаҳо дар бораи хусусиятҳои фарҳангии давраҳо.

| Чӣ бояд кард | ✓ |
|---|---|
| 1. Манбаъро пурра хонда, зери калима ё истилоҳҳои нофаҳмо хат кашед | |
| 2. Муайян кун: ки муаллиф аст, кай ва дар куҷо манбаъ эҷод шудааст | |
| 3. 2–3 ғояи калидии ба фарҳанг марбутро ҷудо намо (меъморӣ, адабиёт, дин, рӯзгор) | |
| 4. Муайян кун, ки оё дар манбаъ андешаи шахсӣ, арзёбӣ ё эҳсосот ҳаст? | |
| 5. 1–2 далелро ёб, ки метавон онҳоро бо манбаъҳои дигар (китоби дарсӣ, мақолаи илмӣ) санҷид | |
| 6. Ин манбаъро бо матни дигар дар бораи фарҳанги асрҳои XI–XIV муқоиса намо | |
| 7. Хулоса барор: ин манбаъ барои фаҳмидани фарҳанги халқи тоҷик чӣ арзиш дорад | |

Варақаҳои санҷишӣ метавонанд умумӣ бошанд ё махсусан ба вазифаҳои дарсӣ мутобиқ гарданд**,** ҳарду шакл раванди тафаккурро намоён мекунанд.

**Шарҳи методӣ**
Ин гуна варақаи санҷишӣ:

- сохтори корро дастгирӣ мекунад (хонанда дар супориш «гум» намешавад);
- тафаккури интиқодиро рушд медиҳад, муқоисаи манбаъҳо, ёфтани далелҳо, баён кардани хулосаҳо;
- метавонад дар дарс, дар кори дунафара ё ҳамчун вазифаи хонагӣ истифода шавад.

Варақаҳои санҷиширо мутобиқ кардан ба вазифаҳои гуногун осон аст:

- кор бо харита,
- таҳлили маълумоти таърихӣ,
- омодасозии мини-лоиҳа ва ғайра.

Ин онҳоро ба **асбоби универсалӣ барои дарс** табдил медиҳад.

**4. Рубрика (харитаи сатҳҳо)**
**Рубрика** — ин «зина рушди салоҳият» буда, кумак мекунад, ки бубинем салоҳият аз ибтидо то сатҳи баланд дар кадом сатҳ зоҳир мешавад.
Рубрика меъёрҳоро барои омӯзгор ва хонанда фаҳмо мекунад.
Бо ёрии он метавон динамикаи рушди хонандаро пай бурд ва **барои пешрафт қадамҳои мушаххасро** муҳокима кард.

*Рубрикаҳо метавонанд гуногун бошанд:* баъзан як маҳоратро дар маҷмӯъ тавсиф мекунанд ва баъзан **як унсури** муҳимро арзёбӣ мекунанд.

Аз мисоли одӣ оғоз мекунем: чӣ гуна хонанда далел меорад.

***Рубрика: Сохтани далел***

| Сатҳ | Чӣ гуна хонанда далел меорад |
|---|---|
| **Ибтидоӣ** | Андешаро бе асос баён мекунад («ман ҳамин тавр фикр мекунам», «дар китоб ҳамин навишта шудааст»), намефаҳмонад, ки чаро ин дуруст аст |
| **Асосӣ** | Як изҳоротро баён мекунад ва як далели одӣ (далел ё мисол) меорад, аммо аҳамияти онро шарҳ намедиҳад |
| **Пешрафта** | Далел меорад месозад: изҳоротро баён мекунад, онро бо якчанд далел ё мисол дастгирӣ карда, мефаҳмонад, ки чаро онҳо муҳиманд |
| **Баланд** | Далели муфассал месозад: тезис ва изҳороти консептуалиро баён мекунад, онро бо далелҳои системавӣ дастгирӣ мекунад, онҳоро мантиқан пайваста, хулосаи муфассал ва асоснок мекунад |

**Шарҳи методӣ**

Ин гуна рубрика муфид аст вақте, ки лозим аст ба рушди як салоҳияти мушаххас диққат диҳем. Он ба омӯзгор кумак мекунад, то зуд бубинад хонанда танҳо андеша баён мекунад? ё метавонад онро бо далел ва мантиқ дастгирӣ кунад?. Онро инчунин метавон барои: ҷавобҳои шифоҳӣ, корҳои хаттӣ ва хударзёбии хонандагон истифода бурд (масалан: «ман то чӣ андоза нуқтаи назарамро асоснок кардам?»).

**Рубрика: Харитаи зинаҳои тафаккури интиқодӣ**

Тафаккури интиқодӣ як маҳорати ягона нест, балки маҷмӯи қобилиятҳое мебошад, ки якҷоя кор карда, ҳамдигарро қавӣ мегардонанд. Рубрикаи дар поён овардашуда ба шумо кумак мерасонад, ки ин параметрҳоро аз ибтидо то сатҳҳои пешрафта ба таври динамикӣ бубинед. Он раванди инкишофи тафаккурро ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои хонанда аён ва фаҳмо мегардонад. Ин намуна нопурра аст ва онро метавон васеъ кард, масалан, тавассути дохил кардани нишондиҳандаҳо барои кор бо фарзия ва зиддиятҳо.

| Нишондиҳанда | Ибтидоӣ | Асосӣ | Пешрафта | Баланд |
|---|---|---|---|---|
| **Муқоисаи маълумот** | Ба фарқият-ҳои манбаъҳо аҳамият намедиҳад; танҳо як манбаъро истифода мебарад | Далелҳои ҷудогонаро муқоиса мекунад, вале бе таҳлили амиқ | Манбаъҳоро ба таври низомнок муқоиса мекунад (харитаҳо, матнҳо, андешаҳо), фарқият ва монандиҳоро муайян мекунад | Манбаъҳоро таҳлил мекунад, сабабҳои фарқиятҳоро шарҳ медиҳад, хулосаҳои асос-нок пешниҳод мекунад |
| **Савол додан** | Савол намедиҳад; маълумотро ҳамчун | Саволҳои соддаи тавзеҳӣ медиҳад (Ин | Саволҳои тавзеҳӣ ва проблемавӣ медиҳад, ки ба фаҳмиши амиқ | Саволҳои таҳқиқотӣ медиҳад, ки ба ҷустуҷӯи дониш |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ҳақиқат қабул мекунад | чӣ маъно дорад? Куҷо ҷойгир аст?) | кумак мекунанд | ё роҳҳалҳо мебаранд |
| **Асоснок кардани мавқеъ** | Бе шарҳ ҷавоб медиҳад; «дар матн навишта шудааст…» ё «омӯзгор гуфт…» | Шарҳи сода меорад (бар асоси далелҳои равшан) | Мавқеи худро бо мисол ва маълумот аз манбаъҳо асоснок мекунад | Далелҳоро бо такя ба якчанд манбаъ месозад, занҷири мантиқии исботро ташкил медиҳад |
| **Хулоса ва ҷамъбасткунӣ** | Хулоса намекунад; маълумотро нақл мекунад | Хулосаҳои сатҳӣ медиҳад (бе таҳлили сабабҳо) | Хулосаҳои шахсиро дар асоси таҳлили маълумот баён мекунад | Амиқ ҷамъбаст мекунад, маълумоти гуногунро мепайвандад, ғояҳои дурнамодор пешниҳод мекунад |

**Шарҳи методӣ**

Ин рубрика муфид аст, вақте ки лозим аст тафаккури интиқодиро ҳамчун маҳорати мукаммал дид. Он кумак мекунад, ки омӯзгор дарк кунад, хонанда бо маълумот чӣ гуна кор мекунад: оё манбаъҳоро муқоиса мекунад, саволҳои амиқ медиҳад, фикри худро асоснок мекунад ва хулосаҳои шахсӣ месозад.

***Роҳҳои истифодаи рубрика:***

- **Барои мушоҳида дар дарс:** муайян кардан, ки хонандагон кадом зинаҳоро нишон медиҳанд
- **Барои муҳокима:** нишон додани «зинаҳои рушд» ба хонандагон, то дарк кунанд, ки пешравӣ чӣ маъно дорад
- **Барои худбаҳодиҳӣ:** додани имконият ба хонандагон, ки мавқеи худро муайян карда, муҳокима кунанд, ки чӣ гуна метавонанд ба зинаи навбатӣ гузаранд

**Муҳим:** рубрика барои гузоштани баҳо нест, он барои пайгирии динамика ва банақшагирии қадами навбатӣ истифода мешавад.

**5. Саволҳои инъикоскунанда**

Инъикос — ин лаҳзаест, ки хонанда дарк мекунад, ки чӣ кор кард, чиро анҷом дод, чиро омӯхт ва чӣ чизро метавонад беҳтар иҷро кунад. Саволҳои сода пас аз иҷрои супориш ё дарс ба ӯ кумак мекунанд, ки ба кори худ аз як тараф нигоҳ кунад. Чунин восита на танҳо тафаккури интиқодиро, балки маҳорати омӯзишро низ ташаккул медиҳад, зеро хонанда на танҳо натиҷа, балки раванди корро низ пай мебарад.

**Намунаи саволҳои инъикоскунанда:**

- Чӣ чизи навро пай бурдам, вақте ки манбаъҳоро муқоиса мекардам?
- Кадом саволҳоро додам ва онҳо чӣ кумак карданд?
- Дар куҷо зиддиятҳоро ёфтам ва чӣ гуна онҳоро шарҳ додам?
- Чӣ чиз дар таҳлили имрӯзаи ман нисбат ба пеш беҳтар буд?

**Шарҳи методӣ**

Саволҳои инъикосиро метавон дар охири дарс, дар кори дунафара ё гурӯҳӣ, ё ҳамчун рӯйхат барои муҳокима пешниҳод кард. Онҳо ба таҳкими малакаҳои нав кумак мекунанд ва салоҳиятҳои асри 21 (масалан, фикрронии интиқодӣ)-ро ба амалҳои даркшаванда табдил медиҳанд.

**Муҳим:** рӯйхати саволҳо собит нест. Онро метавон мувофиқи мавзуъ ва супоришҳои мушаххас бо ҷалби худи хонандагон дар таҳияи саволҳои нав васеъ ё тағйир дод.

**6. Ёддоштҳо, овезаҳо**

| **ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ**<br>*Савол деҳ — Нуқсонҳоро ҷӯй — Санҷиш кун* | |
|---|---|
| **Мутафакири қавӣ** | **Мутафакири заиф** |
| • Ақидаҳоро муқоиса мекунад: нуқтаҳои назари гуногунро меҷӯяд, ба як фикр маҳдуд намешавад<br>• **Саволҳои душвор медиҳад:** барои фаҳмидани моҳият, на барои нишон додан<br>• **Дар зидиятҳо маънӣ меҷӯяд:** онҳоро ҳамчун имкони фаҳмиши амиқ мебинад<br>• **Ба воситаи далел баҳс мекунад**: ба фактҳо такя мекунад ва онҳоро шарҳ медиҳад<br>• **Андешаи худро огоҳона иваз мекунад:** агар далелҳои қавӣ пайдо шаванд<br>• **Ба дигарон гӯш мекунад:** ба андешаҳо эҳтиром мегузорад ва бе хашм баҳс мекунад | • **Аввалин чизро қабул мекунад:** дигарро намеҷӯяд<br>• **Хомӯш аст ё «барои шакл» савол медиҳад**: кӯшиши фаҳмиши амиқ намекунад<br>• **Хатоҳоро нодида мегирад**: вонамуд мекунад, ки ҳама дуруст аст<br>• **Бовар мекунад «чунки гуфтанд»:** манбаъҳоро намесанҷад<br>• **Ба фикри худ часпида мемонад**: ҳатто агар баръакс исбот шуда бошад<br>• **Андешаҳои дигаронро рад мекунад**: намехоҳад баҳс кунад |
| ***Розӣ шудан осон аст. Андешидан душвортар*** | |

**Барои чӣ ин ёддошт лозим аст?**

Ин ҷадвалро метавон ҳамчун ороиши синф ва ёддошти тақсимшаванда барои хонандагон истифода бурд, дар ҳар ду ҳолат он ҳамчун восита (асбоб) –и рушди шахсӣ ва худбаҳодиҳӣ кор мекунад.

Вай кумак мекунад, ки тафаккури интиқодӣ аз як «маҳорат»-и абстрактӣ ба маҷмӯи амалҳои мушаххас табдил ёбад — амалҳое, ки ҳам омӯзгор мебинад ва ҳам хонанда.

Ин як воситаи нарми арзёбист: на барои баҳо додан, балки барои мушоҳида, худбаҳодиҳӣ ва муҳокима мебошад.

**Чӣ гуна истифода бурдан:**

- Дар ҷои намоён овезон кардан, то ки хонандагонро ба меъёрҳо ёдрас кунад.
- Ҳамчун нуқтаи муҳокима истифода бурдан: «Имрӯз шумо ба кадом андешанда наздиктар будед — қавӣ ё заиф?»
- Ба инъинкос ҳамроҳ кардан: ба хонандагон пешниҳод кардан, ки худашон нишон диҳанд кадоме аз амалҳои «қавӣ»-ро анҷом доданд

Дар маҷмӯъ – ёддошт ғояҳои мураккабро ба **самтҳои содаву фаҳмо** табдил дода, онҳоро қисми муҳити таълимӣ месозад. Ба ин васила, он рушди **тафаккури интиқоди**ро на танҳо тавассути супоришҳо, балки тавассути **фазои синф,** ки дар он «аниқтар андешидан» як арзиши умумӣ аст, дастгирӣ мекунад.

**Ҷадвали ҷамъбасткунандаи воситаҳои арзёбии салоҳият: тафаккури интиқодӣ**

| Ном | Тавсифи кӯтоҳ | Мақсад ва истифода |
|---|---|---|
| **Шакли мушоҳида** | Ҷадвал бо рӯйхати **амалҳои мушоҳидашаванда** (меситезад, зиддият меёбад, манбаъҳоро муқоиса мекунад…) | Барои **омӯзгор:** зуд муайян кардан, ки хонанда салоҳиятро дар дарс чӣ гуна нишон медиҳад |
| **Воситаи «Оинавӣ» барои хонанда** | **Рӯйхати амалҳои мушаххас** дар қолаби «Ман…», ки хонанда пас аз иҷрои супориш қайд мекунад | Барои **худбаҳодиҳӣ** ва дарки раванди кор; мумкин аст дунафара ё гурӯҳӣ муҳокима шавад |
| **Воситаҳои марбут ба супоришҳо** | **Рӯйхати қадамҳо ё меъёрҳо** барои иҷрои супориши мушаххас (масалан, таҳлили ҳуҷҷат, муқоисаи харитаҳо) | Барои **кор дар марҳилаҳо**: ба хонанда кумак мекунад, ки сохтор ва талаботи супоришро риоя кунад |
| **Рубрикаи маҳоратҳои ҷудогона** | **«Зинаи рушд»** барои як маҳорат (масалан, чӣ гуна далел сохтан ё савол додан) аз сатҳи ибтидоӣ то сатҳи баланд | Барои арзёбии дақиқ ва муҳокимаи маҳорат, инчунин гузоштани мақсадҳо |
| **Рубрикаи мукаммал** | **Харитаи муфассали сатҳҳо**: нишон медиҳад чӣ гуна якчанд маҳоратҳои марбут (таҳлил, далеловарӣ, саволдиҳӣ…) зоҳир мешаванд | Барои **арзёбии мукаммал** ва банақшагирии рушди маҳорат |
| **Саволҳои инъикоскунанда** | Рӯйхати саволҳо барои **таҳлили кори худ** пас аз иҷрои супориш | Барои **дарки равандҳои фикрронӣ** ва банақшагирии беҳбудиҳо |
| **Ёддошт / Овеза** | **Роҳнамоҳои намоён:** нишонаҳои «фикркунандаи тавоно» ва «фикркунандаи заиф», табдилёфта ба амалҳои фаҳмо | Барои **худбаҳодиҳӣ, баррасӣ ва ташаккули фарҳанги фикрронӣ** ва далеловарӣ дар синф |

### *2.2. Тафаккури эҷодӣ: чӣ гуна дидан, арзёбӣ ва рушд додан*

**«Эҷодкорӣ** – ин чуқуртар ковидан, бодиққаттар нигаристан, ислоҳи хатоҳо, суҳбат, ғӯта задан ба умқ, гузаштан аз деворҳо, фурӯзон кардани офтоб, сохтани қасрҳо дар рег, истиқболи оянда». *(П. Торренс)*

Ин суханон бо забони образнок гуфта шудаанд, вале моҳияти эҷодкориро хеле дақиқ ифода мекунанд: эҷодкорӣ – ин қобилияти дидан бештар аз он чизест, ки дар рӯйи замин аст, ва кӯшиши иҷрои он чизе, ки ба назари дигарон ғайриимкон менамояд.

**Тафаккури эҷодӣ** ё **креативӣ** – синонимҳое мебошанд, ки равандеро ифода мекунанд, ки ба шахс имкон медиҳад ғояҳои нав эҷод кунад, роҳҳову ҳалли ғайрианъанавиро пайдо намояд. Ин маҳоратест, ки ба шахс имкон медиҳад ба чизҳо аз кунҷи нав нигарад ва ғояҳоро ба таври ғайримуқаррарӣ пайваст намояд.

**Эҷодкорӣ** бошад, мафҳуми васеътар аст: он иқтидори эҷодии инсонро дар бар мегирад, ки на танҳо дар тафаккур, балки дар эҳсосот, муошират, усулҳо ва натиҷаҳои фаъолият зоҳир мешавад.

Аммо чӣ чиз тафаккурро эҷодӣ мекунад? Барои рушд ва арзёбии ин маҳорат, муҳим аст, ки унсурҳои онро равшан дарк кунем. Танҳо дар он сурат метавон **воситаҳои** самаранок барои мушоҳида, арзёбӣ ва рушди **эҷодкорӣ** дар раванди таълим сохт.

**Хусусиятҳои тафаккури интиқодӣ**

| Меъёр | Чӣ гуна зоҳир мешавад |
|---|---|
| **Ҳассосият ба мушкилот** | Савол ва масъалаҳоро мебинад, ки дигарон намебинанд; мушкилотро дақиқ мекунад; зиддиятҳоро меёбад |
| **Босуръат** | Дар муддати кӯтоҳ чандин ғоя ё ҳалли гуногун пешниҳод мекунад |
| **Чандир** | Фарзияҳои гуногун месозад; роҳҳои алтернативиро мебинад; усулҳоро иваз мекунад |
| **Мутобиқшавӣ** | Манбаъҳои гуногунро пайваст мекунад; вариантҳоро истифода мебарад; ғояҳоро аз як соҳа ба соҳаи дигар мегузаронад |
| **Аслияти фикр** | Ҳаллу образҳои ғайриоддӣ эҷод мекунад; аз қолабҳои маъмул берун мебарояд; пайвастҳои ғайримуқаррарӣ меҷӯяд |
| **Истиқлолият** | Ба фишори лидерҳо ва қолабҳо муқобилат мекунад; фикри худро ҳимоя ва баҳс мекунад |

Ин меъёрҳо – на танҳо тавсифи назариявӣ, балки роҳнамо барои дидани эҷодкорӣ ҳамчун маҷмӯи амалҳои мушоҳидашаванда мебошанд. Маҳз дар асоси онҳо воситаҳои зерин таҳия шудаанд: **шакли мушоҳида барои омӯзгор** ва **воситаи «оинавӣ» барои хонанда**.

Аз ҷиҳати сохтор, эҷодкорӣ ба онҳое монананд, ки барои **тафаккури интиқодӣ** истифода мешуданд: омӯзгор метавонад онҳоро осон азхуд кунад ва ба дарсҳо ворид намояд. Аммо акнун онҳо маҳз ба хусусиятҳои **тафаккури эҷодӣ** мутобиқ шудаанд, ки онҳоро барои мушоҳида, муҳокима ва худбаҳодиҳӣ қулай мегардонанд.

**1. Шакли мушоҳида**

**Мақсад**: мушоҳида кардани он ки хонанда тафаккури эҷодиро дар дарс чӣ гуна нишон медиҳад: мушкилоти навро мебинад, ғояҳо пешниҳод мекунад, гузарандагӣ ва аслияти фикрро зоҳир мекунад.

| Зоҳири салоҳият | Ҳа/не | Мисол |
|---|---|---|
| **1. Мушкилотро мебинад ва шакл медиҳад:** саволҳо ё зиддиятҳоро меёбад, ки дигарон намебинанд | | |
| **2. Ғояҳо пешниҳод мекунад:** чандин роҳи ҳалли масъала ё пешниҳоди маводро пешниҳод мекунад | | |
| **3. Маълумотро пайваст мекунад:** иттилоотро аз манбаъҳои гуногун (харита, матн, таҷрибаи шахсӣ) дар як ғоя муттаҳид мекунад | | |
| **4. Тасвирҳои бадеӣ ва образҳо истифода мекунад:** падидаҳоро тавассути муқоиса, ҳикояҳо, мисолҳо шарҳ медиҳад | | |
| **5. Роҳҳои ғайрианъанавӣ пешниҳод мекунад:** усулҳои аслии иҷрои супориш ё пешниҳоди натиҷаро меҷӯяд | | |
| **6. Ғояҳоро такмил медиҳад:** ҳалли худро ё дигаронро тағйир дода, беҳтар мекунад | | |
| **7. Ғояи дигаронро рушд медиҳад:** пешниҳодҳои ҳамсинфонро илова, такмил ё бозбинӣ мекунад | | |

**2. Варақаи санҷишӣ барои худбаҳодиҳӣ: «Чӣ гуна ман эҷодкориро нишон додам?»**

*Он чӣ ки дар рафти дарс иҷро намудед бо аломат ишора кунед. Агар хоҳед, як мисол илова кунед.*

| Ман тафаккури эҷодӣ доштам, вақте ки… | Ҳа | Мехоҳам санҷам | Мисол |
|---|---|---|---|
| 1. **Мушкилот ё саволе** ёфтам, ки дигарон онро намедиданд | | | |
| 2. **Якчанд ғояи гуногун пешниҳод кардам**, на танҳо аввалинро | | | |
| 3. **Маълумотро** аз манбаъҳои гуногун **пайдо кардам** (харитаҳо, матнҳо, мисолҳо аз ҳаёт) | | | |
| 4. Барои шарҳи падида образ ё муқоисаро **истифода кардам,** метафора (маънои рамзӣ), аналогия (муқоисаи возеҳ) | | | |
| 5. **Роҳи ғайриодии** иҷрои супориш ё пешниҳоди натиҷаро фикр кардам | | | |
| 6. **Ғояи** худро **тағйир додам ё такмил** кардам | | | |
| 7. **Ғояи дигаронро пурра** кардам ё **такмил** додам | | | |

**Андеша кун:**

- Кадом ғояи ман ғайриодитарин буд?
- Аз шунидани дигарон чӣ чизи нав омӯхтам?
- Дар оянда чиро мехоҳам санҷам?

**Шарҳи методӣ**

Ин воситаҳо ба омӯзгор ва хонанда кумак мекунанд, ки тафаккури эҷодиро равшан бинанд.

**Чӣ гуна бо шакли мушоҳида кор кардан:**

- Ҳангоми муҳокима ва иҷрои супориш истифода бурда, зоҳиршавии эҷодкориро қайд кунед
- Ҳамаи меъёрҳоро якбора пур накунед: 2–3 меъёри калидӣ дар марҳилаи ҳозира муҳимро интихоб кунед
- Бо хонандагон муҳокима кунед: нишон диҳед, ки кадом амалро ҳамчун эҷодкорӣ ҳисоб кардаед

**Чӣ гуна бо воситаи худбаҳодиҳӣ кор кардан:**

- дар охири супориш пешниҳод кунед, хонандагон амалҳои худро қайд карда, дар гурӯҳ ё дунафара мисолҳоро мубодила мекунанд;
- барои пайгирии пешрафт истифода баред: баъд аз муддате боз баргардед ва тағйиротро мушоҳида кунед;
- ба хонандагони синфҳои болоӣ пешниҳод кунед, ки воситаро такмил диҳанд: ин дарки маърифат ва фаъолиятро рушд медиҳад.

**3. Варақаҳои санҷишӣ барои вазифаҳои мушаххас**

**Мавзуъ:** «Хони Аштар».

***Мақсад:*** *Эҷоди роҳҳои ғайристандартӣ барои шарҳи мавзуи мураккаб.*

**Вазифа:** Як роҳи тавзеҳ додани пайдоиши хонии Аштарро тавассути расм, қиёс, бозии хурд ё достони кӯтоҳ пайдо намоед.

**Варақаҳои санҷишӣ**: Чӣ гуна ман ба таври эҷодкорона пайдоиши хонии Аштарро шарҳ додам.

| Чӣ кор кардам? | Ҳа | Не | Қисман |
|---|---|---|---|
| 1. **Мавзуъро фаҳмидам:** дарк кардам, ки Аштархониҳо киҳо буданд, кай ва чӣ гуна ба ҳокимият расиданд | | | |
| 2. **Шаклро интихоб кардам:** тасмим гирифтам, ки шарҳро тавассути расм, муқоиса, бозӣ ё ҳикоя пешниҳод мекунам | | | |
| 3. **Якчанд ғоя пешниҳод кардам:** ҳадди ақал 2–3 роҳ фикр кардам, ки чӣ гуна равандро нишон диҳам | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4. **Образ ва муқоисаро истифода кардам:** метафора (тасвири бадеӣ) ё рамз фикр кардам (масалан, «таслими калидҳо», «мубориза барои тахт») | | | |
| 5. **Унсурҳоро пайваст кардам:** масалан, матн + расм, бозӣ + воқеияти таърихӣ | | | |
| 6. **Фаҳмопазириро санҷидаам:** фикр кардам, ки оё хонандагони синфи поёнӣ инро мефаҳманд | | | |
| 7. Баъд аз муҳокима бо гурӯҳ ё омӯзгор ғояро **такмил додам**. | | | |

**Инъикос**

– Кадом ғояи ман ҷолибтарин буд?
– Чӣ ба ман кумак кард, ки шарҳ фаҳмо шавад?
– Дар оянда чӣ чизро мехоҳам беҳтар кунам?

Ин варақаи санҷишӣ барои хонандагон ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад ва ба онҳо дар муайян намудани сохтори раванди эҷодӣ кумак мекунад: аз фаҳмидани вазифа то тавлиди ғояҳо ва тафтиши возеҳи онҳо барои дигарон. Барои омӯзгор он воситаи қулай ҷиҳати мониторинги раванд ва пешниҳоди робитаи мутақобила мегардад.

**Шарҳи методӣ**

– Варақаи санҷишӣ кори эҷодиро тартиб медиҳад: аз дарки контексти таърихӣ – то эҷоди образҳо ва шаклҳо – ва то санҷиши фаҳмопазирӣ.
– Он тафаккури эҷодӣ, тафсири таърихӣ ва маҳоратҳои мутобиқсозии мазмунро ба синну сол рушд медиҳад.
– Барои омӯзгор воситаи қулайи мушоҳидаи раванд, пешниҳоди фикри ташаккулдиҳанда ва дастгирии муносибати инфиродӣ мебошад.

**4.Рубрика: Зинаи рушди тафаккури эҷодӣ**

**Мақсад:** дидани он, ки маҳорати эҷодкории хонандагон дар кадом сат ҳаст ва минбаъд чӣ гуна мешавад.

| Сатҳ | Зоҳиршавии тафаккури эҷодӣ |
|---|---|
| **Ибтидоӣ** | – Мушкилотро сатҳӣ мефаҳмад, савол намедиҳад<br>– Танҳо як-ду ғояи маъмул пешниҳод мекунад<br>– Ба як муносибат часпида мемонад, фикрашро иваз намекунад |
| **Асосӣ** | – Метавонад якчанд ғоя пешниҳод кунад, баъзан образ ё мисол истифода мебарад<br>– Кӯшиш мекунад роҳҳои алтернативиро бинад<br>– Андешаи худро бо эҳтиёт баён мекунад |
| **Пешрафта** | – Ғояҳои гуногунро ба таври низомнок эҷод мекунад<br>– Маълумотро аз манбаъҳои гуногун падо мекунад<br>– Қарорҳои худро такмил ва беҳтар мекунад<br>– Андешаи худро бо далелҳо ҳимоя мекунад |
| **Баланд** | – Мушкилот ва зиддиятҳои навро шакл медиҳад<br>– Муносибатҳои асливу ғайрианъанавиро бо истифода аз манбаъҳои гуногун эҷод мекунад<br>– Ғояи дигаронро рушд медиҳад, ҳалли мафҳумӣ пешниҳод мекунад<br>– Ба қолабҳо ва фишори лидерҳо (авторитетҳо) муқобилат мекунад |

**Ин рубрика як воситаи зуд ва фаҳмост**, ки нишон медиҳад хонанда тафаккури эҷодиро дар кадом сатҳ нишон медиҳад. Он кӯтоҳ аст, вале нишонаҳои калидиро аз пешниҳоди ғояҳои ҷудогона то қобилияти шакл додани мушкилоти нав ва ҳалли мафҳумҳо фаро мегирад.

**Шарҳи методӣ**

**Чӣ гуна истифода бурдан:**

- **Барои мушоҳида**: омӯзгор метавонад сатҳи зоҳиршавии тафаккури эҷодиро дар дарс бе сарфи вақти зиёд қайд кунад.
- **Барои худбаҳодиҳӣ**: хонандагони синфҳои болоӣ метавонанд худ муайян кунанд, ки дар кадом сатҳ кор кардаанд ва мақсад гузоранд, ки дар марҳилаи навбатӣ чиро санҷанд;
- **Барои муҳокима**: рубрикаро метавон ҳамчун асоси суҳбат истифода бурд: «Чӣ фарқ дорад сатҳи пешрафта аз асосӣ? Чӣ гуна болотар гузаштан мумкин аст?».

**Тавсия**:

Рубрикаро барои супоришҳои мушаххас ба таври мақсаднок истифода баред. Масалан, пас аз кори эҷодӣ: «Худро дар ин зина чӣ гуна арзёбӣ мекунӣ?». Ин рубрика воситаи на танҳо арзёбӣ, балки рушди маҳорат тавассути инъикос мегардад.

**5. Саволҳои инъикоскунанда**

Рефлексия ба хонандагон кумак мекунад на танҳо ҳалли масъалаҳоро пайдо кунанд, балки фаҳманд, ки чӣ гуна ба он расиданд. Ин маҳоратро барои таҳлили раванди эҷодии худ рушд медиҳад.

**Намунаи саволҳо барои баррасӣ:**

- Кадом ғояи ман имрӯз ғайриоддӣ буд ва чаро?
- Чӣ ба ман кумак кард, ки ҳалли навро пайдо кунам?
- Чӣ ба ман дар тасаввур халал расонд? Чӣ гуна бо он мубориза бурдам?
- Кадом ғояи дигаронро такмил додам?
- Чӣ корро мехоҳам дар дафъаи оянда ба таври дигар санҷам?

**Чаро ин муҳим аст:**

- хонанда роҳи расидан ба ғояро дарк мекунад: чӣ кумак кард ва чӣ халал расонд;
- одати таҳлил ва такмили амалҳои эҷодӣ ташаккул меёбад;
- саволҳо нуқтаи оғоз барои муҳокима дар гурӯҳ мешаванд.

**6. Ёддоштҳо, овезаҳо**

| **ТАФАККУРИ ЭҶОДӢ**<br>*Чизҳои навро бубинед - Чизҳои гуногунро пайваст кунед - Далерона кӯшиш кунед* | |
|---|---|
| **ЭҶОДКОРИ ҚАВӢ** | **ЭҶОДКОРИ ЗАИФ** |
| • **Савол ва мушкилотеро мебинад**, ки дигарон намебинанд | • Мушкилотро тавре ки ҳаст қабул мекунад, **савол намедиҳад** |
| • **Якчанд ғояи гуногун** пешниҳод мекунад, ба ғояи аввал маҳдуд намешавад | • **Дар ғояи аввал мемонад**, дигарро намеҷӯяд |
| • **Образҳо, метафораҳо** (образи маҷозӣ) ва муқоисаҳоро истифода мебарад, бо тарзи худ шарҳ медиҳад | • Суханони дигаронро такрор мекунад, **назари шахсӣ намедиҳад** |
| • **Маълумотро аз манбаъҳои гуногун:** харитаҳо, матнҳо, мисолҳо аз ҳаёт алоқаманд мекунад | • Танҳо **маълумоти тайёрро** аз китоб истифода мебарад |
| • Ғояҳои **худро такмил медиҳад**, аз тағйири фикр намеҳаросад | • Аз **тағйири ғоя метарсад**, ҳатто агар бубинад, ки беҳтар кардан мумкин аст |
| • **Ғояи дигаронро** дар гурӯҳ **такмил** ва рушд медиҳад | • **Ба дигарон гӯш намедиҳад**, пешниҳодҳоро рад мекунад |
| • Омода аст бо **қолабҳо баҳс** ва ҳалли ғайриинтизор пешниҳод кунад | • Меандешад: «Беҳтараш мисли ҳамеша, на ин ки чизи навро санҷам» |
| ***Тафаккури эҷодӣ аз он ҷо оғоз меёбад, ки ту тасмим мегирӣ дигар хел фикр кунӣ*** | |

**Ин восита чӣ фоида дорад?**

Он ба хонандагон кумак мекунад фаҳманд, ки зоҳир кардани тафаккури эҷодӣ дар амал чӣ маъно дорад:

- **тафаккури эҷодиро намоён мекунад** – сифатҳои абстрактиро («эҷодкор бош») ба амалҳои мушаххас табдил медиҳад.
- **суҳбат дар бораи фаъолияти таълимӣ:** омӯзгор ва хонандагон метавонанд баррасӣ кунанд, ки кадом нишонаҳои тафаккури эҷодии қавӣ дар дарс зоҳир шуданд.
- **ба худбаҳодиҳӣ ва муҳокима дар гурӯҳ мусоидат мекунад:** кумак мекунад бубинанд, ки чӣ кор аллакай хуб мешавад ва ба кадом самт бояд ҳаракат кард

Дар маҷмӯъ, ёддошт кумак мекунад, ки маҳоратҳои абстрактӣ ба **роҳнамоҳои равшан** ва дастрас табдил ёбанд, ки ба ҳаёти ҳаррӯзаи синф ворид мешаванд. Он на танҳо тавассути супоришҳо, балки тавассути **муҳити эҷодшуда** кор мекунад, муҳите, ки дар он ҷустуҷӯйи нав ва фикри амиқ арзиш ва меъёр аст.

Акнун хулоса кардан ба мантиқ аст: биёед ҳамаи асбобҳои таҳияшударо дар ҷадвали ҷамъбаст ҷамъ кунем, то бубинем, ки ҳар кадоми онҳо барои рушди салоҳияти эҷодкорӣ чӣ гуна кор мекунанд.

**Ҷадвали ҷамъбастии воситаҳои арзёбии салоҳият: Тафаккури эҷодӣ**

| Восита | Тавсифи кӯтоҳ | Мақсад ва истифода |
|---|---|---|
| **Шакли мушоҳида** | Ҷадвали кӯтоҳ барои қайд кардани зоҳиршавии тафаккури эҷодӣ аз ҷониби омӯзгор (ғояҳо, образҳо, интиқоли дониш…) | Кумак мекунад, ки амалҳои мушаххаси хонандаро мушоҳида ва қайд кард |
| **Варақаи назоратӣ барои худбаҳодиҳӣ** | Варақаи худбаҳодиҳӣ бо таҳияи сода ва фаҳмо | Маҳоратро барои таҳлили кори шахсӣ ва гузоштани мақсад барои беҳбудӣ рушд медиҳад |
| **Варақаи назоратӣ барои супориш** | Рӯйхати қадамҳо барои иҷрои супоришҳои эҷодӣ | Раванди иҷрои супоришро тартиб медиҳад, кумак мекунад, ки хонанда дар марҳилаҳо раҳгум нашавад |
| **Рубрика** | Ҷадвали кӯтоҳи сатҳҳои тафаккури эҷодӣ: аз сатҳи ибтидоӣ (ғояҳои маъмул) то сатҳи баланд (ҳаллу зиддиятҳо, ҳалли асливу мафҳумӣ) | Барои арзёбии пешрафт ва гузоштани мақсадҳо ба омӯзгор ва хонанда роҳнамоӣ мекунад |
| **Саволҳои инъикосӣ** | Рӯйхати саволҳо барои муҳокима ва таҳлили кори шахсӣ | Ба хонандагон кумак мекунад раванди эҷоди ғояҳоро дарк ва стратегияҳоро дар гурӯҳ муҳокима кунанд |
| **Ёддошт / Овеза** | Овезаи визуалӣ бо нишонаҳои зоҳиршавии қавӣ ва заифи тафаккури эҷодӣ | Тафаккури эҷодиро фаҳмо ва муҳокимашаванда корда, дар синф як роҳнамо ва меъёр эҷод мекунад |

**Воситаҳои пешниҳодшуда** — қисми муҳити таълимӣ мебошанд. Онҳо кумак мекунанд, ки **эҷодкорӣ** ба маҷмӯи амалҳои мушаххас табдил ёбад – амалҳое, ки метавон мушоҳида кард, муҳокима намуд ва тадриҷан рушд дод.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Вазъияти дуруст сохташудаи таълимӣ** ба муҳити табиӣ табдил меёбад, ки дар он **тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ** дар амал зоҳир мешаванд.
2. Ин ду навъи тафаккур **ҳамдигарро пурра мекунанд**: тафаккури интиқодӣ — барои таҳлил, санҷиш ва арзёбӣ; тафаккури эҷодӣ — барои ҷустуҷӯйи ғоя ва роҳҳои нав.
3. **Санҷиши ташаккулдиҳанда** — воситаи асосии қайд кардани зоҳиршавии тафаккур аст: вай онҳоро намоён, муҳокимашаванда ва барои хонандагон фаҳмо мегардонад.
4. Оғоз кардан лозим аст аз **воситаҳои сода ва фаҳмои омӯзгор** — ёддоштҳо, овезаҳо, варақаҳои назоратии кӯтоҳ, бо тамаркуз ба 2–3 параметри калидӣ.
5. Самаранокӣ танҳо дар ҳолати **истифодаи мунтазам** ва **муҳокимаи доимӣ бо хонандагон** ба даст меояд, то онҳо дарк кунанд, ки чӣ чиз ва чӣ гуна дар онҳо зоҳир мешавад

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Аз машғулияти имрӯза чӣ шуморо ба ҳайрат овард?
2. Кадом идея ё усул таваҷҷуҳи бештарро ба вуҷуд овард? Чаро?
3. Кадом идея ё мисол дар шумо шубҳа ба вуҷуд меорад?
4. Кадом усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ ҳамзамон мусоидат мекунанд?
5. Чаро муҳим аст, ки супоришҳо барои хонандагон фаҳмо бошанд ва меъёрҳои муваффақияти равшан дошта бошанд?
6. Кадом хато ё душвориҳо бештар ба рушди тафаккури интиқодӣ ё эҷодӣ дар дарсҳо халал мерасонанд?
7. Ба назари шумо, кадом ду усули арзёбии ташаккулдиҳанда беҳтар аз ҳама ба пайгирии рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ мусоидат мекунанд? Чаро маҳз ҳаминҳо?
8. Аз асбобҳои пешниҳодшуда кадомашро осонтар метавонед дар дарси худ татбиқ кунед? Аз куҷо оғоз мекардед? Чаро?
9. Чӣ ба шумо кумак мекунад, ки бовар ҳосил кунед усули интихобшуда дар синфи шумо воқеан кор мекунад?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 4.3**

*Як ҷавоби дурустро интихоб кунед*

**1. Рубрика чӣ гуна метавонад ба рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ мусоидат кунад?**

A) Сохтори иҷрои супоришро муайян ва дар ёфтани роҳҳои ҳал кумак мекунад.
B) Кумак мекунад, ки сатҳи иҷрои супориш фаҳмида шавад ва қадамҳо барои беҳбудӣ муайян гарданд.
C) Шумораи роҳҳои имконпазирро маҳдуд кард, ҳамчун роҳнамо барои амалҳо хизмат мекунад.
D) Зарурати фикри бозгаштро аз ҳисоби равшании талаботи супориш бартараф мекунад.

**2. Истифодаи варақаи санҷишӣ барои супориши мушаххас чӣ гуна ба кори хонандагон таъсир мерасонад?**

A) Кумак мекунад, ки қадамҳои калидӣ ва меъёрҳои иҷро намоён бошанд.
B) Зарурати дастурҳои омӯзгорро пурра бартараф мекунад.
C) Иҷрои супоришро сусттар ва марҳилавӣ мекунад.
D) Ниёз ба қабули қарорҳои мустақилро кам мекунад.

**3. Овезаҳо ва ёддоштҳо чӣ гуна метавонанд тафаккури интиқодӣ ва эҷодиро дастгирӣ кунанд?**

A) Ёдгирии истилоҳҳо ва далелҳои марбутро осон мекунанд.
B) Амалҳои интизоршавандаро визуалӣ мекунанд ва маҳоратҳоро намоён месозанд.
C) Шарҳҳои шифоҳии омӯзгор ё дастурҳоро иваз мекунанд.
D) Интихоби хонандаро бо роҳи муқаррар кардани маҷмӯи амалҳо маҳдуд мекунанд.

**4. Чаро муҳим аст, ки меъёрҳои муваффақият равшан ва фаҳмо бошанд?**

A) То, ки хонандагон ба муваффақият расанд ва баҳои баланд гиранд.
B) То, ки хонандагон кори худро бо мақсадҳо муқоиса кунанд ва бубинанд, ки чӣ бояд беҳтар шавад.
C) То, ки шумораи саволҳо аз хонандагон дар ҷараёни кор кам шавад.
D) То, ки раванди санҷиши корҳо барои омӯзгор осонтар шавад ва хударзёбии хонанда ворид гардад.

**5. Арзёбии ташаккулдиҳанда чӣ гуна ба рушди ҳар ду навъи тафаккур мусоидат мекунад?**

A) Ба хонандагон баҳодиҳии доимии омӯзгорро медиҳад, то сатҳи худро донанд.
B) Дар супоришҳо марҳилаҳои таҳлил, интихоб ва асосноккунии қарорҳоро дар бар мегирад.
C) Зарурати шарҳи маводро дар дарс иваз мекунад.
D) Супоришҳоро содатар мекунад, то ҳамаи хонандагон тавонанд онҳоро иҷро кунанд.

**6. Барои чӣ дар охири дарс саволҳои инъикоскунанда истифода мешаванд?**

A) То санҷем, ки хонандагон маводро ёд гирифтанд ё не.
B) То хонандагон таҷрибаи худро таҳлил кунанд ва усулҳои корро баррасӣ намоянд.
C) То вақти ҷамъбасти дарс кам шавад.
D) То ба хонандагон имкони фикр кардани супоришҳои нав дода шавад.

**7. Чаро бояд аз асбобҳои содаи арзёбии ташаккулдиҳанда оғоз кард?**

A) То натиҷаҳоро зудтар бинем ва хонандагонро зиёд пурбор накунем.
B) То пурра аз шаклҳои мураккаби назорати дониш даст кашем.
C) То зарурати омӯзиши усулҳои нав бартараф шавад.
D) То хонандагон тавонанд супоришро бе кӯшиш иҷро кунанд.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ОМӮЗИШ:**

1. Мефаҳмед, ки чӣ тавр салоҳиятҳои 4К+ ҳангоми иҷрои супоришҳои таълимӣ зоҳир мешванд.
2. Муайян мекунед, ки кадом усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда барои салоҳиятҳои 4К+ татбиқшавандаанд.



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

Ин тест ва санҷиши донишҳо намебошад. Мақсад — сабт кардани тасаввуроти кунунии шумо ва бедор кардани таваҷҷуҳ ба мавзуъ аст.

- Аввал ба таври фардӣ ҳар як изҳоротро бо «Дуруст» ё «Нодуруст» ишора кунед.
- Сипас, ҷавобҳоро дар гурӯҳ муҳокима кунед: муайян кунед, ки фикру ақидаҳои шумо дар кадом нуқтаҳо мувофиқанд ва дар кадом нуқтаҳо фарқ мекунанд.

| Изҳорот | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| 1. Муоширати хуб дар дарс ин вақте аст, ки чанд хонанда ҳамзамон сухан мегӯянд | | |
| 2. Агар хонанда гӯш мекунад, вале сухан намегӯяд, дар муошират иштирок дорад | | |
| 3. Ба таври хаттӣ баён кардани андешаҳо низ шакли муошират аст | | |
| 4. Ҳар қадар омӯзгор дар дарс камтар сухан гӯяд, ҳамон қадар сифати муошират дар синф баландтар аст | | |
| 5. Ҳамкорӣ — ин вақте аст, ки ҳама як супоришро иҷро мекунанд, вале ҳар кадом бо суръати худ | | |
| 6. Агар дар гурӯҳ роҳбар бошад, ҳамкорӣ дигар баробар нест | | |
| 7. Ҳамкорӣ бештар дар кори гурӯҳӣ зоҳир мешавад, дар кори дунафара камтар | | |
| 8. Дар кори муштарак раванди кор муҳимтар аст, на натиҷаи ниҳоӣ | | |
| 9. Маҳорати омӯзиш — ин қобилияти ёд гирифтани маълумот аст | | |
| 10. Агар хонанда кори худро худаш арзёбӣ кунад, ӯ аллакай «омӯхтани омӯзиш»-ро оғоз кардааст | | |
| 11. Инъикос бештар барои такрори мавзуъ мувофиқ аст, на барои рушди маҳорати омӯзиш | | |
| 12. Банақшагирии кор ва тақсими вақт — қисми маҳорати омӯзиш аст | | |

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 4.4-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳӣ арзёбӣ кунед.**

**Ваарақаи иттилоотии 4.4.**

### 2.3. Ҳамкорӣ ва муошират: чӣ гуна онҳоро метавон дид, санҷид ва рушд дод

Вақте ки мо дар бораи санҷиши **салоҳиятҳои калидӣ** сухан мегӯем, ногузир эҳсоси як чизи муҷаррад ва душворфаҳм пайдо мешавад. Масалан, хонанда савол медиҳад, ин танҳо фаъолият аст ё аллакай зоҳиршавии муошират? Дар ҷуфт ғояро муҳокима мекунад, суҳбати маъмул аст ё қадаме ба сӯйи ҳамкорӣ?

Маҳз дар ҳамин ҷо мо ба саволи аввалин ва муҳим мерасем: **салоҳиятҳои калидӣ** — ин сифатҳои муҷарраданд ё амалҳои воқеии хонандагон, ки метавон онҳоро дар дарс дид ва қайд кард?

Агар мо онҳоро ҳамчун маҷмӯи маҳорат ва амалҳои мушаххас баррасӣ кунем, пас дар куҷо онҳоро осонтар мушоҳида кардан мумкин аст?

- **Ҳамкорӣ** дар кори дунафара, гурӯҳӣ, супоришҳои лоиҳавӣ ва муҳокимаҳои якҷоя намоён мешавад.
- **Муошират** вақте зоҳир мешавад, ки хонанда фикрҳояшро равшан баён мекунад, дигаронро мешунавад, саволҳои тавзеҳӣ медиҳад, дар ҳолатҳои баҳсӣ мувофиқат мекунад.
- **Маҳорат дар омӯзиш** дида мешавад, вақте хонанда мақсад мегузорад, худро месанҷад, хулоса мебарорад ва амалҳояшро ислоҳ мекунад.

Аммо як нуктаи муҳим ба миён меояд: **танҳо дунафара ё дар гурӯҳ шинондани хонандагон кофӣ нест.** Аз як тараф, вазъиятҳои таълимӣ, супоришҳои якҷоя ва муҳокимаҳо шароити зоҳиршавии ин маҳоратҳоро фароҳам меоранд. Аммо аз тарафи дигар, худи мавҷудияти чунин корҳо ҳанӯз кафолати рушди онҳо нест. Агар хонандагон дар гурӯҳ нишастаанд ва чизеро муҳокима мекунанд, оё ин воқеан ҳамкорӣ, муошират ё маҳорат дар омӯзиш аст?

Пас, пеш аз он ки дар бораи санҷиши ин салоҳиятҳо сухан гӯем, бояд мувофиқа кунем, ки **мо чӣ чизро мушоҳида мекунем**: кадом амалҳо нишон медиҳанд, ки хонанда ҳамкорию муошират мекунад ё меомӯзад. Вале муҳим аст, ки на танҳо худи амал, балки **сифати он** низ ба назар гирифта шавад. Мо на танҳо «далел», балки дараҷаи ташаккулёбии маҳорат, амиқи ва устувории онро низ мушоҳида мекунем.

Ва танҳо пас аз ин қарор мегирем, ки чӣ гуна онро қайд ва муҳокима кунем.

Дар ин ҷо ба кумак воситаҳои сода ва дар дарс ҷойгиршуда меоянд — **варақаҳои назоратӣ**, **ёддоштҳо**, **харитаҳои мушоҳида**. Онҳо кумак мекунанд, ки зоҳиршавӣ ва амиқии маҳоратҳоро бинем, бо хонандагон муҳокима ва раванди санҷишро ба қисми табиии дарс табдил диҳем.

**1. Шакли мушоҳида**

***Мақсад:*** *мушоҳида кардани он, ки хонандагон дар ҷараёни кори якҷоя чӣ гуна муошират ва ҳамкорӣ мекунанд.*

| Зоҳиршавии маҳорат | Бале / не | Мисол |
|---|---|---|
| 1. Хонанда дигаронро мешунавад ва сухани онҳоро қатъ намекунад | | |
| 2. Ғояҳои худро баён ва роҳи ҳал пешниҳод мекунад | | |
| 3. Муҳокимаро дастгирӣ мекунад: саволҳои тавзеҳӣ дода, бозпурсӣ мекунад, шарҳ медиҳад | | |
| 4. Пешниҳодҳои худро асоснок мекунад, ба мавзуъ ишора мекунад, истилоҳҳоро истифода мебарад | | |
| 5. Барои шарҳи ғояи худ воситаҳои графикӣ истифода мебарад (нақша, расм, ҷадвал ва ғ.) | | |
| 6. Мувофиқат мекунад, фикри дигаронро ба назар мегирад, дар пайдо кардани роҳи умумӣ кумак мекунад | | |
| 7. Фарҳанги муоширатро риоя мекунад: эҳтиром, одоб, риояи «қоидаҳои суҳбат» | | |
| 8. Қисми кори худро иҷро ва кори гурӯҳро дастгирӣ мекунад | | |

**2. Варақаи назоратӣ барои худбаҳодиҳӣ: «Чӣ гуна ман дар гурӯҳ кор карда, муошират намудам?»**

*Он чӣ ки дар рафти дарс иҷро намудед бо аломат ишора кунед. Агар хоҳед, як мисол илова кунед.*

| Ман ҳамкорӣ ва муошират кардам, вақте ки… | Бале | Баъзан | Не | Мисол |
|---|---|---|---|---|
| 1. Дигаронро мешунидам ва сухани онҳоро қатъ намекардам | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 2. Андеша ва роҳҳалҳои худро пешниҳод мекардам | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 3. Саволҳои тавзеҳӣ медодам ё хоҳиш мекардам, ки чизи нофаҳморо шарҳ диҳанд | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 4. Далел меовардам, истилоҳҳои марбут ба мавзуъро истифода мекардам | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 5. Барои шарҳи ғояи худ нақша, расм ё дигар воситаҳоро истифода мекардам | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 6. Ба гурӯҳ дар мувофиқат ё пайдо кардани роҳи умумӣ кумак мекардам | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 7. Бо эҳтиром рафтор мекардам, сухани дигаронро қатъ намекардам, бо одоб сухан мегуфтам | ☐ | ☐ | ☐ | |
| 8. Қисми кори худро иҷро ва агар лозим мешуд, ба дигарон кумак мекардам | ☐ | ☐ | ☐ | |

**Шарҳи методӣ**

Шакли мушоҳида ва варақаи назоратӣ ба таври оинавӣ тартиб дода шудаанд, омӯзгору хонанда як забонро барои тавсифи рафтор истифода мебаранд. Ин равандро барои **санҷиш ва худбаҳодиҳӣ** шаффоф ва фаҳмо мегардонад.

**Варақаҳои назоратӣ бояд дар ихтиёри хонандагон бошанд**, гунаи онҳо барои пайгирии пешрафт, бозгашт ба онҳо баъд аз муддате ва муҳокимаи он ки чӣ муваффақ шуд ва чӣ бояд такмил ёбад, кумак мекунанд. Метавон онҳоро ҳамчун қисми **худбаҳодиҳӣ** ё **инъикос** истифода бурд.

**Истифодаи ҳамаи воситаҳо якбора шарт нест.** Дар дарс кофист, ки ба **2–3 зоҳиршавӣ** тамаркуз карда шавад. Онҳоро дар оғози кор муҳокима кардан ва дар охир ба онҳо бозгашт кардан лозим аст.

**Воситаҳои пешниҳодшуда, ки** ба матни дарс ворид шудаанд, ба ташкили кори гурӯҳӣ мусоидат мекунанд, хонандагонро ба ҳамкории самаранок равона сохта, на танҳо натиҷа, балки имкони муҳокимаи тарзи корро фароҳам меоранд.

Дар ин шакл **ҳамкорӣ ва муошират** якҷоя пешниҳод шудаанд, зеро дар ҳаёти воқеӣ ва дар дарс ин салоҳиятҳо ба ҳам пайвастаанд: ҳамкориро ва муоширатро бе ҳамкорӣ тасаввур кардан душвор аст. Аз ҳамин сабаб онҳо якҷоя оварда шудаанд.

**3. Шакли санҷиши кори гурӯҳӣ (худбаҳодиҳӣ / санҷиши якдигарӣ)**

Ин восита ба хонандагон кумак мекунад, ки кори гурӯҳро арзёбӣ кунанд. Шакл метавонад ҳам барои **худбаҳодиҳӣ**, ҳам барои **санҷиши якдигарии коллективӣ** истифода шавад.

| Кори гурӯҳи худро арзёбӣ намо: | Имконоти ҷавоб | Ҷавоб |
|---|---|---|
| *1. Оё ҳамаи аъзои гурӯҳ дар кор иштирок карданд?* | А) Бале, ҳама баробар кор карданд | ☐ |
| | Б) Танҳо як-ду нафар кор карданд | ☐ |
| | В) Касе бештар, касе камтар кор кард | ☐ |
| *2. То чӣ андоза шумо дӯстона кор кардед?* | А) Дӯстона кор кардем, ҷанҷол набуд | ☐ |
| | Б) Баҳсҳо буданд, вале бе ҷанҷол | ☐ |
| | В) Мувофиқат кардан душвор буд | ☐ |
| *3. Муошират дар гурӯҳ чӣ гуна буд?* | А) Дар мавзуъ сухан гуфтем, далел овардем | ☐ |
| | Б) Баъзан сухани якдигарро қатъ мекардем | ☐ |
| | В) Далелҳо кам буданд, шунидан душвор буд | ☐ |
| *4. Оё натиҷаи кори гурӯҳ ба ту писанд аст?* | А) Бале, ҳама хуб шуд | ☐ |
| | Б) Писанд аст, вале беҳтар кардан мумкин аст | ☐ |
| | В) Не, писанд нест | ☐ |
| *5. Воридшавии шахсии худро ба кори гурӯҳ арзёбӣ намо* | А) Қариб ҳама корро бе ман анҷом доданд | ☐ |
| | Б) Ман бисёр кор кардам, бе ман намешуд | ☐ |
| | В) Ман дар муҳокима иштирок кардам | ☐ |

**Шарҳи методӣ**

Барои гузаштан аз худбаҳодиҳӣ ба ҳамсанҷӣ, кофист, ки ҳар бандро дар гурӯҳ якҷоя муҳокима кунед. Ҷумлаҳоро тағйир додан шарт нест. Муҳим он аст, ки ҷавобҳоро якҷоя муҳокима кунед.

Ҳамин тавр, як шакл метавонад кор кунад:

- ҳамчун **худбаҳодиҳӣ**, агар ҳар кас онро мустақилона пур кунад;
- ҳамчун **санҷиши якдигарӣ**, агар гурӯҳ якҷоя ҷавоб диҳад.

Ин вақтро сарфа ва бори омӯзгорро кам мекунад, дар баробари он хонандагон **инъикоси шифоҳӣ**, **мувофиқат** ва **нигоҳи беруна ба раванд**ро меомӯзанд. Ғайр аз ин, ин шакл **маҳоратҳои муҳим** — диққат ва масъулият нисбат ба дигаронро рушд медиҳад.

**4. Шакли инъикоси худбаҳодиҳии кори дунафара**

Ин восита ба хонанда кумак мекунад, ки кори худро дар ҷуфтҳо **тафаккури бозгашт** намояд — тавассути ба анҷом расонидани ҷумлаҳои нопурра.

1. Дар кори ҷуфтии мо барои ман муҳим буд...
2. Дар вақти кор дар ҷуфтҳо барои ман душвор буд...
3. Ман фикр мекунам, ки ман тавонистам...

**Чӣ чиз ҳангоми ҳамкорӣ ба ман махсусан писанд омад:**

…………………………………………………………………………
…………………………………………………………………………
…………………………………………………………………………

**Чиро метавон дар дафъаи оянда беҳтар кард:**

…………………………………………………………………………
…………………………………………………………………………
…………………………………………………………………………

**5. Шакли ҳамсанҷии кори дунафара**

Ин восита ба хонанда кумак мекунад, ки саҳми ҳамкориро дар кори якҷоя арзёбӣ намояд.

*Ман кори ҳамсабақамро чӣ гуна арзёбӣ мекунам?*

| **Ҳангоми кор дар ҷуфт, ӯ:** | **Бале** | **Баъзан** | **Не** |
|---|---|---|---|
| 1. Маро бодиққат мешунид ва суханамро қатъ намекард | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Саволҳои тавзеҳӣ медод | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Далел меовард, ғояҳои худро шарҳ медод | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Парешон намешуд, кӯшиш мекард супоришро ба анҷом расонад | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Дар масъалаҳои беаҳамият баҳс намекард | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Боодоб рафтор мекард, кӯшиш мекард нуқтаи назари маро фаҳмад | ☐ | ☐ | ☐ |

**Шарҳи методӣ**

Инъикоси худбаҳодиҳӣ ва ҳамсанҷӣ дар ҷуфт ба хонандагон кумак мекунад дарк кунанд, ки ҳамкорӣ ва муошират ҳангоми иҷрои супориш чӣ гуна сурат гирифт.

Ҳар ду шакл маҳоратро дар мушоҳидаи раванд, робитаи бозгашти боэҳтиром ва муҳокимаи мавзӯҳо рушд медиҳанд.

Шакли худбаҳодиҳӣ тавассути ҷумлаҳои нопурра ба хонанда имкон медиҳад, ки таҷрибаи шахсии худро баён кунад ба чӣ муваффақ шуд, чӣ душвор буд, чиро дарк кард. Ин инъикоси дохилӣ ва масъулият иштирокро ташаккул медиҳад.

**Шакли ҳамсанҷӣ** хонандаро меомӯзонад, ки амалҳои ҳамкориро ба таври **дуруст ва созанда** мушоҳида ва муҳокима кунад. Он кумак мекунад, ки сифатҳое чун **шунидан**, **далеловарӣ**, **одоб** ва **тамаркуз ба натиҷа** намоён ва муҳокимашаванда гарданд.

Ҳар ду шакл **санҷиш ҳамкориро** ба қисми раванди таълим табдил медиҳанд, на ба санҷиши беруна.

**6. Ёддоштҳо ва овезаҳо**

<table>
<tr><th colspan="2">ҲАМКОРӢ ва МУОШИРАТ<br>*Шунидан – Мувофиқат кардан – Якҷоя кор кардан*</th></tr>
<tr><td>ИН ТАВР КОР КАРДАН ОСОН АСТ</td><td>ИН ТАВР — ДУШВОР</td></tr>
<tr><td>• Ғояҳоро мубодила кардан ва ба дигарон имкони сухан додан<br>• Дар бораи нақш ва қоидаҳо мувофиқат мекунем<br>• Боодоб баҳс мекунем ва шарҳ медиҳем, ки дар куҷо норозием<br>• Мешунавем ва бозпурсӣ мекунем, то дуруст фаҳмем<br>• Ба гурӯҳ кумак мекунем, ки ба мақсад ҳаракат кунад<br>• Агар чизе номуваффақ аст роҳи ҳалли мушкилро меҷӯем<br>• Онҳоро, ки аз раванд берун мондаанд, дубора ҷалб мекунем<br>• Ба ғояҳо эҳтиром мегузорем, аз норозигиҳо хашм намекунем</td><td>• Хомӯшем ё гап мезанем, бе шунидан<br>• Ҳама корро ба таври худ анҷом медиҳем, бе мувофиқат<br>• Сухани якдигарро қатъ мекунем, баҳс мекунем ё хомӯш мешавем<br>• Ба дигарон гӯш намекунем, шарҳ намехоҳем ё комилан «бе таваҷҷуҳ»<br>• Суҳбатро ба самти дигар мебарем ё аз кор «канорагирӣ» мекунем<br>• Танқид мекунем, вале роҳи беҳтарро пешниҳод намекунем<br>• Онҳоро, ки ақиб мондаанд ё саргардонанд, нодида мегирем<br>• Ба ғояҳо механдем ё онҳоро рад мекунем</td></tr>
<tr><td colspan="2">***Осон — вақте ки якҷояем. Душвор — вақте ки ҳар кас танҳо барои худ кор мекунад.***</td></tr>
</table>

**Чӣ фоида дорад ин восита?**

Овезаҳо ва ёддоштҳо усули сода ва боэътимод барои намоён сохтани ҳамкорӣ ва муошират мебошанд. Ҳузури доимии онҳо дар синф қоидаҳои калидии ҳамкориро ёдрас ва забони умумии муоширатро эҷод мекунад.

Истифодаи онҳо имкон медиҳад:

- хонандагон дарк кунанд, ки «якҷоя кор кардан» ва «муоширати самаранок» чӣ маъно дорад;
- роҳнамоҳои аёнӣ барои **худбаҳодиҳӣ** ва **муҳокима** дошта бошанд;
- арзишҳои **ҳамкорӣ ва муоширатро** дар амалияи ҳаррӯза мустаҳкам кунанд.

**7. Рубрика: Зинаи рушди салоҳиятҳо — «Ҳамкорӣ ва муошират»**

**Мақсад:** Қайд кардани сатҳи зоҳиршавии ҳамкорӣ ва муошират ва муайян кардани самтҳои рушд.

| Сатҳ | Зоҳиршавии ҳамкорӣ ва муошират |
|---|---|
| **Ибтидоӣ** | Ба таври расмӣ кор мекунад: кам ғоя пешниҳод мекунад, дигаронро намешунавад, ташаббус намекунад, метавонад фикри ҳамкоронро нодида гирад |
| **Асосӣ** | Қисми кори худро иҷро мекунад, кӯшиш мекунад, ки гӯш кунад, баъзан дар муҳокима иштирок мекунад ва кумак мекунад, ки мувофиқат шавад, вале кам савол медиҳад ё ғояи дигаронро рушд медиҳад |
| **Пешрафта** | Фаъолона иштирок мекунад: фикрҳояшро равшан баён мекунад, ба фикри дигарон эҳтиром мегузорад, пешниҳодҳо мекунад, ба гурӯҳ дар бартараф кардани ихтилофҳо ва муҳокимаи ғояҳо кумак мекунад |
| **Баланд** | Ҳамкориро ташкил мекунад: гурӯҳро ба мақсад равона мекунад, ғояи дигаронро мешунавад ва рушд медиҳад, саволҳои тавзеҳӣ медиҳад, муҳити кушода ва боэҳтиромро нигоҳ медорад |

Ин рубрика роҳнамоии зуд ва возеҳро барои муайян намудани сатҳи ҳамкорӣ ва муошırати хонандагон пешниҳод мекунад. Он қулай мебошад, аммо ҷанбаҳои асосии ҳамкориро дар бар мегирад: иштирок, гӯш кардан, далелноккунӣ ва саҳмгузорӣ дар кори умумӣ. Ин ибора амалҳои мушаххас ва мушоҳидашавандаро тавсиф мекунад, ки онро барои муҳокимаи муштарак қулай мегардонад.

**Шарҳи методӣ**

**Рубрика** метавонад ҳамчун **воситаи мушоҳида** барои омӯзгор ва ҳамчун **роҳнамо** барои **худбаҳодиҳӣ** ва **санҷиши якдигарии** хонандагон истифода шавад.

Дар дарс рубрика кумак мекунад:

- бо хонандагон сатҳҳои ҳамкориро муҳокима кардан;
- ба амалҳои мушаххас диққат додан (масалан, оё мо якдигарро мешунавем, далел меорем);
- пешрафтро дар рушди салоҳиятҳо бе истифодаи баҳои расмӣ қайд кардан.

Беҳтар аст, ки **қисман истифода шавад** — бо тамаркуз ба 1–2 нишона дар як дарс, то ки ба омӯзгор ва хонандагон зиёд бор нашаванд.

Рубрикаро метавон дар синф **аёнӣ намоиш дод**, ҳамчун қисми **ёддошт** истифода бурд ё тадриҷан тавассути **муҳокима** ворид кард.

Барои дастгирии системавии ҳамкорӣ ва муошират, муҳим аст, ки ин салоҳиятҳоро на ҳамчун лаҳзаҳои ҷудогона, балки ҳамчун қисми муҳити умумии таълимӣ бинем. Хонандагон ҳамкорӣ карданро меомӯзанд, вақте ки он ба меъёри дарс табдил меёбад. Он гоҳ онҳо дарк мекунанд, ки «ҳамкорӣ кардан», «шунидан», «мувофиқат кардан» дар асл чӣ маъно дорад.

**Ҷадвали ҷамъбастии воситаҳо: Ҳамкорӣ ва муошират**

| Восита | Тавсифи кӯтоҳ | Мақсад ва истифода |
|---|---|---|
| **Шакли мушоҳида** | Ҷадвал барои қайд кардани зоҳиршавии ҳамкорӣ ва муошират аз ҷониби омӯзгор | Кумак мекунад, ки зоҳиршавии салоҳиятҳои калидиро дар раванди дарс мушоҳида кард |
| **Варақаи санҷишӣ барои худбаҳодиҳӣ** | Рӯйхати амалҳо барои арзёбии салоҳиятҳои ҳамкорӣ ва муошират | Салоҳиятро дар худтаҳлил ва дарки иштироки шахсӣ дар кори якҷоя рушд медиҳад |
| **Шакли санҷиши кори гурӯҳӣ** (худбаҳодиҳӣ / санҷиши якдигар) | Рӯйхати саволҳо барои таҳлили иштирок, ҳамкорӣ ва натиҷаи кори гурӯҳ | Кумак мекунад, ки саҳми ҳар хонанда дида шавад, динамикаи гурӯҳӣ муҳокима гардад |
| **Шакли худбаҳодиҳии кори дунафара** | Шакл бо ҷумлаҳои нопурра барои инъикос пас аз кори дунафара | Ба хонанда кумак мекунад, ки саҳми худро дар кори якҷоя дарк кунад, душворӣ ва дастовардҳоро муайян намояд |
| **Шакли ҳамсанҷии кори дунафара** | Саволҳо барои арзёбии ҳамкорӣ дар кори дунафара | Салоҳиятро дар мушоҳида ва арзёбии амалҳои дигарон рушд медиҳад, фарҳанги робитаи бозгаштро ташаккул медиҳад |
| **Рубрика** | Шкалаи сатҳҳои зоҳиршавии ҳамкорӣ ва муошират — аз сатҳи ибтидоӣ то баланд | Роҳнамоҳои равшан медиҳад, кумак мекунад, ки пешрафт пайгирӣ ва мақсадҳо гузошта шаванд |

| | | |
|---|---|---|
| **Ёддошт / Овеза** | Роҳнамоҳои визуалӣ: намунаи рафтори қавӣ ва заиф дар гурӯҳ | Салоҳиятҳоро фаҳмо ва намоён мекунад, фарҳанги ҳамкорӣ ва муоширатро дар синф ташаккул медиҳад |

**Воситаҳои пешниҳодшуда – қисми фаъоли сохтори дарс мебошанд.** Онҳо кумак мекунанд, ки **ҳамкорӣ** ва **муошират** аз ғояҳои абстрактӣ ба амалҳои мушаххас табдил ёбанд – амалҳое, ки метавон мушоҳида карда, дастгирӣ намуд ва якҷоя бо хонандагон баррасӣ кард. Ин асоси ташаккули муҳити таълимиест, ки дар он кори якҷоя ба амали таълимии огоҳона табдил меёбад.

**Роҳи оптималӣ – истифодаи шаклҳои оддӣ ва дар раванди таълим ҷойгиршуда, ки:**

1. **Ба раванд равона мешаванд**: муҳим на танҳо натиҷа, балки хонанда чӣ гуна ба он расидан аст.
2. **Масъулиятро тақсим мекунанд**: ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда дар дарк ва муҳокимаи кори якҷоя иштирок мекунанд.
3. **Осон истифода мешаванд ва такрорпазир мебошанд**: восита набояд раванди дарсро душвор кунад, балки қисми амали мунтазам бошад.

**Аз сода оғоз кунед.** Қадами аввалини боэътимод — овехтани **овеза** дар синф ё тақсим кардани **ёддошт**: чӣ гуна якҷоя кор кардан, чӣ гуна гӯш кардан ва ба мувофиқа расидан аст. Ба ин **варақаи назоратӣ** ё **шакли худбаҳодиҳӣ** илова кунед. Вақте ки хонандагон ба ин роҳнамоҳо одат мекунанд, метавон ба воситаҳои дақиқтар ва амиқтар гузашт: **рубрика**, **шакли мушоҳида**, **инъикос**.

### 2.4. Маҳорати омӯхтан

**Маҳорати омӯхтан** – ин қобилияти идора кардани раванди таълим аз ҷониби худ мебошад: гузоштани мақсадҳо, банақшагирии қадамҳо, пайгирии пешрафт, таҳлили натиҷаҳо ва дар ҳолати зарурӣ – тағйир додани муносибат.

Дар дарс ин маҳорат он вақт зоҳир мешавад, ки хонанда мефаҳмад, ки чаро супоришро иҷро мекунад, метавонад пешрафти худро арзёбӣ намояд ва барои қадами навбатӣ хулосаҳо барорад.

Барои рушди ин маҳорат муҳим аст, ки раванди таълим намоён**,** фаҳмо ва муҳокимашаванда гардад. Барои ин воситаҳои оддӣ мувофиқанд, ки на танҳо натиҷаро қайд мекунанд, балки ба дарки раванди кор кумак мерасонанд.

**1. Варақаи назоратӣ «Имрӯз чӣ гуна кор кардам»**

***Он чӣ ки дар рафти дарс иҷро намудед бо аломат ишора кунед***

| Имрӯз ман: | Бале | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Фаҳмидам, ки чаро супоришро иҷро мекунам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Мақсад гузоштам: чӣ мехоҳам донам ё анҷом диҳам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Нақшаи корро фикр кардам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Супоришро мувофиқи нақша иҷро кардам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Натиҷаро санҷидам ва хатоҳоро ислоҳ кардам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Фикр кардам: чӣ омӯхтам ва дар оянда чиро беҳтар иҷро мекунам | ☐ | ☐ | ☐ |

**Шарҳи методӣ**

Ин варақаи назоратӣ метавонад дар дарс ё пас аз он истифода шавад, то хонанда қадамҳои худро ҳангоми кор қайд кунад. Он раванди таълимро шаффоф мекунад: хонанда мебинад, ки барои иҷрои муваффақи супориш чӣ муҳим аст ва меомӯзад, ки корро банақшагирӣ, санҷиш ва такмил диҳад. Истифодаи ҳамаи бандҳо ҳатмӣ нест, дар марҳилаҳои аввал кофист, ки 2–3 банди калидӣ интихоб карда шаванд.

**2. Саволҳои инъикоскунанда / Корти ҷамъбастӣ**

1. Барои чӣ ман ин вазифаро иҷро кардам?
2. Ба чӣ чиз ман беҳтар муваффақ шудам?
3. Кадом қисми кор душвортарин буд?
4. Ман чӣ омӯхтам (маҳорати нав)?
5. Дар дафъаи оянда чӣ гуна корро дигар хел анҷом медиҳам?
6. Дар куҷо ба ман кумак ё ишора лозим аст?

**Шарҳу эзоҳ:** Ин рӯйхатро ба осонӣ метавон ба корти ҷамъбастӣ мутобиқ кард. Барои ин кофист, ки 2–3 саволеро интихоб кунем, ки барои мақсадҳои дарси мушаххас бештар мувофиқанд. Ин имкон медиҳад, ки дарсро зуд анҷом диҳем ва ҳамзамон унсури инъикосро нигоҳ дорем.

**3. Ёддоштҳо, овезаҳо**

| **Маҳорати омӯхтан**<br>***Фаҳмидан – Нақшагирӣ – Ба натиҷа расондан*** | |
|---|---|
| **ИН ТАВР ОМӮЗИШ ОСОН АСТ** | **ИН ТАВР ДУШВОР АСТ** |
| • Медонам, ки **барои чӣ** вазифаро иҷро мекунам | • Иҷро мекунам «зеро гуфтанд» |
| • Мақсад мегузорам: «Ман чиро мехоҳам бифаҳмам ё анҷом диҳам» | • Дар бораи мақсад ва натиҷа фикр намекунам |
| • Меандешам, ки **чӣ гуна** кор мекунам: нақша, қадамҳо, вақт | • Бе нақша кор мекунам<br>Санҷиш намекунам ва ислоҳ намесозам |
| • Худамро месанҷам ва хатоҳоро ислоҳ мекунам | • Намеандешам, ки чӣ ба даст омад |
| • Хулоса мебарорам: «Ман чӣ омӯхтам? Чиро беҳтар анҷом медиҳам?» | • Аз саволҳо ва кумак худдорӣ мекунам |
| • Агар дармондам – кумак мепурсам ва онро истифода мебарам | • Мефаҳмам, ки омӯзиш танҳо дар дарс аст, на дар зиндагӣ |
| • Метавонам **дигареро омӯзонам** ё ба ҳамсинфам кумак кунам | • Наметавонам фаҳмонам ё ба дигарон кумак кунам |
| ***Омӯхтан – яъне донистани он ки барои чӣ, чӣ гуна ва чӣ чизро меомӯзӣ.*** | |

**Ба ҷои хулоса: қадамҳои хурд – роҳи бузург**

Арзёбии салоҳиятҳои калидӣ ин маҳорати пай бурдан, муҳокима кардан ва рушд додани он чизест, ки воқеан муҳим аст: чӣ гуна хонанда меандешад, ҳамкорӣ мекунад, кӯшиш мекунад ва меомӯзад. Оғоз кардан аз хурд мумкин аст – як воситаи санҷишии фаҳмо, як ёддошт, як савол барои инъикос. Муҳим он аст, ки он кор кунад ва қисми дарс бошад. Муҳим аст, ки дар хотир дорем:

- Содагӣ муҳимтар аз пуррагист – як воситаи коркунанда беҳтар аст аз низоми мураккаби истифоданашаванда.
- Амалҳоро тавсиф мекунем: «ӯ се саволи дақиқ дод ё ба гурӯҳ барои ба мувофиқа расидан кумак кард».
- Хонандагонро ба раванди арзёбӣ ҷалб мекунем – худбаҳодиҳӣ ва муҳокима салоҳиятҳоро фаҳмотар мегардонанд.

Ҳамин тавр, қадам ба қадам муҳите ташаккул меёбад, ки дар он на танҳо натиҷа, балки роҳи расидан ба он қадр карда мешавад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Муошират ва ҳамкорӣ дар ҳолатҳои воқеии омӯзишӣ зоҳир мешавад** — агар супоришҳо муҳокимаи муштарак, тақсими нақшҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли умумиро талаб кунанд.
2. **Маҳорати омӯхтан** ин на танҳо вазифаҳоро иҷро кардан, балки қобилияти бошуурона ба нақша гирифтан, баҳо додан ва танзим кардани кори худ аст.
3. **Арзёбии ташаккулдиҳанда** салоҳиятҳоро намоён мегардонад — варақаҳои санҷишӣ, рубрикаҳо, варақаҳои мушоҳида ва харитаҳои баромад ба шумо имкон медиҳанд, ки на танҳо натиҷа, балки равандро сабт кунед.
4. **Аз воситаҳои одӣ** — ёддошт, овеза, рӯйхати кутоҳи санҷишӣ оғоз кардан меарзад; тадриҷан ба шаклҳои мураккабтар, аз ҷумла баҳодиҳии худ ва баҳодҳхии ҳамдигар гузаштан мумкин аст.
5. **Таъсир ба таври мунтазам ва муҳокимаи муштарак бо хонандагон ба вуҷуд меояд** — истифодаи мунтазами усулҳо, муҳокимаи маъно ва меъёрҳои онҳо муҳим аст ва баъзан ба 2-3 қисматҳои асосӣ тамаркуз кардан кифоя аст.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Аз дарси имрӯза барои шумо чӣ **нав ё ғайриинтизор** буд?
2. Ба назари шумо, кадом усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда барои **пайгирии муошират ва ҳамкорӣ беҳтаринанд**? Чаро?
3. Кадом супоришҳое, ки шумо дар дарсҳо истифода мебаред, аллакай **ба рушди ин салоҳиятҳо мусоидат мекунанд**?
4. Дар супоришҳои шумо чӣ гуна **тағйирот ворид кардан** мумкин аст, то муошират ва ҳамкорӣ бештар огоҳона сурат гиранд?
5. Кадом 2–3 восита ё усул аз дарсро шумо **омодаед дар наздиктарин фурсат санҷед**? Чаро маҳз ҳаминҳоро?
6. Шумо **чӣ гуна муайян мекунед**, ки ин восита воқеан ба хонандагон дар беҳтар кардани ҳамкорӣ кумак мекунад?
7. Кадом усулҳо ба хонандагони шумо кумак мекунанд, ки ба **якдигар фикру мулоҳизаи созанда диҳанд**?
8. Чаро муҳим аст, ки **раванди кор сабт шавад**, на танҳо натиҷаи ниҳоӣ?
9. Чӣ гуна метавон **худбаҳодиҳӣ ва арзёбии мутақобиларо** ба кори гурӯҳӣ ё дунафара ворид кард, бе он ки дарсро аз ҳад зиёд мушкил созад?
10. Кадом қадамҳои одиро шумо метавонед аллакай пагоҳ анҷом диҳед, то **маҳорати омӯхтанро** дар хонандагон дастгирӣ кунед?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 4.4**

*Як ҷавоби дурустро интихоб кунед*

1. **Варақаи санҷишӣ барои кори гурӯҳӣ чӣ гуна метавонад ба рушди ҳамкорӣ мусоидат кунад?**
   A) Супоришро сода мекунад, то ҳамаи иштирокчиён онро иҷро карда тавонанд.
   B) Дар тақсими нақшҳо ва пайгирии иҷрои қадамҳо кумак мекунад.
   C) Зарурати муҳокимаро байни хонандагон аз байн мебарад.
   D) Масъулияти шахсии иштирокчиёнро барои натиҷа хориҷ мекунад.

2. **Саволҳои инъикоскунанда чӣ гуна ба рушди маҳорати омӯзиш мусоидат мекунанд?**
   A) Имкон медиҳанд раванди кор таҳлил карда шавад, на танҳо натиҷа.
   B) Таҳлили супоришро тавассути саволҳои гуногун сода мекунанд.
   C) Зарурати санҷиши донишҳоро аз байн мебаранд.
   D) Имкони интихоби роҳҳои иҷрои супоришро маҳдуд мекунанд.

3. **Чаро муфид аст, ки мақсад ва натиҷаҳои интизоршавандаро дар аввали дарс бо хонандагон муҳокима кунем?**
   A) Барои кам кардани вақти шарҳи маводи нав.
   B) Барои он ки хонандагон фаҳманд ва тавонанд кори худро банақша бигирад.
   C) Барои он ки гузоштани баҳоҳо объективӣ шавад.
   D) Барои кам кардани шумораи саволҳо ва супоришҳои дарсӣ.

4. **Чаро тақсимоти нақшҳо дар гурӯҳ бояд сабт шавад?**
   A) Барои он ки кор зудтар ба анҷом расад.
   B) Барои он ки иштироки ҳамаи аъзо таъмин шавад.
   C) Барои он ки супоришҳо такрор нашаванд.
   D) Барои он ки аъзои фаъолро баҳо диҳем.

5. **Овезаҳо ва ёддоштҳо чӣ гуна ба ташаккули маҳорати муоширaт мусоидат мекунанд?**
   **A) Қоидаҳои муоширатро ба таври визуалӣ нишон медиҳанд.**
   B) Дастурҳои шифоҳии омӯзгорро иваз мекунанд.
   C) Ҷавобҳои тайёрро пешниҳод мекунанд.
   D) Шаклҳои муоширатро маҳдуд мекунанд.

6. **Варақаи санҷишии мунтазами худбаҳодиҳӣ чӣ гуна ба маҳорати омӯхтан таъсир мерасонад?**
   A) Вобастагиро аз арзёбии беруна зиёд мекунад.
   B) Имкон медиҳад пешрафтро пайгирӣ кунем.
   C) Супоришҳоро тавассути ишораҳо сода мекунад.
   D) Фикру мулоҳизаи омӯзгорро иваз мекунад.

## МАШҒУЛИЯТИ 3

**НАТИҶАҲОИ ОМӮЗИШ:**

**3. Тақвият додани** зоҳиршавии салоҳиятҳои 4К+ дар вазъиятҳои таълимӣ.

**4. Тарҳрезӣ ва мутобиқ кардани** воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба вазъиятҳои таълимӣ.

### Кори амалии 1. Таҳияи мақсадҳои дарс

**Мақсад**: омӯхтани тарзи тақвият бахшидани тафаккури интиқодӣ дар супоришҳо, пурра кардани онҳо бо унсурҳои эҷодкорӣ ва шинос кардани хонандагон бо мақсадҳои дарс тавассути арзёбии ташаккулдиҳанда.

**Мавзуъ**: «Аморати Бухоро дар замони ҳукмронии амир Насрулло»

Омӯзгор хонандагонро дар гурӯҳҳо мутаҳид кард. Ҳар як гурӯҳ бояд:

- матнро мехонд, фикри асосиро ҷудо карда, онро бо суханони худ баён менамуд.
- 2–3 тағйироти ин давраро номбар мекард.
- барои пурсиши мутақобила бо гурӯҳҳои дигар се савол таҳия мекард.

Гурӯҳҳо тавонистанд фикри асосӣ ва хулосаҳои муҳимро муҳокима кунанд, аммо пурсиши мутақобиларо гузаронида натавонистанд.

**Супоришҳо барои гурӯҳҳо:**

1. Кадом супориш ва саволҳо дар ин вазъият аллакай ба рушди тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунанд? Шумо чӣ илова мекардед, то онро тақвият диҳед?
2. Варианти кори хонагӣ оид ба мавзуъ пешниҳод кунед, ки унсурҳои эҷодкориро дар бар гирад.
3. Бо назардошти мазмуни дарс, мақсадҳоро дар шакли натиҷаҳои интизоршаванда (он чизе ки хонанда то охири дарс бояд донад ва тавонад анҷом диҳад) тартиб диҳед.
4. Аз рӯйхати восчитаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда як воситаро интихоб кунед, ки бо ёрии он метавон ин мақсадҳоро дар аввали дарс бо хонандагон муҳокима кард.

**Усули интихобшудаdo дар шакли таҳия пешниҳод намоед:**

- номи усул;
- тавсифи кӯтоҳи 2–3 қадам – чӣ гуна онро мегузаронед;
- намунаи формулировкаҳо ё маводди визуалӣ, ки истифода хоҳед бурд.

УСУЛҲО:

- **«Зинаи муваффақият / Ҷадвали пешрафт»** – ба хонандагон пешниҳод кунед, ки арзёбӣ намоянд, дар кадом зинаи дониши мавзуъ ҳоло қарор доранд.
- **«Савол ба дарс»** – дарсро бо 2–3 савол оғоз намоед, ки хонандагон то анҷоми дарс тавонанд ба онҳо ҷавоб диҳанд.
- **«Нақша дар 3 қадам»** – дар тахта се амали асосиро нависед, ки барои расидан ба мақсад дар дарс бояд иҷро шаванд.
- **«Ман чиро метавонам?»** – мақсадҳоро тавассути маҳоратҳо баён намоед: «Пас аз омӯзиши дарс метавонам…».
- **«Харитаи роҳи дарс» -** Марҳилаҳои дарс ва натиҷаҳои интизоршавандаро дар шакли диаграмма кашед.

**Кори амалии 2. Тарҳрезии воситаҳои баҳодиҳӣ барои қисми мушаххаси дарс**

**Мақсад:** Омӯхтани он ки чӣ гуна унсурҳои тафаккури интиқодиро дар супоришҳои таълимӣ рушд додан мумкин аст, инчунин тарҳрезии асбобҳои содаи фикру мулоҳиза барои дарси мушаххас.

***Мавзуъ:** «Инкилоби якуми рус ва таъсири он ба Осиёи Миёна».*
Дар рафти дарс хонандагон дар гурӯҳҳо бо ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва харитаи империяи Русия дар ибтидои асри 20 кор карданд.
Ҳар як гурӯҳ ҷиҳати омӯзиши як ҷанбаи таъсири инқилоби солҳои 1905—1907 ба Осиёи Миёна супориш гирифтанд. Хонандагон сарчашмаҳоро таҳлил намуда, воқеаҳои асосиро муайяну сабабу оқибатҳоро муҳокима ва аз ҳаёти халқҳои Осиёи Миёна мисолҳо ҷустуҷӯ карданд. Пас аз ин гурӯҳҳо суҳбати рӯ ба рӯ гузарониданд.
**Вазифаи хонагӣ:**
Таъсири инқилоби якуми русро ба минтакаҳои гуногуни Осиёи Миёна бо истифода аз параметрҳои зерин муқоиса кунед: шаклҳои эътироз; ҷавоби ҳукумат; иштироки мардуми маҳаллӣ; оқибатҳои дарозмуддат. Натиҷаҳои муқоисаро дар ҷадвал пешниҳод кунед.

**Супоришҳо барои омӯзгорон**

**1. Таҳлили тафаккури интиқодӣ дар дарс**

- Кадом супориш ва саволҳо дар ин вазъият аллакай ба рушди тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунанд?
- Кадом савол ва супоришҳоро метавон илова кард, то унсури тафаккури интиқодиро тақвият бахшид?

**Ишора**: аз хусусиятҳои тафаккури интиқодӣ истифода баред: маҳорати таҳлили иттилоот, ошкор кардани робитаҳо, асоснок кардани хулосаҳо, истифодаи далелҳо барои шарҳи падидаҳо.

**Намунаи феълҳои амал**: муқоиса намо, шарҳ деҳ, арзёбӣ намо, интихоб кун, асоснок кун, пешниҳод кун.

**2. Нақшаи робитаи мутақобила бо хонандагон**

- Андеша кунед, ки чӣ гуна дар охири дарс метавонед аз хонандагон дар бораи он ки чӣ омӯхтанд ва чӣ чизро ҳанӯз бояд фаҳманд, робитаи мутақобила гиред.
  – Барои муҳокимаи шифоҳӣ ё «кортҳои баромад»-и хаттӣ 2–3 саволи инъикоскунанда, пешниҳод кунед.
  – Боварӣ ҳосил кунед, ки ин саволҳо на танҳо ҷамъбасти дарсро таъмин мекунанд, балки тафаккури интиқодиро низ таҳрик медиҳанд.

**3. Тарҳрезии воситаи санҷишӣ барои худбаҳодиҳӣ**

- Воситаи санҷишӣ барои худбаҳодиҳии кори гурӯҳӣ таҳия намоед, ки ба супориши дарс марбут бошад.
- Яке аз бандҳо ҳамчун намуна дода шудааст, боқимондаро худ фикр кунед:

| Имрӯз ман … | Ҳа | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Аз рӯи меъёрҳо таъсири инқилобро ба ду минтақаи Осиёи Миёна муқоиса кардам | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. | ☐ | ☐ | ☐ |

**Кори амалии 3. Тақвият бахшидани муошират ва ҳамкорӣ тавассути арзёбии ташаккулдиҳанда**

**Мақсад**: омӯхтани тарзи рушд додани салоҳиятҳои муошират ва ҳамкорӣ тавассути истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда.

**Мавзуъ**: Ҷанги сеюми англису-афғон ва эълони истиқлолияти Афғонистон

**Лоиҳаи хурд** (ду дарс). **Вазъият:** Шумо аъзои комиссияи таърихиед, ки рӯйдодҳои соли 1919-ро таҳқиқ мекунад, замоне ки Афғонистон барои истиқлол аз Британия мубориза мебурд. Вазифаи шумо —ҷараёни ҷанг, фаҳмидани сабабу паёмадҳо, инчунин арзёбии аҳамияти эълон шудани истиқлолият барои минтақаро муайян кардан.

**Супориш барои гурӯҳҳо.** Бо истифода аз харитаҳои таърихӣ, ҳуҷҷатҳо ва манбаъҳои иловагӣ, гурӯҳҳо бояд:

**1. Роҳҳои калидии пешравии нерӯҳои афғон ва британиро муайян кунанд** (ба хусусиятҳои ҷуғрофӣ таваҷҷуҳ намоянд: ағбаҳои кӯҳӣ, нуқтаҳои стратегӣ, марзҳо)

**2. Шароити гузаронидани ҷангро таҳлил намоянд**
- Релеф ва иқлим
- Захираҳои ҳарбии тарафҳо
- Дастгирии аҳолӣ
- Вазъи сиёсӣ дар минтақа

**3. Стратегияи тарафҳоро муҳокима кунанд**
- Афзалият ва камбудиҳои самтҳои интихобшуда
- Қарорҳои тактикӣ
- Таъсир ба натиҷаи ҷанг

**4. Лаҳзаи калидии ҷангро интихоб ва аҳамияти онро асоснок кунанд** (масалан, имзои шартномаи Равалпиндӣ, эълони истиқлол, паёмадҳои дипломатӣ)

5. **Хулосаҳои худро ба синф пешниҳод ва ба саволҳои гурӯҳҳои дигар ҷавоб диҳанд**

**Сохтори кор**

**• Дарси 1:**
- кори гурӯҳӣ: таҳлили харита ва манбаъҳо;
- муҳокимаи стратегияҳо ва рӯйдодҳои калидӣ;
- омодасозии рӯнамо.

**• Дарси 2:**
- ҳимояи лоиҳа;
- воситаи санҷишӣ: асоснокӣ, дақиқии таърихӣ, пешниҳоди визуалӣ;
- инъикос: чӣ омӯханд, чӣ хулосаҳо бароварданд.

**Нуқтаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда**

1. **Дар оғози кор** – таҳияи муштараки меъёрҳои муваффақият (чӣ бояд дар як лоиҳаи хуб бошад).
2. **Дар ҷараёни кори гурӯҳӣ** – истифодаи воситаҳо барои худбаҳодиҳӣ ва санҷиши мутақобила дар раванди кор.

3. **Пас аз ҳимояи лоиҳаҳо** – санҷиши мутақобила бо истифодаи ҳар гуна усулҳо, масалан «Ду ситора ва як орзӯ».
4. **Дар охири машғулият** – корти баромад.

**Супоришҳо барои омӯзгорон – дар гурӯҳҳо:**

1. Муайян намоед, ки кадом амалҳо дар мазмуни лоиҳа аллакай ба рушди муошират ва ҳамкорӣ мусоидат мекунанд.
2. Иловаҳо пешниҳод кунед, то салоҳиятҳоро тақвият бахшед.
3. **Меъёрҳои муваффақияти** ин лоиҳаро таҳия намоед (1 намуна дода шудааст, боқимондаро худатон фикр кунед).
4. **Варақаи санҷишӣ** таҳия намоед **барои супориши мушаххас**, ки ба хонандагон кумак мекунад лоиҳаро қадам ба қадам иҷро карда, марҳилаҳои муҳимро фаромӯш накунанд. (1 банд дода шудааст, боқимондаро худ илова кунед).
5. Ду-се усул барои санҷиши мутақобила интихоб кунед, ки ба ин мавзуъ мувофиқ бошанд.
6. 2–3 савол барои корти баромад тартиб диҳед.

**Меъёрҳои лоиҳаи муваффақ**
*Намуна:*

- Лоиҳа на камтар аз ду самти эҳтимолии рафту бозгаштро дар бар мегирад.
- ______________________________________________
- ______________________________________________

**2. Варақаи санҷишӣ барои супориши мушаххас**

| Марҳилаи кор | Ҳа | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Мо ҳамаи самтҳои эҳтимолии ҳаракати неруҳои афғон ва британиро муайян кардем | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. | ☐ | ☐ | ☐ |

**3. Арзёбии лоиҳаҳои ҳамдигар – усулҳо:**
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

**4. Корти баромад**

## Кори амалии 4. Аз ақида – ба амал

**Мақсад:** интихоб ва тақсим кардани муфидтарин восита ва усулҳо аз мавзуъҳои 4.1 ва 4.2, ки метавон дар дарсҳои наздик истифода бурд.

**Супориши инфиродӣ:**

1. Маводди мавзуъҳои 4.1 ва 4.2-ро мутолиа намоед.
2. Онҳое, ки таваҷҷуҳи шуморо ҷалб карданд, қайд намоед.
3. Онҳоро ба се категория тақсим намоед. **Дар ҳар категория 2–3 усул ё восита нависед:**
   - **Фардо озмоиш мекунам** – қадамҳои сода, ки метавон фавран татбиқ кард.
   - **Баъдтар истифода мекунам** – он чизҳое, ки омодагӣ ё мутобиқсозиро талаб мекунанд.
   - **Ба кор меояд** – ғояҳои муфид барои оянда.

| Фардо озмоиш мекунам | Баъдтар истифода мекунам | Ба кор меояд |
|---|---|---|
| 1.<br>2.<br>3. | 1.<br>2.<br>3. | 1.<br>2.<br>3. |

Категорияҳоро бо ҳар тартиб пур намоед. Баъдан 1–2 усули интихобкардаро ба ҳамкорон шарҳ диҳед, ки чаро маҳз онҳоро интихоб кардед.

**Адабиёт ва сарчашмаҳо**


1. **Капустин Н. П.**
   *Формирующее оценивание в образовательной практике* — М.: Просвещение, 2019.
   Базовое пособие по видам и функциям оценивания в современной школе.
   https://www.elibrary.ru/item.asp?id=41876249
2. **Короткова Е. И.**
   *Как оценивать метапредметные результаты?* — М.: Вентана-Граф, 2020.
   Практические рекомендации для учителей истории и обществознания.
3. **Луценко И. М.**
   *Оценка образовательных результатов: муносибати босалоҳият* — М., 2017.
   Рассматриваются виды заданий, методы оценки 4К-навыков, рубрики и варақаи санҷишӣ.
   https://elibrary.ru/item.asp?id=29938225
4. **Хуторской А. В.**
   *Муносибати босалоҳият в образовании: концепция и технологии* — М., 2016.
   Подробно о диагностике и инструментах компетентностного оценивания.
   https://www.elibrary.ru/item.asp?id=26486398

   **Методические пособия:**
5. **ФИОКО, РАНХиГС.**
   *Методика оценивания функциональной грамотности учащихся* — Москва, 2021.
   https://fioco.ru — в разделе «Методические материалы».
6. **Методические рекомендации по формирующему оцениванию (ФГОС)**
   (Институт стратегии образования РАО)
   https://fgosreestr.ru — ищите по ключевым словам "формирующее оценивание"
7. **Портал проекта PISA для учителей**
   Задания, подходы к оцениванию, шкалы.
   https://pisa.testcenter.ru

   **Журнальные статьи:**
8. **Виноградова Н. Ф.**
   *Оценка учебных достижений в рамках компетентностного подхода* // Вестник образования, №4, 2021.
   Рассматриваются кейсы и примеры на уроках истории.
9. **Селевко Г. К.**
   *Мониторинг образовательных достижений как часть оценивания* // Педагогика, №3, 2020.
10. **OECD (PISA 2022 Assessment Framework)**
    Международные модели оценивания ключевых компетенций.
    https://www.oecd.org/pisa/
11. **Brookhart, S. M.** *How to Create and Use Rubrics for Formative Assessment and Grading* — ASCD, 2013. Практическое руководство по созданию и применению рубрик. https://www.ascd.org/books.
12. Маҷаллаи «Омӯзгор ва замон». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. – Душанбе, дастрас аз: https://takmili-ihtisos.tj/?page_id=1309.
13. Маҷаллаи «Омӯзгори муосир». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе.
14. Маҷаллаи «Роҳнамои омӯзгор». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон.